# МАЪРИФАТИ ҚУРЪОНИ КАРИМ

Китобхонаи Мероси Абуҳанифа

| Унвон: | Маърифати Қуръони карим |
|---|---|
| Мавзӯъ: | Қуръон – шиносоии мухтасар бо илмҳои қуръонӣ, аз ҷумла таърихи навиштан ва ҷамъоварӣ, илми тафсир, илми носиху мансух, илми нузули Қуръон, оятҳои мутлақ ва муқайяд, ом ва хос ва ғайра. |
| Соли нашр: | 1444 ҳ. қ., августи соли 2022 мелодӣ |
| Теъдоди саҳифаҳо: | 112 |
| Манбаъ: | Сайти Мероси Абуҳанифа |

**Ин китоб аз сайти китобхонаи Мероси Абуҳанифа гирифта шуда ва аз тарафи ҳайати ҳамин китобхона таълиф шудааст.**

**www.merosi-abuhanifa.com**

**Почтаи электронӣ: book@merosi-abuhanifa.com**

Дар нашри маводҳои исломӣ саҳмгузор бошем, чуноне Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мефармоянд: ***“Аз ман ба дигарон бирасонед, ҳатто агар як оят ҳам бошад...”*** (Бухорӣ, 3461)

# Мундариҷа


Пешгуфтор ........ 4

Маърифати 1-ум: Шиносоии Қуръони карим ва баён намудани номҳо ва сифатҳои он. ........ 5

Маърифати 2-юм: Нузули Қуръони карим ........ 6

Маърифати 3-юм: Тадвини Қуръони карим ........ 8

Маърифати 4-ум: Ҷамъ кардани Қуръони карим дар саҳифаҳо ........ 9

Маърифати 5-ум: Тартиби сураҳои Қуръони карим ва ба пораҳо тақсим шудани он ........ 10

Маърифати 6-ум: Равиши таълим гирифтани Қуръони карим ........ 11

Маърифати 7-ум: Тафсири Қуръони карим ........ 12

Маърифати 8-ум: Беҳтарин навъҳои тафсири Қуръони карим ........ 13

Маърифати 9-ум: Эъҷози Қуръони карим ........ 15

Маърифати 10-ум: Тарҷумаи маънои оятҳои Қуръони карим ........ 17

Маърифати 11-ум: Маълумот дар бораи Қуръони карим ........ 18

Маърифати 12-ум: Қуръон барномаи ҳидоят ва мӯъҷизаи ҷовидонаи Ислом аст ........ 20

Маърифати 13-ум: Аллоҳ таъоло омилҳои ҷовидонагиро дар каломи худ ниҳодааст ........ 21

Маърифати 14-ум: Баёни эъҷози илмии Қуръони карим ........ 23

Маърифати 15-ум: Эъҷози Қуръони карим дар замони муосир ........ 26

Маърифати 16-ум: Ҷанбаҳои эъҷози илмии Қуръони карим ........ 29

Маърифати 17-ум: Ҳикмати такроршавии матлабҳо ва қиссаҳои қуръонӣ ........ 30

Маърифати 18-ум: Тарҷума ва тафсири Қуръони карим ........ 31

Маърифати 19-ум: Нозил шудани оятҳо дар Макка ва дар Мадина ........ 34

Маърифати 20-ум: Муҳимтарин мақсадҳо ва ҳадафҳои Қуръони карим ........ 37

Маърифати 21-ум: Шароит ва зарфиятҳои илми муфассир ........ 40

Маърифати 22-юм: Шароит ва зарфиятҳои ақлӣ, динӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ барои муфассир ........ 43

Маърифати 23-юм: Баёни ҳақиқати илми тафсир ........ 44

Маърифати 24-ум: Тафсирҳо аз назари ҳаҷму сохтор ва баёни маонии онҳо ........ 49

Маърифати 25-ум: Тафсири Қуръон бо Қуръон ........ 50

Маърифати 26-ум: Тафсири Қуръон бо суннати набавӣ ........ 51

Маърифати 27-ум: Зикри баъзе тафсирҳо аз ҷиҳати равиши тафсирӣ. ........ 52

Маърифати 28-ум: Пайдоиши илми тафсир ........ 53

Маърифати 29-ум: Марҳалаи аввали таъсисёбии илми тафсир ........ 54

Маърифати 30-юм: Назарияҳои уламои тафсир дар оятҳои қуръонӣ. ........ 56

Маърифати 31-ум: Марҳалаи дуввуми таъсисёбии илми тафсир ........ 56

Маърифати 32-юм: Шарҳи ҳоли машҳуртарин муфассирони асҳоби Расули акрам алайҳиссалом ........ 58

Маърифати 33-юм: Мактабҳои тафсир дар марҳалаи дуввум ........ 60

Маърифати 34-ум: Машҳуртарин муфассирони тобеъин ........ 61

Маърифати 35-ум: Марҳалаи сеюми таъсисёбии илми тафсир ........ 64

Маърифати 36-ум: Марҳалаи устуворӣ ва таҳкими пояҳои илми тафсир ........ 65

Маърифати 37-ум: Марҳалаи самтгароии тафсир....66
Маърифати 38-ум: Сабаби роҳ ёфтани исроилиёт ба китобҳои тафсир....68
Маърифати 39-ум: Сабаби роҳ ёфтани мавзӯот ба китобҳои тафсир....72
Маърифати 40-ум: Марҳалаи таҷдид ва ё асри нави тафсир....75
Маърифати 41-ум: Шинохт ба тафсирҳои муосир ва нав....77
Маърифати 42-юм: Асосҳои ба даст овардани мақсади нузули Қуръони карим....79
Маърифати 43-юм: Нузули Қуръони карим....80
Маърифати 44-ум: Ҳикмати нозил шудани Қуръон бар 2-навъ....81
Маърифати 45-ум: Ваҳйи илоҳӣ ва ҳоҷати башарият ба он....82
Маърифати 46-ум: Ваҳй ва намудҳои он дар шариъат....84
Маърифати 47-ум: Нузули Қуръони карим ба 7-ҳарф....85
Маърифати 48-ум: Насх дар Қуръони карим....88
Маърифати 49-ум: Тақсимоти насх дар шариъат....89
Маърифати 50-ум: Аҳкоми қасам дар Қуръони карим....91
Маърифати 51-ум: Муҳкам ва муташобеҳ дар Қуръони карим....94
Маърифати 52-юм: Муҷмал ва мубайян дар Қуръони карим....98
Маърифати 53-юм: Ом ва хос....101
Маърифати 54-ум: Мутлақ ва муқайяд....102
Маърифати 55-ум: Марҳалаи муҳим барои дарки дурусти матлабҳои Қуръони карим....103
Хотима ва тавсияҳои китоб....108
Адабиёти истифодашуда....112

بسم الله الرحمن الرحيم

**Ба номи Аллоҳи бениҳоят бахшанда ва меҳрубон**

## Пешгуфтор

Ҳамду ситоиш Аллоҳро, ки Парвардигори ҷаҳониён аст. Аллоҳ таъоло дар китоби худ чунин мефармояд:

قَدْ جَآءَكُم مِّنَ ٱللَّهِ نُورٌ وَكِتَٰبٌ مُّبِينٌ

**"Ба таҳқиқ, ки шуморо аз тарафи Аллоҳ нуре ва китоби равшане омад."** Дуруд ва салом бар ашрафи анбиё, Паёмбарамон Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки фармудаанд:

خيركم من تعلم القرآن وعلمه

***"Беҳтарини шумо касе аст, ки Қуръонро биомӯзад ва онро ба дигарон таълим бидиҳад."*** Ҳамчунин Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд: ***"Аз ман ба дигарон бирасонед, ҳатто агар як оят ҳам бошад..."***[1] Манзур аз таълифи ин китоб низ таҳқиқи фармудаҳои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошанд ва ҳамчунин барои хидмат барои бародарони тоҷикзабон аст, то аз ин китоб истифодаи комил бубаранд.

Аллоҳ таъоло Қуръони каримро бо тамоми ҳарф ва маъноҳояш бар Расули худ ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил кардааст ва ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳамчун чароғи тобон барои ҷаҳониён раҳмат, муждадиҳанда, бимдиҳанда ва ба фармони Аллоҳ ҳамаро даъваткунанда ба сӯи ибодати Ӯ буд.

Ҷои зикр аст, ки манзур аз истифодаи лафзи *“маърифат”*, ки дар ҳар боби ин китоб барои хонанда равшан мешавад, ин яъне *“илм, дониш, шинохт, фаҳм ва дарк”*-и мавзӯъҳои матраҳшуда мебошад. Мутаассифона имрӯзҳо матолиб ва маводҳои диние, ки бо хатти тоҷикӣ дар бораи маърифати тавҳид, Қуръон ва ё илмҳои қуръонӣ навишта шудаанд, хеле кам ва ба таври фишурда нашр гардидаанд,

[1] Бухорӣ, 3461

гарчанде ки ин китоб ҳам ҳамаи мавзӯъҳоро муфассалан баён намекунад, балки масъалаҳои муҳиммеро дар робито бо шинохт ва маърифати Қуръон мухтасаран барои хонандагон возеҳ ва ошкор месозад.

Бояд барои хонандагон инро низ қайд кард, ки равиш ва услубе, ки дар ин китоб истифода шудааст, равиши Аҳли суннат ва ҷамоъат буда, тибқи дастуроти уламо ва соҳибандешони садри Ислом мебошад. Тарҷумаҳо ва тафсирҳое, ки дар ин китоб зикр карда шудаанд, тарҷумаҳои озод ва маъноӣ буда, аз овардани тарҷумаҳои таҳтуллафзӣ худдорӣ шудааст, зеро манзур расонидан ва фаҳмонидани паёмҳои илоҳӣ ба хонандагон мебошад. Ин китоб ғолибан баргирифта аз чандин китобҳоест, ки дар саҳифаи охир феҳристи онҳо қайд карда шудаанд ва дар баъзе маворид бо тағйироти куллӣ ва дар баъзе мавориди дигар бо тағйироти қисмӣ аз манбаъҳои аслӣ истифода шудааст. Овардани тағйирот бар он манзур аст, ки дар китобҳои истифодашуда баъзе ҳолатҳо ва шарҳҳое вуҷуд доранд, ки мутаассифона тибқи ақида ва равиши Аҳли суннат ва ҷамоъат намебошанд ва ё масалан аз равиши аҳли Калом ва монанди онҳо истифода шудаанд. Ҳамчунин барои осонфаҳм шудани китоб барои мутолиъакунандагон аз овардани ҳошияҳо дар матни китоб низ сарфи назар карда шудааст.

Мақсад аз ҷамъоварӣ ва тартиббандии ин китоб он аст, ки хонандагон битавонанд бо осонӣ аз равиши имомони чаҳоргонаи Аҳли суннат ва тибқи дастуроти Паёмбари акрам саллаллоҳу алайҳи ва саллам маълумоти дақиқ ва саҳеҳ аз Қуръони карим ва иломҳои он дошта бошанд.

## Маърифати 1-ум: Шиносоии Қуръони карим ва баён намудани номҳо ва сифатҳои он.

Қуръони карим ба тариқи ваҳй бо тамоми лафз ва маънояш бар Расулуллоҳ ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шудааст. Қуръон дар китоб навишта шуда, ба тариқи тавотур[2] нақл карда шуда ва тиловати он бошад ибодат ба ҳисоб меравад. Аллоҳ таъоло ваҳйеро, ки бар Расули худаш ҳазрати Муҳаммад

[2] Тавотур – яъне пайи ҳам ва ё ба шакле, ки гурӯҳе аз гурӯҳи дигар онро бефосила аз ҳамдигар нақл кардаанд ва гумони дурӯғ будан дар он аслан вуҷуд надорад.

саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил кардааст, онро Қуръон номидааст. Чунонки Аллоҳ таъоло мефармояд:

إِنَّا نَحْنُ نَزَّلْنَا عَلَيْكَ ٱلْقُرْءَانَ تَنزِيلًا

**"Ҳароина Мо Қуръонро ба тадриҷ (ҷузъ-ҷузъ) бар ту нозил кардаем."** (Инсон, 23)

Шаъну шараф ва бузургии Қуръон ин аст, ки онро ҳам хонда мешавад ва ҳам тиловат карда мешавад. Инсон низ бояд Қуръонро ҳамеша чи аз рӯҳонӣ бошад ё аз рӯи ҳифз, бихонад ва ё тиловат бикунад. Аллоҳ таъоло дар ин оят Қуръонро китоб низ номидааст:

إِنَّآ أَنزَلْنَآ إِلَيْكَ ٱلْكِتَٰبَ بِٱلْحَقِّ

**"Мо ин китобро ба ростӣ ба ту нозил кардаем."** (Нисо, 105) Яке аз шаъну шараф ва бузургии дигари Қуръон ин аст, ки он дар китобу саҳифаҳо навишта мешавад, вале бо он беэҳтиромӣ карда намешавад. Аллоҳ таъоло аз миёни фариштагону мардумон Расулонеро ихтиёр мекунад, ки онҳо шоиста ва сазовори ин масъулияти бузурганд, зеро Ӯ таъоло худ донотар аст, ки чи касоне лоиқ ва шоёни ин амонати азиманд. Дар ин замина Аллоҳ таъоло чунин мефармояд:

وَرَبُّكَ يَخْلُقُ ما يَشاءُ وَيَختارُ

**"Парвардигори ту ҳар чиро, ки бихоҳад меофаринад ва ихтиёр мекунад."** (Қасас, 68)

## Маърифати 2-юм: Нузули Қуръони карим

Фурӯд омадани ваҳй бар Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам рӯзи душанбеи 17-уми моҳи муборaки Рамазон, мутобиқ ба соли 610-и милодӣ дар ғори Ҳиро ба воситаи Ҷабраил алайҳиссалом буд ва аввалин оятҳои аз Қуръони карим нозилшуда, панҷ ояти аввал аз сураи Алақ мебошанд. Чунонки Аллоҳ таъоло мефармояд:

ٱقْرَأْ بِٱسْمِ رَبِّكَ ٱلَّذِى خَلَقَ ﴿١﴾ خَلَقَ ٱلْإِنسَٰنَ مِنْ عَلَقٍ ﴿٢﴾ ٱقْرَأْ وَرَبُّكَ ٱلْأَكْرَمُ ﴿٣﴾ ٱلَّذِى عَلَّمَ بِٱلْقَلَمِ ﴿٤﴾ عَلَّمَ ٱلْإِنسَٰنَ مَا لَمْ يَعْلَمْ ﴿٥﴾

**"Эй Паёмбар, бихон ба номи Парвардигорат, ки ҳастиро офарид. Ҳамон Парвардигоре, ки инсонро аз хуни баста офарид. Бихон ва Парвардигорат аз ҳама бузургвортар аст ва Ӯ ҳамон касе аст, ки ба василаи қалам навиштанро омӯхт. Ба инсон ончиро, ки намедонист, омӯхт ва инсонро аз торикиҳои ҷаҳл ба нури илм овард."** Баъд аз фурӯд омадани ин панҷ ояти зикршуда, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба назди аҳли худ баргашт, дар ҳоле ки дилаш аз тарс метапид ва ҳамсари худ модари мӯъминон Хадиҷа бинти Хувайлидро аз саргузашти худ огоҳ намуд ва барояш гуфт: *"Хеле тарсидаам."* Хадиҷа гуфт: *"Зинҳор ва ҳаргиз матарс! Мужда бод туро! Савганд ба Аллоҳ, ки Ӯ ҳеҷ гоҳ туро хор насозад. Ба ростӣ ту он касе ҳастӣ, ки поси хешовандӣ ба ҷой меоварӣ ва росгӯӣ ҳастӣ, бечорагонро дастгирӣ менамоӣ, нодоронро парасторӣ ва меҳмонро навозиш мекунӣ ва дар мусибатҳо ва ҳаводиси рӯзгор дастгири мардум мебошӣ."* Сипас Хадиҷа ӯро ба назди писари амаки худ Варақа писари Навфал овард, ки ӯ марди донову ҳаким буд. Хадиҷа разияллоҳу анҳо гуфт: *"Эй писари амак! Саргузашти бародарзодаатро бишнав."* Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ончи дида буд барои ӯ нақл кард. Варақа писари Навфал барояш гуфт: *"Ин ҳамон фариштае мебошад, ки Аллоҳ ба Мусо алайҳиссалом фиристода буд. Эй кош, ки онгоҳ даврони ҷавонии ман мебуд. Эй кош, ки ман зинда бимонам то он рӯз, ки қавмат туро аз диёрат биронанд."* Паёмбар саллаллоху алайҳи ва саллам пурсид: *"Оё онҳо маро аз диёрам берун меронанд?"* Варақа фармуд: *"Бале, чунин мекунанд. Ҳар кас, ки ончи ту овардаӣ биёвард, мавриди душманӣ қарор гирифт. Агар он рӯзро дарёбам, тавонмандона ба нусрати ту бархезам."* Вале аз ин суҳбат дере нагузашта буд, ки Варақа аз ин ҷаҳон чашм пӯшид.

Қуръони карим монанди китобҳои Паёмбарони пешина дар як бор фурӯд наомадааст, балки дар тӯли 23-сол кам-кам нозил шудааст. Гоҳе як сура ба пуррагӣ ва гоҳе бошад чанд оят аз сурае нозил мешуд. Ҳикмат аз кам-кам нозил шудани Қуръони карим ва пай дар пай фурӯд омадани Ҷабраил ба ҳузури Паёмбар бо ваҳй, устувор ва пойдор доштани дили Паёмбар Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад, то ки дар аввали биъсати паёмбарӣ дар муқобили сарзаниши мушрикон ва

зиддияти онҳо сахт устувору пойдор бошад. Чунонки Аллоҳ таъоло дар сураи Фурқон, ояти 32 мефармояд:

وَقَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَوْلَا نُزِّلَ عَلَيْهِ ٱلْقُرْءَانُ جُمْلَةً وَٰحِدَةً ۚ كَذَٰلِكَ لِنُثَبِّتَ بِهِۦ فُؤَادَكَ ۖ وَرَتَّلْنَٰهُ تَرْتِيلًا

**"Кофирон гуфтанд: "Чаро ин Қуръон якбора бар ӯ нозил намешавад?" Ин барои он аст, ки дили туро тавассути он устувор созем ва Мо онро ба оҳистагӣ ва бо тартиб хондем."** Инчунин дар кам-кам нозил шудани Қуръони карим ҳикмати бузурги тарбиявии дигаре ҳам вуҷуд дорад, ки он зина ба зина тарбия гирифтани мӯъминон аз илму амал ва аҳкоми диншон аст, то дар омӯхтан ва фаҳмидани он осонӣ пайдо кунанд ва аз торикиҳои ҷаҳл, куфр ва ширке, ки дар он ҳаёт ба сар мебурданд, ба сӯи нури имон, тавҳид[3] ва илм берун оянд.

## Маърифати 3-юм: Тадвини Қуръони карим

Тадвин, яъне Қуръонро навишта ва дар саҳифаҳо ҷамъ овардан аст. Муҳимтарин роҳи нигоҳ доштани матнҳо навиштани он аст ва сухане, ки навишта намешавад боиси фаромӯшӣ мегардад. Қуръони карим, то рӯзи қиёмат, ки ҳамчун раҳнамо барои ҷаҳониён нозил шудааст, ҳатман навиштани он зарур аст. Ба дурустӣ, навиштани Қуръони карим бо ғамхорӣ ва эҳтимому саъю кӯшиши Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам буд. Ба ин далел, ки ҳатто баъзе аз асҳоби худро, ки лаёқат ва маҳорати китобат дошта буданд, ба навиштани Қуръони карим амр намуда буданд ва барои навиштани ваҳйи илоҳӣ аз онҳо котиб ва нависандаи ваҳй ихтиёр карда буданд. Аз ҳама машҳуртарини онҳо дар навиштани ваҳйи илоҳӣ Зайд ибни Собити Ансорӣ разияллоҳу анҳу буд.

Одатан ҳар вақте ки ваҳй нозил мешуд, Паёмбар алайҳиссалом онро ҳифз мекарданд, баъд аз он ба яке аз котибони ваҳй мефармуданд, то онро бинависад. Ҳамзамон мефармуданд: ***"Ин оятро дар сурае, ки дар он чунин ва чунон зикр шудааст, бигузоред."***[4] Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам сураро барояшон номгузорӣ мекарданд ва ба онҳо навиштани оятҳояшро фармоиш медоданд. Баъд аз он асҳоби худро ба омӯхтан ва ёд намудани ончи ки нозил мешуд, амр мекарданд.

[3] Тавҳид – яъне танҳо Аллоҳ таъолоро ибодат кардан.
[4] Сунани Абудовуд, 786 / ҳадиси саҳеҳ аст.

Қуръони карим дар замони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар пӯст навишта шуда буд.[5] Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳар сол дар назди Ҷабраил алайҳиссалом Қуръони каримро ба такрор мегузаронидaнд ва дар соле, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз дунё гузаштанд, 2-маротиба Қуръонро бо риоя кардани тартиби оёт ва сураҳояш дар назди Ҷабраил ба такрор гузаронидaнд, чуноне ки имрӯзҳо Қуръон дар дасти мусалмонон аз рӯи тартиби оятҳо ва сураҳояш мавҷуд аст. Инро гуфтаи Аллоҳ таъоло дар сураи Қиёмат дар оятҳои 17-18 таҳқиқ ва исбот мекунад:

إِنَّ عَلَيْنَا جَمْعَهُۥ وَقُرْءَانَهُۥ ﴿١٧﴾ فَإِذَا قَرَأْنَٰهُ فَٱتَّبِعْ قُرْءَانَهُۥ

**"Ҳароина, ҷамъ овардан ва хондани Қуръон бар ухдаи Мост, баъд аз он ҳар куҷо, ки бихоҳӣ онро бихон, ки онро фаромӯш нахоҳӣ кард. Зеро Мо Қуръонро ба забони Ҷабраил алайҳиссалом бар ту хондем, ба диққат ба он гӯш фаро деҳ ва аз хондани он пайравӣ бикун."** Ҳамчунин Аллоҳ таъоло дар сураи Аъло, ояти 6 мефармояд:

سَنُقْرِئُكَ فَلَا تَنسَىٰٓ

**"Мо Қуръонро барои ту эй Расул хоҳем хонд ва ту дигар онро фаромӯш нахоҳӣ кард."**

## Маърифати 4-ум: Ҷамъ кардани Қуръони карим дар саҳифаҳо

Баъд аз вафоти Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам халифаи аввал ҳазрати Абубакри Сиддиқ разияллоҳу анҳу барои ба тартиб ҷамъ кардани Қуръони карим дар варақҳо амр намуд, то чизе аз Қуръон ба сабаби вафоти ҳофизон ё ба талаф ёфтани пӯстҳои навиштaшуда аз байн наравад. Ин кори муҳимро нависандаи ваҳй Зайд ибни Собит разияллоҳу анҳу, пас аз муроҷиат ва таъкид намудани он саҳифаҳо ва бо муқоиса намудани онҷи дар ҳифзи одамон буд ва мувофиқатӣ намуданаш, ба ӯҳда гирифт. Баъд аз он, он саҳифаҳо дар хонаи Абубакри Сиддиқ разияллоҳу анҳу, сипас баъд аз вафоти Абубакри Сиддиқ разияллоҳу анҳу дар хонаи халифаи дуюм Умар ибни Хаттоб разияллоҳу анҳу ва баъд аз вафоти Умар ибни Хаттоб разияллоҳу

[5] Саҳеҳи Бухорӣ, 4592 ва 4593

анҳу дар хонаи ҳамсари Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам модари мӯъминон Ҳафса бинти Умар разияллоҳу анҳумо нигоҳ дошта шуданд.[6] Ҳангоме, ки Ислом мунташир ва паҳн гашт, мусалмонон ба хондани Қуръон ниёзманд шуданд ва баъзе аз саҳобагон ба халифаи сеюм Усмон ибни Аффон разияллоҳу анҳу машварат доданд, ки мардумро ба яке аз қироатҳои ҳафтгонаи Қуръон ҷамъ оварад, то мардум дар қироаташон ба ӯ иқтидо намоянд. (Қироатҳои ҳафтгонаи Қуръон низ дар шакли мутавотир ривоят шудаанд) Пас Усмон разияллоҳу анҳу ҷамоъатеро аз ҳофизони Қуръони карим, онҳое, ки лаёқат ва маҳорати навиштанро доштанд, амр намуд, ки ин амри муҳимро анҷом диҳанд. Бо сардории Зайд ибни Собит разияллоҳу анҳу саҳифаҳоеро, ки дар замони Абубакри Сиддиқ разияллоҳу анҳу ҷамъ оварда шуда буд, ҳамаро дар як китоб ҷамъ оварданд ва чанд нусха аз он китоб гирифтанд ва ба тамоми кишварҳои исломӣ фиристоданд. Ҳамаи мусалмононро ҳазрати Усмон разияллоҳу анҳу амр намуд, ки аз ҳамин нусхаи фиристодашуда рӯйбардор намоянд. Имрӯз ин Қуръонҳое, ки дар тамоми олам вуҷуд доранд, хоҳ дастнавис бошанд ва хоҳ чопшуда, асли ҳамаи онҳо аз ҳамон Қуръонест, ки дар замони халифа Усмон ибни Аффон разияллоҳу анҳу рӯйбардоршуда ва ба тамоми кишварҳои исломӣ фиристода шуда буд. Аз онҳо то имрӯз ҳеҷгуна тағйирот на дар матн ва на дар тартиби он ёфт намешавад ва то имрӯз мусалмонон ба Қуръон аҳамияти бузург медиҳанд ва онро бо чопҳои мухталиф ва бо дастгоҳҳои замонавӣ нашр мекунанд, ки ин ҳамон Қуръонест, ки дар замони Усмон ибни Аффон разияллоҳу анҳу навишта шуда буд. То имрӯз мусалмонон дар масъалаи чоп ва нашри Қуръони карим аз василаҳои навтарини чоп истифода мебаранд ва онро бо беҳтарин сифати расмулхати усмонӣ[7] нашр ва аломатгузорӣ намудаанд.

## Маърифати 5-ум: Тартиби сураҳои Қуръони карим ва ба пораҳо тақсим шудани он

Қуръони карим аз сураи Фотиҳа оғоз шуда ва бо сураи Нос хотима меёбад. Қуръон аз 114-сура иборат аст ва ин тартиби тавқифӣ аст, яъне тартиби ҷойгиршавии

[6] Саҳеҳи Бухорӣ, 4986
[7] Расмулхати усмонӣ ба он хотир гуфта мешавад, ки матни Қуръон дар шакли мазкур дар замони халифаи сеюм Усмон ибни Аффон разияллоҳу анҳу китобат шудааст.

сураҳои он аз рӯи нишондоди Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам гузошта шудааст, на аз рӯи тартиби нозил шудани он. Зеро аввалин сура, ки нозил шудааст, ин сураи Алақ буд, аммо аз рӯи тартиб бошад ин сура дар шумораи 96-уми сураи Қуръон қарор дорад. Донӣ раҳматуллоҳи алайҳ дар китоби *"Муқниъ"* дар саҳифаи 8 аз Имом Молик ибни Анас нақл кардааст, ки мегӯяд: ***"Саҳобагон тартиби оятҳо ва сураҳоро аз рӯи қироати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам медонистанд."***

Имрӯз Қуръон аз 30-ҷузъ (пора) иборат аст, ки ҳар пора ба 2-ҳизб тақсим мешавад ва ҳар ҳизб бошад ба 4-рубъ тақсим мешавад, яъне дар маҷмӯъ Қуръонро мешавад чунин тақсимбандӣ кард, ки он аз 114-сура, аз 30-пора, аз 60-ҳизб ва аз 240-рубъ, ки ҳар рубъе дорои 2,5 саҳифа мебошад, иборат аст. Ин тақсимот аз рӯи иҷтиҳоди уламо тартиббандӣ шудааст, бо мақсади он ки хондани Қуръони карим бар мусалмонон осон шавад.

## Маърифати 6-ум: Равиши таълим гирифтани Қуръони карим

Мусалмонон барои омӯхтани Қуръони карим, ҳифз кардани матни он ва тиловати он ҳамчуноне, ки ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шудааст, аҳамияти бузурге додаанд. Қориҳо ва ҳофизони асҳоби Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои тобеин чунон таълим медоданд, ки онҳо матни Қуръонро аз худ мекарданд ва назди ҳар як оят таваққуф мекарданд, то аз маънои он оят бархӯрдор шуда, ба он амал намоянд ва онҳо дар натиҷа ҳам илм ва ҳам амалро аз худ карданд. Баъд аз он тобеин барои қориҳо мадрасаҳо бино карданд ва он таълимотеро, ки аз саҳобагон омӯхта буданд, барои қориҳо омӯзонданд. Таълимоте, ки тобеин аз саҳобагон гирифта буданд, аз чанд ҷанба иборат буд, ки он риоя кардани тиловат, ёд кардани матни он, шуморидани ҳарфҳову калимаҳои он, риоя кардани тартиби сураҳову оятҳои он ва бо таҷвид хондан, яъне чи гуна баровардани ҳарфҳо аз махраҷҳояш ва дар куҷо таваққуф кардани он мебошад ва бо ҳамин тарзи зикршуда, тобеин омӯхтани Қуръон ва ёд кардани онро таълим медоданд. Яке аз услуби таълим гирифтани Қуръон ин буд, ки таълимгиранда мустақиман аз забони

устоди худ бо забони арабии фасеҳ бе дигаргунии қироъати он таълим мегирифт, ҳамчунон ки Қуръон бар Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шуда буд.

Қуръони карим ба чанд намуд қироат хонда мешавад ва он чигуна ба ҷой овардани калимаҳои Қуръон ва ҳарфҳояш ва чигуна талаффузи он мебошад, чунон ки тобеин аз саҳобагон ва саҳобагон аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам таълим гирифтанд. Машҳуртарин қироат дар асри мо ба ривояти Дурӣ аз Абуамри Басрӣ ва ривояти Қолун аз Нофеъ қироати Осим ва шогирди он Ҳафс ибни Сулаймон ва қироати Нофеъ ва шогирди он Усмон ибни Саъид, ки лақаби он Варш аст, мебошад.

## Маърифати 7-ум: Тафсири Қуръони карим

Тафсири Қуръон, ин яъне баён намудани маъно, фаҳм ва далолати он мебошад. Ба дурустӣ, ки дар тафсир мақсади сухан бо далолат ва донистани маънои он фаҳмида мешавад. Дар ин бора Аллоҳ таъоло хонандаи Қуръонро бар фаҳмидани маъноҳои Қуръон тарғиб мекунад. Чунонки Аллоҳ таъоло мефармояд:

كِتَٰبٌ أَنزَلۡنَٰهُ إِلَيۡكَ مُبَٰرَكٞ لِّيَدَّبَّرُوٓاْ ءَايَٰتِهِۦ وَلِيَتَذَكَّرَ أُوْلُواْ ٱلۡأَلۡبَٰبِ

**"Китобест пурбаракат, ки онро бар ту эй Расул нозил кардаем, ки бояд инсонҳо дар оятҳои он бияндешанд, ба роҳнамоии он амал намоянд ва хирадмандон бояд аз он панд бигиранд."** (Сод, 29) Маънои андеша кардан, яъне ба фаҳми он расидан мебошад. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои саҳобагон ончиро ки аз маъноҳои Қуръон барояшон мушкилӣ мекард, баён мекарданд, аммо аз сабабе, ки Қуръони карим бо забони онҳо нозил шуда буд ва саҳобагон аз мафҳуми луғати арабӣ бохабар буданд, ба бисёр савол кардани маъноҳои оятҳои Қуръони карим эҳтиёҷ надоштанд. Бо гузашти солҳо бошад, ниёзмандии мардум ба тафсири маъноҳои Қуръон бештар гашт ва оятҳое, ки Паёмбар, саҳобагон ва тобеин онҳоро маънидод намудаанд, онро тафсири ***"Маъсур"*** меноманд. Маъсур яъне тафсире, ки аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, аз саҳобагон ва аз тобеин ривоят шудааст. Ин намуди тафсир беҳтарин ва муҳимтарин намуди тафсир ба шумор меравад, зеро Паёмбар, саҳобагон ва тобеин аз забони

арабӣ хеле хуб бархӯрдор буданд ва инчунин Қуръон низ дар замони онҳо нозил шуда буд.

## Маърифати 8-ум: Беҳтарин навъҳои тафсири Қуръони карим

Олимони тафсири Қуръон ба чанд равия ҷудо мешаванд, зеро худи тафсирҳо ба чандин равия ҷудо шудаанд. Ба таври мисол тафсирҳое вуҷуд доранд, ки маънои луғавии Қуръони каримро баён мекунанд, тафсирҳои дигаре, ки аҳкоми фиқҳиро баён мекунанд ва тафсирҳое низ ҳастанд, ки ҷониби таърихӣ, ақлӣ ё сулукӣ (рафторӣ) ва монанди инҳоро дар бар мегиранд. Уламои тафсир бар асоси ин равияҳо тафсирро ба ду қисм ҷудо намудаанд:

*а) Тафсире, ки аз осори гузаштагон нақл шудааст, яъне тафсире, ки аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, аз саҳобагон ва аз тобеин нақл шудааст.*

*б) Тафсире, ки бинои он ба раъйю иҷтиҳод ва бар асоси илми саҳеҳ собит шудааст.*

Беҳтарин роҳҳои тафсир ва қоидаҳои он истифода аз тафсирест, ки аз осори гузаштагон нақл шуда бошад, яъне аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, аз саҳобагон ва аз тобеин, зеро ки онҳо донотарин ашхос ба тафсири Қуръони карим буданд.

Ҳаргоҳ, ки муфассир мехоҳад аз оятҳои Қуръони карим фаҳми зиёде ҳосил бикунад, вале он дар тафсири маъсур ворид нашудааст, пас бар тафсиркунанда лозим аст, ки қоидаҳои зеринро риоя намояд:

1. Риоя намудани қоидаҳо аз рӯи тафсири осори гузаштагон ва ончи дар тафсири онҳо аз баёни маъниҳои оятҳо собит шудааст ва наовардани ончиро, ки хилофи тафсири онҳост.

2. Тафсир бояд ба он маъноҳое, ки Қуръони карим онҳоро овардааст мувофиқатӣ кунад ва суннати набавӣ низ бояд он маъноҳоро возеҳу равшан баён карда бошад. Пас бар муфассир ҷоиз нест, ки тафсире бикунад, ки хилофи равиш ва маъноҳое бошад, ки Қуръон ва ё суннати набавӣ онҳоро баён намудаанд, зеро Қуръони карим аҳёнан худ баъзе оятҳоро тафсир мекунад ва низ маъноҳояш бо ҳамдигар зид нестанд

ва суннати набавӣ бошадончиро, ки дар Қуръон ба таври мухтасар омадааст, баён ва равшан менамояд.

3. Тафсиркунанда бояд аз қоидаи забони арабӣ бохабар бошад ва донад, ки кадом лафз ба чӣ далолат мекунад ва ҳамчунин аз таркиббандии ҷумлаҳо ва истифодабарии онҳо огоҳ бошад, зеро Қуръони карим ба забони арабӣ нозил шудааст ва зарур аст, ки Қуръон бо равиши қоидаҳояш фаҳмида шавад.

4. Тафсиркунанда оятҳои муташобеҳу монандро ба оятҳои муҳкаму устувор баргардонад, зеро Қуръони карим тафсиркунандаи худ аст. Бештари оятҳои Қуръони карим муҳкам ва маънохояшон бошанд равшананд, аммо баъзе аз он оятҳо оятҳои муташобеҳу монананд, ки маънохояшон бар баъзе махфӣ ва пушида мемонанд. Дар ин ҳолат муфассир бояд ин оятҳоро ба оятҳои муҳкаму устувор баргардонад, то ки он бар далолат кардани фаҳми оятҳо ва равшан намудани маънохояшон кумак намояд. Чунонки Аллоҳ таъоло мефармояд:

هُوَ ٱلَّذِىٓ أَنزَلَ عَلَيْكَ ٱلْكِتَـٰبَ مِنْهُ ءَايَـٰتٌ مُّحْكَمَـٰتٌ هُنَّ أُمُّ ٱلْكِتَـٰبِ وَأُخَرُ مُتَشَـٰبِهَـٰتٌ ۖ فَأَمَّا ٱلَّذِينَ فِى قُلُوبِهِمْ زَيْغٌ فَيَتَّبِعُونَ مَا تَشَـٰبَهَ مِنْهُ ٱبْتِغَآءَ ٱلْفِتْنَةِ وَٱبْتِغَآءَ تَأْوِيلِهِۦ ۗ وَمَا يَعْلَمُ تَأْوِيلَهُۥٓ إِلَّا ٱللَّهُ ۗ وَٱلرَّٰسِخُونَ فِى ٱلْعِلْمِ يَقُولُونَ ءَامَنَّا بِهِۦ كُلٌّ مِّنْ عِندِ رَبِّنَا ۗ وَمَا يَذَّكَّرُ إِلَّآ أُو۟لُوا۟ ٱلْأَلْبَـٰبِ

**"Ӯ Зотест, ки китобро бар ту нозил кард ва баъзе аз оятҳояш оятҳои муҳкам ва устуворанд, ки маънии онҳо возеҳ ва равшананд ва онҳо асли китоб мебошанд. Баъзе аз оятҳо дар ин китоб низ оятҳои муташобеҳ ва монананд, ки эҳтимолан маънии дигар ҳам доранд. Касоне, ки дилҳояшон майл ба сӯи ботилро дорад, барои фитнаангезӣ ва тафсири нодурусти он, аз паси оятҳои муташобеҳу монанд меравaнд, дар сурате ки таъвилу тафсири онҳоро ҷуз Аллоҳ касе намедонад. Собитқадамон дар илм мегӯянд: "Ба онҳо, яъне ба ҳама оятҳои Қуръон имон овардаем, ҳама аз ҷониби Парвардигори мост" ва ҷуз хирадмандон касони дигар аз ин китоб панд намепазиранд."** (Оли Имрон, 7)

5. Қувват додани суханҳо бо назарияҳои илмӣ ҳангоми тафсири оятҳои коинотӣ ва дохил нанамудани назарияҳои илмӣ дар тафсири Қуръони карим, то ба Қуръони карим он маънохое, ки мақсуди он нест, нисбат дода нашавад.

6. Тафсиркунанда бояд аз таъвилҳои беасосе, ки сухани Аллоҳро аз маъноҳои аслии шариъати пок ва аз равиши қоидаҳои забони арабӣ хориҷ мекунад, ҳазар намояд. Зеро ин амал ҳамчун ба қасди тағйир додани маъно ё надонистани забони арабӣ ё ки ба сабаби нодуруст фаҳмидани маъно баробар мебошад, дар сурате ки каломи Аллоҳ аз ингуна таъвилҳои нодуруст пок аст.

## Маърифати 9-ум: Эъҷози Қуръони карим

Эъҷоз дар истилоҳ он чизест, ки тавоноии онро башарият надорад, хоҳ аз амал, хоҳ аз раъй ё хоҳ аз фаҳмиш бошад. Мӯъҷиза бошад он чизест, ки падид омадани он бар оёт ва ҳуҷҷатҳои Паёмбарон алайҳимуссалом далолат мекунад ва лафзи мӯъҷиза дар Куръон наомадааст, балки ба ҷои он лафзи бурҳон ва оят зикр шудааст. Қуръони карим сухани Аллоҳ таъоло мебошад ва маъноҳои он пурраву равшан ва оятҳову калимаҳояш дар беҳтарин сурат дида мешаванд, ки башарият аз овардани ин гуна сухан оҷизу нотавон аст. Чунонки Аллоҳ таъоло мефармояд:

الٓرۚ كِتَٰبٌ أُحۡكِمَتۡ ءَايَٰتُهُۥ ثُمَّ فُصِّلَتۡ مِن لَّدُنۡ حَكِيمٍ خَبِيرٍ

**"Алиф, лом, ро. Ин Қуръон китобест аз ҷониби Аллоҳ, ки оятҳояш муҳкам ва устувор нозил шудаанд. Оятҳои ин китоб возеҳ ва равшан карда шудаанд аз ҷониби Аллоҳи ҳакиме, ки корҳояш аз рӯи кордонӣ аст ва Ӯ аз оқибати корҳо огоҳ аст."** (Сураи Ҳуд, 1) Ба дурустӣ, мушрикон саъйю кӯшиш кардаанд, ки дар масдари Қуръони карим шакку шубҳаҳои нодуруст андозанд ва дар ин ҷода дурӯғ ва шубҳаҳои бисёре бофтанд, то мардумро аз мафҳуми асосии он боздоранд. Вале Аллоҳ таъоло дар муқобили онҳо ҳуҷҷатоварӣ карда аз онҳо талаб менамояд, ки монанди Қуръони карим ё ки даҳ сура ё як сурае аз он биёваранд, агар дар суханони худ ростгӯй бошанд. Гарчанде ки Қуръон ба забони арабӣ нозил шуда буд, мушрикон аз овардани сурае монанди Қуръон оҷиз монданд. Чунонки Аллоҳ таъоло мефармояд:

أَمۡ يَقُولُونَ ٱفۡتَرَىٰهُۖ قُلۡ فَأۡتُواْ بِسُورَةٖ مِّثۡلِهِۦ وَٱدۡعُواْ مَنِ ٱسۡتَطَعۡتُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ إِن كُنتُمۡ صَٰدِقِينَ

**"Оё мегӯянд, ки Қуръонро Муҳаммад ба дурӯғ ба Аллоҳ нисбат додааст. Бигӯ барояшон эй Расул: "Агар рост мегӯед, ҷуз Аллоҳ ҳар киро, ки метавонед,**

**ба ёрӣ бихонед ва сурае монанди он биёваред!?""** (Юнус, 38) Қуръони карим ошкоро баён мекунад, ки тамоми мардумон ва ҷинҳо ҳама бо ҳам ҷамъ бишаванд ҳам, наметавонанд монанди Қуръони карим китоберо биоваранд. Чунонки Аллоҳ таъоло мефармояд:

قُل لَّئِنِ ٱجْتَمَعَتِ ٱلْإِنسُ وَٱلْجِنُّ عَلَىٰٓ أَن يَأْتُوا۟ بِمِثْلِ هَـٰذَا ٱلْقُرْءَانِ لَا يَأْتُونَ بِمِثْلِهِۦ وَلَوْ كَانَ بَعْضُهُمْ لِبَعْضٍ ظَهِيرًا

**"Бигӯ: "Агар инсу ҷин гирди ҳам оянд ва иттифоқ кунанд, то монанди ин Қуръонро биёваранд, ҳаргиз наметавонанд монанди онро биёваранд, ҳарчанд ки якдигарро ёрӣ ҳам диҳанд."** (Исро, 88) Ҳамаи махлуқот дар баробари Қуръони карим оҷиз ва нотавонанд, зеро он сухани Аллоҳ аст ва ҳаргиз суханони махлуқон бо сухани Аллоҳ монанд шуда наметавонанд. Қуръон китобест, ки калимаву оятҳо ва луғати он далолат бар ҳуҷҷату ибрат мекунанд ва оятҳои он дар некӯтарин сурати фасоҳату балоғат қарор доранд ва аз ахбору қиссаҳои ҳақиқӣ хабар медиҳанд. Он китобест, ки аҳком, шариъат, қувваи таъсири нафсониву виҷдонӣ ва ҳақиқатҳои илмии бузургеро дар бар мегирад. Дар тули таърих чандин олимони соҳаи табиат, фалак, тиб ва дигар соҳаҳо ва онҳое, ки нав ба Қуръони карим шиносоӣ пайдо кардаанд, аз мӯъҷизаҳои ин китоб дар ҳайрат мондаанд ва мемонанд. Ҳол он ки онҳо медонанд, ҳеҷ мумкин нест дар замоне, ки ҷаҳон аз ингуна илм огоҳӣ надошт, ингуна ибораҳои илмӣ аз Паёмбари уммӣ (яъне нафаре, ки хонда ва навишта наметавонад) ва дар уммати уммӣ содир шавад. Ин амр боиси Ислом овардани бисёре аз онҳо гардидааст, зеро онҳо дарк кардаанд, он чизе ки Қуръони карим овардааст, шоистаи сухани одамӣ нест ва бегумон ин сухани Холиқи коинот ва башарият мебошад.

Дар Қуръони карим чандин оятҳое мавҷуданд, ки далолат ба ягонагии Аллоҳ таъоло ва ҳамчунин далолат ба тавоноии офаридагории Ӯ таъолоро мекунанд. Чунонки Аллоҳ таъоло дар сураи Фуссилат дар ояти 53 мефармояд:

سَنُرِيهِمْ ءَايَـٰتِنَا فِى ٱلْـَٔافَاقِ وَفِىٓ أَنفُسِهِمْ حَتَّىٰ يَتَبَيَّنَ لَهُمْ أَنَّهُ ٱلْحَقُّ ۗ أَوَلَمْ يَكْفِ بِرَبِّكَ أَنَّهُۥ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ شَهِيدٌ

**"Ба зудӣ ба ин мункирон нишонаҳои қудрати худро дар атрофи олам ва дар вуҷуди худашон нишон хоҳем дод, то барояшон возеҳу равшан шавад, ки ҳароина Қуръоне, ки аз назди Парвардигори оламиён ваҳй шудааст, ҳақ аст. Оё**

**Парвардигор туро кофӣ нест, ки Ӯ бар ҳама чиз шоҳид аст ва шаҳодати Ӯ таъоло аз ҳама шаҳодатҳо бузургтар аст?"**

## Маърифати 10-ум: Тарҷумаи маънои оятҳои Қуръони карим

Тарҷума, яъне баргардонидани сухан аз забоне ба забони дигар аст. Тарҷума аз камбудиву мушкилиҳо холӣ нест, зеро маънои луғавии тарҷума яке аз ташкилдиҳандаҳои ҷумла буда ва гоҳҳо мешавад, ки тарҷума аз забон ба забони дигар душворӣ орад. Модоме, ки тарчума дар луғати башарият чунон душворӣ орад, албатта тарҷумаи луғавии Қуръони карим душвортар аст, зеро он сухани Аллоҳ таъоло аст ва ба забони арабии фасеҳ ва равшан нозил шудааст. Қуръони карим ваҳйи илоҳӣ буда ва бо тамоми лафзу маънояш нозил шудааст.

То ба ҳол барои ҳеҷ кас муяссар нашудааст даъво бикунад, ки комилан аз маънои Қуръони карим бохабар аст ё ин ки ӯ метавонад маънои лафзии Қуръонро мувофиқи маънои калимаҳои арабӣ тарҷума намояд. Бо назардошти душвории тарҷумаи Қуръони карим, донишмандони мусулмон зарурати расонидани рисолати сухани Аллоҳ ба миллатҳои ҷаҳонро, новобаста бо забони гуфтугӯии онҳо, таъкид менамоянд ва расидан ба ин мақсад танҳо бо роҳи тарҷумаи маънои он ба забонҳои дигар амалӣ мешавад.

Тарҷумаи Куръони карим бо забонҳои дигар чунин сурат мегирад:

*а) Тарҷумаи маънои лафзҳои Қуръони карим бидуни тафсир.*

*б) Тарҷумаи тафсири Қуръони карим бо тариқи равшан намудан ва мисол овардан.*

Ҳарчанд, ки тарҷумаи маъноҳои Қуръони карим дақиқу нозук бошад ва тарҷумакунанда ҳар ду забонро ҳам хуб бидонад ва маъноҳои оятро хуб дарк намояд, бар замми ин, ин тарҷумаро бо ду сабаб Қуръон номида намешавад:

а) Қуръони карим сухани Аллоҳ таъолост ва бо забони арабӣ нозил шуда, дарбаргирандаи баён ва аҳкоми олӣ аст ва онро ба забони ғайри арабӣ баргардонидан номи Қуръонро аз худ бекор мекунад.

б) Тарҷума фаҳмиши мутарҷимро ба маънҳои Қуръони карим баён мекунад ва аз ин ҷиҳат бо тафсир монанд аст, чунонки тафсирро низ Қуръон гуфта намешавад, ҳамчунин тарҷумаро низ Қуръон номида намешавад.

Барои он ки тарҷумаи Қуръони карим мақбули ҳамагон гардад, сазовор аст, тарҷумон дар он қоидаҳоеро, ки уламо барои баёни маънҳои Қуръони карим ниҳодаанд, риоя намояд, зеро ин бузургтарин амонати илоҳӣ бар души ҳар як донишманд аст, ки ӯ онро бояд ба таври комил ба амал расонад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَإِذۡ أَخَذَ ٱللَّهُ مِيثَٰقَ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡكِتَٰبَ لَتُبَيِّنُنَّهُۥ لِلنَّاسِ وَلَا تَكۡتُمُونَهُۥ فَنَبَذُوهُ وَرَآءَ ظُهُورِهِمۡ وَٱشۡتَرَوۡاْ بِهِۦ ثَمَنٗا قَلِيلٗاۖ فَبِئۡسَ مَا يَشۡتَرُونَ

**"Ба ёд оваред замонеро, ки Аллоҳ аз касоне, ки ба онҳо китоб дода шудааст, паймон гирифт: “Онро барои мардум баён кунед ва онро пинҳон надоред”, пас онҳо онро қабул накарда ва ба баҳои андаке онро фурӯхтанд. Чӣ бад аст онҷи онҳо меситонанд."** (Оли Имрон, 187) Бояд тарҷумон ҳангоми тарҷума аз таҳрифи маънҳои Қуръони карим ҳазар ва дурӣ кунад ва дар шиъорҳои мусалмонон бадие низ нисбат надиҳад, ки мутаассифона имрӯзҳо баъзе аз шарқшиносон ё онҳое, ки худро ба Ислом нисбат медиҳанд, барои вайрон кардани асосҳои дини Ислом ақидаҳои вайронаи худро дар тарҷумаи Қуръон ворид кардаанд. Ин оят ҳамчунин барои аҳли илм, хусусан барои уламо, мутарҷимон ва воъизони дин ҳушдор аст, ки онҷиро шариъат ба баён намуданаш таъкид кардааст, бояд таъкид намоянд, ки дар ғайри ин сурат онҳо дар лаънати илоҳӣ дохил мешаванд.

## Маърифати 11-ум: Маълумот дар бораи Қуръони карим

Қуръони карим аз 30-ҷузъ (пора), 114-сура ва 6236-оят иборат мебошад. Аввалин қисмати Қуръон, ки бар Паёмбар алайҳиссалом нозил шудааст, 5-ояти аввали сураи Алақ **"Бихон ба номи Парвардигорат, ки офарид..."** мебошанд ва ин амр ба рӯзи душанбе 17-моҳи Рамазон ва ба 41-солагии умри Расули акрам алайҳиссалом рост меомад, ки дар он ҳангом Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ғоре бо номи ***“Ҳиро***“ дар наздикиҳои шаҳри Маккаи мукаррама машғули ибодат буданд. Аммо охирин қисмате аз Қуръон, ки бар Паёмбар алайҳиссалом

нозил шудааст, ба қавли роҷеҳ (саҳеҳтар) ояти 281 сураи Бақара мебошад, ки нузули он 7-рӯз пеш аз вафоти Расули акрам алайҳиссалом сурат гирифтааст.

وَٱتَّقُواْ يَوۡمٗا تُرۡجَعُونَ فِيهِ إِلَى ٱللَّهِۖ ثُمَّ تُوَفَّىٰ كُلُّ نَفۡسٖ مَّا كَسَبَتۡ وَهُمۡ لَا يُظۡلَمُونَ

**"Аз он рӯзе биандешед, ки дар он рӯз ба сӯи Аллоҳ баргардонида мешавед, он гоҳ барои ҳар нафсе ҳар ончи, ки ӯ касб кардааст, ба таври пурра дода мешавад ва ба касе зулме карда намешавад."**

Ба ин тартиб 87-сураи Қуръон дар Макка ва 27-сураи он дар Мадина нозил шудааст. Китоби Қуръон аз сураи Фотиҳа оғоз мегардад ва бо сураи Нос ба поён мерасад. Ҳамаи сураҳои он ба ҷуз сураи Тавба (Бароат), ки 9-ум сураи Қуръон мебошад, бо ибораи **"Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим"** шурӯъ мешаванд.

Шоёни зикр аст, ки рисолати Паёмбари Ислом алайҳиссалом соли 610-уми милодӣ дар шаҳри Макка оғоз гардида, пас аз 23-сол бо вафоти он ҳазрат дар соли 632-юм хотима ёфтааст. Расули акрам алайҳиссалом 13-соли аввали даврони рисолати худро дар Макка ва 10-соли охири онро пас аз ҳиҷрат дар Мадина гузаронидааст. Ҳиҷрати Расули акрам алайҳиссалом дар моҳи рабеъулаввал мутобик ба моҳи сентябри соли 622 мелодӣ сурат гирифтааст. Он ҳазрат дар аввалҳои моҳи рабеъулаввал, ки ба рӯзҳои 10/13 моҳи сентябри соли 622 мелодӣ рост меомад, аз Макка хориҷ шуда ва пас аз 3-рӯз пинҳон шудан дар ғори Савр, роҳи Мадинаро дар пеш гирифт ва вусули (расидани) Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба Мадина бо ихтилофи назаре, ки дар байни муаррихон дар ин бора вуҷуд дорад, дар таърихи 8-ум ва ё 12-уми моҳи рабеъулаввал, ки мутобиқ ба рӯзи 20-ум ва ё 24-уми моҳи сентябри соли 622 мелодӣ мебошад, сурат гирифтааст.

Қуръони карим аввалин бор соли 1530-юми милодӣ дар шаҳри Бундуқия (Венетсия)-и Италия ба василаи дастгоҳи чопӣ ба табъ расидааст ва ҳамин тавр бо пешрафти саноати табъу нашр дар ҷаҳон нашрҳои чопии он густариш ёфтаанд, ки то он давра Қуръон ба тариқи дастхат аз тарафи хаттотон (хушнависон) хушнависӣ ва нашр карда мешуд.

## Маърифати 12-ум: Қуръон барномаи ҳидоят ва мӯъҷизаи ҷовидонаи Ислом аст

Қуръони карим тамоми мавзӯъотеро, ки ба саодати инсон ва ҳидояти ҷомеаи башарӣ иртибот доранд, ба таври равшане баён намуда ва барои ба танзим даровардани паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти инсон, барномаи комилеро пешкаш намудааст. Фармудаи Аллоҳ таъоло дар ин замина:

هَٰذَا بَيَانٌ لِّلنَّاسِ وَهُدًى وَمَوْعِظَةٌ لِّلْمُتَّقِينَ

**"Ин китоб баёни равшане барои мардум ва роҳи рост ва панде барои парҳезгорон аст."** (Оли Имрон, 138) Ҳамзамон Қуръон мӯъҷизаи ҷовидонаи Ислом низ мебошад ва эъҷози он ба як ва ё чанд ҷанбаи муайяне маҳдуд намегардад, балки дар ҳар замоне гӯшае аз эъҷоз ва асрори ҷаззобияти он кушода мегардад. Дар гузашта танҳо рӯи ҷанбаҳои махсусе аз эъҷози Қуръон, ба монанди шевои фасоҳат, расоии балоғат, ҷаззобият ва ҷанбаи фаннӣ ва зебоии он такя мешуд, вале бо гузашти замон ва пешрафти дастовардҳои илмии инсон, ҷанбаҳои тозае аз ҳақоиқи қуръонӣ ва воқеиятҳои айнии каломи Аллоҳ кушода шудааст ва рӯяи тозае аз эъҷози ин китоби илоҳӣ барои ҷаҳониён кашф гардидааст.

Қуръон китобест, ки эъҷозаш дар тамоми масъалаҳо, дар тамоми давру замон, барои ҳар қавму миллат ва дар муҳитҳои гуногун боқӣ мемонад, то инсонҳо бидонанд, ки Қуръон каломи Аллоҳ таъоло аст ва ҳақ аст. Қуръон китоби ҳидоят ва худсозии инсон аст ва барои ҳидоят ва сохтани шахсияти солими инсонӣ ва ҳамин тавр барои бинои ҷомеаи намунавӣ барномаи комил ва бемонанде овардааст, ки дар ин замина беҳтарин ва ҷомеътарин тарҳ ва ба ҳақ мӯъҷиза мебошад. Арзишҳои олии башарӣ дар он ба сурате матраҳ ва баён гардидаанд, ки дар ҳеҷ қонун ва эъломияе назири он дида намешавад.

Ҳазрати Алӣ разияллоҳу анҳу ба Ҳориси Аъвар гуфт: *"Эй Ҳорис, аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам шунидам, ки фармуд:* ***"Бидонед, дере наояд, ки фитнаҳо барпо гарданд."*** *Пурсидам: Эй Расулуллоҳ, роҳи наҷот аз он фитнаҳо чист? Фармуд:* ***"Қуръон – китоби Аллоҳ аст!"*** *Китобе, ки ахбори ончи пеш аз шумо гузашта ва ё пас аз шумо меояд, дар он омадааст ва ҳукми чизе, ки дар байни*

*шумост, дар он мавҷуд бошад, китобе, ки ҳақ ва ботилро аз ҳам ҷудо сохта ва ҳақиқатест, ки ҳазлу шӯхӣ дар он роҳ надорад. Ҳар ҷаббор ва ситамгаре онро тарк намояд, Аллоҳ камарашро бишиканад ва ҳар касе ҳидоятро дар ғайри он ҷӯяд, Аллоҳ гумроҳаш созад. Он ресмони устувори Аллоҳ, панди бо ҳикмат ва роҳи рост аст ва китобест, ки ҳавасҳо ва майлҳои башарӣ ба василаи он каҷ ва бероҳ намегарданд ва забонҳо ба иштибоҳ намеафтанд ва донишмандон аз хондан ва тафаккур дар он ҳеҷ гоҳ сер намешаванд. Он бо хондани бисёр ва гузашти рӯзгор кӯҳна ва фарсуда намегардад ва аҷоибии он поён намеёбад. Он ҳамон китобест, ки вақте ҷинҳо онро шуниданд, беихтиёр гуфтанд: **"Мо дар воқеъ Қуръони аҷибе шунидем, ки ба сӯи роҳи рост ҳидоят мекунад.** Касе аз Қуръон сухан гӯяд, ногузир тасдиқ шавад ва касе мувофиқи он ҳукм ва қазоват намояд, ба адл ҳукм кардааст. Касе ба он амал кунад, аҷр дода шавад ва касе ба сӯи он даъват намояд, ба роҳи рост ҳидоят ёфтааст."*[8]

## Маърифати 13-ум: Аллоҳ таъоло омилҳои ҷовидонагиро дар каломи худ ниҳодааст

Аллоҳ таъоло ҳифзи Қуръони каримро барои ҳамеша кафолат додааст. Ҷозибаҳои поённопазир, эъҷози мутлақ, камоли бенақс, фарогирандагии усули куллӣ, тағйирнопазирии асосҳои собит ва ҳифзшуда аз таҳриф мебошанд. Ин хусусиятҳо ба китоби Аллоҳ хос мебошанд ва дар ҳеҷ китоби дигаре ба он сурат вуҷуд надоранд. Аллоҳ таъоло дар ин бора мефармояд:

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ بِٱلذِّكْرِ لَمَّا جَآءَهُمْۖ وَإِنَّهُۥ لَكِتَٰبٌ عَزِيزٌ ﴿٤١﴾ لَّا يَأْتِيهِ ٱلْبَٰطِلُ مِنۢ بَيْنِ يَدَيْهِ وَلَا مِنْ خَلْفِهِۦۖ تَنزِيلٌ مِّنْ حَكِيمٍ حَمِيدٍ

**"Он воқеан ҳам, китоби гаронмоя ва арҷмандест, ки ботил на аз пеш ва на аз пушт (яъне аз ҳеҷ тарафе) ба он роҳ намеёбад ва он фурӯфиристодае аз ҷониби Аллоҳи ҳакиму сутуда аст."** (Фуссилат, 41-42) Дар бораи ҳифз ва нигаҳдошти он аз ҳар газанде мефармояд:

إِنَّا نَحْنُ نَزَّلْنَا ٱلذِّكْرَ وَإِنَّا لَهُۥ لَحَٰفِظُونَ

---

[8] Фазоили қуръонӣ, Ибни Касир, саҳ. 45. Дар санадаш мегӯяд, ки ин сухани худи Алӣ разияллоҳу анҳу аст, ки сухани хуб ва саҳеҳ мебошад.

**"Дар ҳақиқат, китоби Қуръон ва рисолати Паёмбарро Мо фурӯ фиристодаем ва Мо бетардид, онҳоро ҳифзкунандаем."** (Ҳиҷр, 9) Қуръони карим дар даврони 23-соли рисолати Паёмбар алайҳиссалом ба таври порча-порча бар ӯ нозил гардидааст. Ин нузули тадриҷии он баъзан ба муносибати рӯйдодҳое ва ё дар бораи амри муҳимме сурат мегирифт, яъне нузули тадриҷӣ ва давра ба давраи Қуръон илова бар сирати Паёмбари акрам алайҳиссалом ва аҳодиси набавӣ дар худи Қуръон низ зикр гардидааст. Аллоҳ таъоло дар ояти 106-уми сураи Исро мефармояд:

وَقُرۡءَانٗا فَرَقۡنَٰهُ لِتَقۡرَأَهُۥ عَلَى ٱلنَّاسِ عَلَىٰ مُكۡثٖ وَنَزَّلۡنَٰهُ تَنزِيلٗا

**"Қуръонеро, ки бар ту фурӯ фиристодаем, онро ба таври тадриҷӣ ва давра ба давра нозил намудем, то онро бо таваққуф бар мардум бихонӣ."** Дар ин муддати нисбатан тӯлонӣ Қуръони карим ба ҳалли масоил ва баёни мавзӯъҳои ҳаёти ҷомеа аз паҳлӯҳои гуногуни эътиқодӣ, иҷтимоӣ, амниятӣ, иқтисодӣ, равонӣ ва ғайра пардохтааст ва дар бораи усули куллии дин ва асосҳои низоми зиндагӣ, ба монанди ибодот, муомилот, муносибатҳои гуногуни фардӣ, хонаводагӣ, иҷтимоӣ ва байналмиллалӣ, сиёсати кишвардорӣ, ҷангу сулҳ, ҳуқуқҳои гуногуни маданӣ, ҷиноӣ ва садҳо мавзӯъҳои дигар аҳком ва усули куллиеро поягузорӣ намуда ва дар бораи ҳар мавзӯъ назарияи хосе пешниҳод намудааст.

Ҷолиб он аст, ки дар сар то сари оятҳои Қуръон, ки ба муносибатҳо ва дар мақтаъҳои гуногуни замонӣ нозил шудаанд, ваҳдат ва ҳамоҳангии шигифте ҳукмфармост ва дар миёни охирин ояти нозилгашта ва аввалин матлаби қуръонӣ бо он ҳама танаввӯъи мавзӯъӣ ва фосилаи замонӣ ҳеҷ гуна таноқуз ва носозгорие дида намешавад. Ин ваҳдат ва ҳамоҳангии саросарии Қуръон яке аз ҷанбаҳои эъҷоз ва далели илоҳӣ будани он аст. Ин китоби гаронмоя агар ба дасти одамӣ ва ҳатто бузургтарин маҷмаъи илмии ҷаҳонӣ омода мешуд, ногузир дар он бо дарназардошти нукоти фавқ таноқуз (зиддият), ихтилоф ва ноҳамгуние роҳ меёфт. Қуръон худ ба ин далели воқеият ишора менамояд:

أَفَلَا يَتَدَبَّرُونَ ٱلۡقُرۡءَانَۚ وَلَوۡ كَانَ مِنۡ عِندِ غَيۡرِ ٱللَّهِ لَوَجَدُواْ فِيهِ ٱخۡتِلَٰفٗا كَثِيرٗا

**"Оё дар Қуръон намеандешанд? Агар он аз назди ғайри Аллоҳ мебуд, ногузир дар он ноҳамгунӣ ва ихтилофи бисёре пайдо мекарданд."** (Нисо, 82)

Дар охир ёдовар мешавем, ки бандаи мӯъмин ҳам дар аснои тиловати Қуръон ва ҳам дар вақти мутолиаи тафсир ва тарҷумаи он, бояд рӯи хитоби паёмҳои ҷовидонаи он, паёмҳоро ба сӯи худ бидонад ва худро дар зимни пайравони беҳтарин уммате, ки барои ҳидояти башарият ба вуҷуд оварда шудааст, масъули ҳифз ва нашри арзишҳои илоҳӣ ва ормонҳои олии Қуръон бидонад. Паёмҳои Қуръони каримро бо ин дарк ва яқин бипазирад, ки Аллоҳ ба василаи каломи Худ бо ӯ сухан мегӯяд ва ӯро дар ҷомеаи башарӣ намоянда ва посдори арзишҳои дини Худ баргузидааст. Қуръон каломи ҷовидона ва ҳидоятномаи зиндаест, ки ӯ ва тамоми мусалмононро пайваста мавриди хитоби паёмҳои худ қарор медиҳад ва онҳоро ба монанди он ҳалқаи садри аввал ба дарки дуруст, ҳифз ва нашри арзишҳои умумибашарии худ фаро мехонад.

## Маърифати 14-ум: Баёни эъҷози илмии Қуръони карим

Шоёни зикр аст, ки Қуръон китоби ҳидоят аст ва барои сохтани инсони комил ва бунёди ҷомеаи намунавӣ фиристода шудааст. Арзишҳои ахлоқӣ, меъёрҳои рафторӣ, аҳкоми ибодӣ, танзими муомилот, низоми эътиқодӣ ва умуман барномаҳои зиндагии инсон дар он ба гунае пешбинӣ ва тарҳрезӣ шудаанд, ки саодати инсон дар ҳеҷ бахше аз он фурӯгузор нагаштааст. Ин масоил, ки ба ақида, ибодат, ахлоқ, танзими муомилот ва хулоса ба бахшҳои гуногуни барномаи зиндагии инсон иртибот доранд, асоси дин ва чавҳари паёмҳои Қуръонро ташкил медиҳанд ва ба таври возеҳ ва эъҷозоваре дар китоби Аллоҳи ҳаким баён гардидаанд. Фармудаи Аллоҳ таъоло аст:

أَفَلَا يَتَدَبَّرُونَ ٱلْقُرْءَانَ ۚ وَلَوْ كَانَ مِنْ عِندِ غَيْرِ ٱللَّهِ لَوَجَدُوا۟ فِيهِ ٱخْتِلَـٰفًا كَثِيرًا

**"Оё дар Қуръон намеандешанд? Агар он аз назди ғайри Аллоҳ мебуд, ҳатман дар он ихтилоф ва ноҳамгунии бисёре меёфтанд!"** (Нисо, 82) Ҷавҳари паёмҳои Қуръон, ки асосҳои дин ва барномаи комили зиндагии инсонро ташкил медиҳанд, барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа, ҳам донишмандон ва ҳам мардуми оддӣ, фаҳмо ва мушаххас мебошад. Қуръони карим дар чандин оят ба ин воқеият ишора намуда ва мардумро ба тааммул ва андешидан дар оятҳои худ фаро хондааст, чуноне ки Аллоҳ таъоло фармудааст:

أَفَلَا يَتَدَبَّرُونَ ٱلْقُرْءَانَ أَمْ عَلَىٰ قُلُوبٍ أَقْفَالُهَآ

**"Оё дар оятҳои Қуръон намеандешанд ё бар дили онҳо қулф ниҳода шудааст?"** (Муҳаммад, 24) Дар ҷои дигар мефармояд:

قَدْ جَآءَكُم بَصَآئِرُ مِن رَّبِّكُمْۖ فَمَنْ أَبْصَرَ فَلِنَفْسِهِۦۖ وَمَنْ عَمِىَ فَعَلَيْهَاۚ وَمَآ أَنَا۠ عَلَيْكُم بِحَفِيظٍ

**"Шуморо аз сӯи Парвардигоратон панду ибратҳое омад, пас касе ба воситаи онҳо биноӣ пайдо кунад, барои худ кардааст ва касе онҳоро нодида бигирад, пас бар худ зулм кардааст ва ман бар шумо нигаҳбон нестам."** (Анъом, 104) Вале аз он ҷо ки Қуръони карим мӯъҷизаи ҷовидонаи Паёмбари Ислом алайҳиссалом ва барномаи ҳамешагии ҳидояти Парвардигор барои башарият мебошад, камол ва эъҷози он ба ҷанбае, қавме ва ё асре маҳдуд намегардад, балки ҳарчи замони бештаре мегузарад ва башарият ба дастовардҳои тозатаре даст меёбад, гӯшаҳое аз камол ва эъҷози Қуръон ба рӯяш кушода мегарданд. Агар дар гузашта аз сӯи донишмандон танҳо ба ҷанбаҳои эъҷози он дар фасоҳат, балоғат, ҷаззобият, ҷанбаҳои фаннӣ ва зебоӣ ва ғайра таваҷҷӯҳ зоҳир мегардид, пас бо гузашти замон ва даст ёфтани инсон ба пешрафтҳои азими илмӣ ҷанбаҳои тоза ва ҳақоиқи наве аз эъҷози Қуръон ва воқеиятҳои каломи илоҳӣ равшан ва барои ҷаҳониён макшуф гардидааст. Ин ишораҳои илмӣ дар Қуръони карим ба шакле ифода ёфтанд, ки мардуми ҳар аср аз онҳо маънои муносиб бо нубуғи илмӣ ва дастовардҳои замони худро дармеёбанд ва он маонӣ бо вусъати доираи донишҳои башарӣ пайваста густариш меёбанд ва ҳамин тавр Қуръони карим бар тамоми донишҳои башарӣ ҳамеша пешгом ва ҳоким боқӣ мемонад.

Вале ишораҳои илмӣ ва ҳақоиқи кавние, ки дар замири паёмҳои Қуръон нуҳуфтаанд, ба таври куллӣ дар масири таҳкими пояҳои эътиқодӣ, бедории андешаи солими инсонӣ ва аз боби тазаккур ба қудрати тавонои илоҳӣ ва иршоди инсон ба сӯи арзишҳои ҷовидона ва фурӯғи таълимоти илоҳӣ инъикос ёфтаанд. Пас ба ҳамон андозае, ки барои ҳидояти ҷомеаи башарӣ ва таъмини саодати инсон ва ҳамчунин, барои ба тафаккур водоштани андешаи солими инсонӣ зарурат дорад, дар оятҳои Қуръон ба ҳақоиқи олами офариниш ва воқеиятҳои айнии ҷаҳони ҳастӣ ишора шудааст. Ба қавли донишманд доктор Зағлул Наҷҷор бештар аз 1000-ояти Қуръони

карим ба баёни ҳақоиқи ҷаҳони ҳастӣ ихтисос ёфта ва дар чандин ояти дигар бо сароҳат ба воқеиятҳои коинот ишора шудааст, ки дар маҷмӯъ ин оятҳои кавнӣ ва ишораҳои илмӣ наздик ба шашяки оятҳои Қуръонро ташкил медиҳанд.

Доктор Муҳаммадҷамили Ҳаббол дар китоби худ *"Улум дар Қуръон"* - шумораи оятҳоеро, ки дар бораи ишораҳои илмӣ ва ҳақоиқи гуногуни кавнӣ сухан мегӯянд, 1200-оят гуфта ва дар китоби *"Тиб дар Қуръон"* - и худ ёдовар шудааст, ки аз ҷумла 350-ояти он дар бораи ҳақоиқи илми тиб сухан мегӯянд.

Муҳандис Аҳмад Омир Дулаймӣ бошад, дар китоби худ *"Обҳо дар Қуръон"* қайд кардааст, ки аз ҷумла ҳудуди 265-ояти он дар бораи обҳо ва риштаҳои гуногуни обшиносӣ сухан мегӯянд. Ҳамчунин мегӯяд, ки дар баъзе оятҳо чанд ишораи илмӣ дар ҳар мавзӯе омадааст ва дар 265-ояте, ки дар бораи обҳо ва системаи гардиши об дар табиат сухан мегӯянд, 538-ишораи илмӣ вуҷуд дорад. Вай меафзояд, ки ин омор бинобар таҳқиқотҳое, ки ӯ дар ин маврид анҷом додааст, ба даст омадаанд ва шояд пажӯҳишҳо дар оянда бештар аз инро собит намояд. Тақрибан ҳамин қадар оятҳои дигар ва ё бештар аз он дар бораи ҳақоиқи улум ва воқеиятҳои дигари олами офариниш ғайр аз ҳақоиқи тиббӣ ва ишораҳои илмӣ дар риштаи обшиносӣ сухан мегӯянд ва ба ин тартиб ба ақидаи муҳаққиқони улуми қуръонӣ чандин ҳазор ишораи илмӣ ва баёни ҳақоиқи кавнӣ дар оятҳои Қуръон нуҳуфтааст.

Ин ишораҳои илмӣ, чӣ тавре ки зикр гардид, ғайр аз он эъҷози амалӣ ва навовариҳои илмие мебошанд, ки Қуръони карим дар заминаи қонунгузорӣ, тарҳи барномаҳои иқтисодӣ, пешбинии низоми эътиқодӣ, баёни назарияҳои тарбиявӣ, пайванди робитаи банда бо Аллоҳ ва ғайра барои ҷомеаи башарӣ ба армуғон овардааст. Гузашта аз ин, боз ҳазорон ишораи илмӣ ва баёни воқеиятҳои айнии олами ҳастӣ дар суннати набавӣ зикр гардидааст.

***Огоҳӣ*:** Замоне, ки аз эъҷози илмии Қуръон сухан меравад, набояд Қуръонро ба монанди китобҳои физика, кимиё, ҷуғрофия ва ғайра китоби фанҳои дақиқ ва таҷрибӣ шинохт ва чунин пиндошт, ки тамоми асрори офариниши олам дар он ба тартиб ва равиши риштаҳои илмӣ мавзӯъбандӣ шуда ва бо тафсили ҷузъиёт манзури хонанда гардидаанд, балки Қуръон барои таъйини сарнавишти инсон ва таъмини

саодати ҷомеъа, ки мавзӯъи асосии онро ташкил медиҳанд, барномаи комил ва аҳкоми фарогире овардааст ва дар айни ҳол барои исботи ҷовидонагӣ ва эъҷози поённопазири худ дар мӯҳтавои оятҳо ва хазонаи илмии хеш ганҷинаҳои нафис ва ишораҳои илмиеро ҷой додааст ва илми башар ҳарчи пеш меравад, гӯшаҳое аз ин ҳақоиқи қуръонӣ ва ганҷинаҳои илмӣ ба рӯяш кушода мегарданд.

## Маърифати 15-ум: Эъҷози Қуръони карим дар замони муосир

Барои ҳар насл ва даврае ҳамон навъе аз эъҷози Қуръон макшуф ва намоён мегардад, ки нубуғи онҳо дар он ба камол расидааст ва зарфиятҳои зеҳнии онҳо дар зери таъсири он қарор доранд. Ҳоло дар асри иктишофоти сареъи илмӣ ва дастовардҳои азими технологӣ, ки зеҳнияти мардум дар зери таъсири раванди ақлгароӣ ва илммеҳварӣ қарор гирифтааст, давраи зуҳури ҷанбаҳои эъҷози илмӣ ва мутобиқати иктишофоти илмӣ бо ҳақоиқи пешгӯикардаи Қуръон фаро расидааст. Қуръони карим дар ин арса низ ҷанбаи илоҳӣ дошта, камоли эъҷози худро барои башарият, ки мабҳути дастовардҳои илмӣ ва ихтирооти технологии худ гаштааст, ба намоиш гузошт ва ба вай фаҳмонд, ки ин ҳама дағдағае, ки пас аз садҳо сол ранҷу тааб ба он расидааст, 1400-сол пеш аз сӯи китоби осмонӣ ва соҳиби рисолати Ислом пешгӯӣ ва баён гардида буд. Аз ҷумла дар ояти 67-уми сураи Анъом мефармояд:

لِّكُلِّ نَبَإٍ مُّسْتَقَرٌّ ۚ وَسَوْفَ تَعْلَمُونَ

**"Барои ҳар хабаре, ки дар Қуръон омадааст, ҷойгоҳ ва замони кашф шудан аст ва зуд аст, ки онро медонед."** Дарки дурусти маънои оятҳои кавнӣ ва эъҷози ишораҳои илмии Қуръон ҷуз бо баргашт ба ҳақоиқи илмие, ки бо суръат ва густардагии хосе барои аҳли замони мо фароҳам омадаанд, имкон надорад. Зеро мӯҳтавои илмии ин оятҳоро танҳо донишмандони росих ва муҳаққиқони мутахассис дар соҳаҳои гуногуни илмӣ метавонанд дарк намоянд. Чандин ояти Қуръон ба ин воқеият, кашф гардидани мӯҳтавои оятҳои кавнӣ ва ҳақоиқи илмии каломи илоҳӣ дар оянда ишора мекунанд. Аллоҳ таъоло дар ояти 93-юми сураи Намл мефармояд:

وَقُلِ ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ سَيُرِيكُمْ ءَايَـٰتِهِۦ فَتَعْرِفُونَهَا ۚ وَمَا رَبُّكَ بِغَـٰفِلٍ عَمَّا تَعْمَلُونَ

**"Бигӯ: "Ҳамд барои Аллоҳ аст, ба зудӣ оятҳои хешро ба шумо нишон медиҳад, онгоҳ онҳоро хоҳед шинохт ва Парвардигорат аз ончи анҷом медиҳед, ғофил набошад.""** Дар оятҳои 87-88 сураи Сод мефармояд:

إِنْ هُوَ إِلَّا ذِكْرٌ لِّلْعَٰلَمِينَ ﴿٨٧﴾ وَلَتَعْلَمُنَّ نَبَأَهُۥ بَعْدَ حِينٍۭ

**"Он Қуръон магар ёдоварие барои ҷаҳониён намебошад ва хабари ҳақоиқи онро пас аз муддате хоҳед донист."** Дар ояти 53-юми сураи Фуссилат мефармояд:

سَنُرِيهِمْ ءَايَٰتِنَا فِى ٱلْءَافَاقِ وَفِىٓ أَنفُسِهِمْ حَتَّىٰ يَتَبَيَّنَ لَهُمْ أَنَّهُ ٱلْحَقُّ ۗ أَوَلَمْ يَكْفِ بِرَبِّكَ أَنَّهُۥ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ شَهِيدٌ

**"Ба зудӣ оятҳои Худро дар канораҳои ҷаҳони ҳастӣ ва дар нафсҳояшон ба инсонҳо нишон хоҳем дод, то барои онҳо равшан ва муҳаққақ гардад, ки Қуръон ва рисолати Паёмбари Ислом ҳақ аст. Оё ҳамин кифоя нест, ки Парвардигори ту бар ҳама чиз шоҳид аст?"**

Чи тавре мушоҳида мешавад, ин оятҳо ба кашф гардидани ҳақоиқи илмӣ ва эъҷози мӯҳтавои оятҳои каломи илоҳӣ дар оянда хабар медиҳанд ва он имрӯз дар ҳаҷми густарда ва ба сурати равшане дар ҷаҳони ҳастӣ дар ҳоли таҳаққуқ ёфтан аст. Имрӯз дар асри иктишофоти густарда ва пешрафтҳои сареъи илмӣ ҳақоиқ ва ишораҳои илмии Қуръон ба қадре равшан ва барои ҷомеаи ҷаҳонӣ макшуф гардидаанд, ки дар ҳеҷ даврае дар гузашта ба ин андоза мавриди таҳқиқ ва шиносоӣ қарор нагирифта буданд.

***Огоҳӣ:*** На ҳама чизе, ки бо номи илм гуфта мешавад, ифодагари воқеиятҳои айнӣ ва баёнгари воқеии ҳақоиқи сад дар сад собитшудаи илмӣ мебошад, балки баъзан фарзияҳои тахминӣ ва назарияҳои ғайривоқеӣ дар зери унвонҳо ва бо вероиши илмӣ пешкаши ҷомеа мегарданд ва аз сӯи баъзе доираҳои сиёсӣ бо номи ҳақоиқи раднопазири илмӣ ба нафъи сиёсати идеологии онҳо таблиғ мешаванд. Бинобар ин, фарзияҳо ва назарияҳо на ҳамеша ҳақоиқи раднопазири илмӣ буда, бо тамоми меъёрҳои илмӣ собит шудаанд ва бо ишораҳои илмӣ ва пешгӯиҳои дақиқи қуръонӣ мутобиқат доранд. Он назарияҳое, ки ба сурати фарзияҳои илмӣ пешниҳод шуда ва ҳанӯз ба сурати ҳақоиқи раднопазири илмӣ надаромадаанд, шоистагии муқоиса бо

ҳақоиқи ва ишораҳои илмии Қуръонро надоранд, зеро чунин назарияҳо ҳамеша дар ҳоли дигаргунӣ ва такомули нисбӣ ва аҳёнан рад гардидан дар оянда қарор доранд ва ин андешаҳои нокомил ва мавқеъҳои тағйирпазири илмиро бо илми комил ва ишораҳои собит ва бетағйири каломи илоҳӣ муқоиса кардан, мантиқан ва илман дуруст намебошад. Пас баёни эъҷози илмии Қуръон ва муқоисаи ҳақоиқи собитшудаи илмӣ бо пешгӯиҳо ва ишораҳои илмие, ки дар бештар аз ҳазору чандсад ояти Қуръон вуҷуд доранд, бояд дар чорчӯбаи меъёрҳои илмӣ ва бо риояи асосҳои тағйирнопазири Қуръони карим дар ин замина сурат гирад ва манзури муҳаққиқон аз эъҷози илмӣ дар Қуръон низ ҳамин аст. Пас на ҳар донишманд ва шахсияти илмие ҳаққи маънавии исботи эъҷоз ва баёни ишораҳои илмиро дар каломи Аллоҳ таъоло дорад, балки шахсе дар ин бора метавонад сухан бигӯяд, ки ҳам дар бораи донишҳои динӣ, ба хусус донишҳои қуръонӣ ва ҳам дар бораи риштаи илмие тахассуси комил дошта бошад.

Ҳамчунин, манзур аз баёни эъҷози илмии Қуръон ворид шудан ба масоили ғайбӣ, ки илми онҳо танҳо барои Аллоҳ маълум аст, намебошад, балки дар фаҳми дурусти онҳо ба ҳамон андозае, ки дар китоби Аллоҳи ҳаким собит гардида ва дар суннати Расули акрам алайҳиссалом тафсир шудаанд, иктифо бояд кард, ба монанди баёни чигунагии зоти Аллоҳ таъоло ва сифоти Ӯ таъоло, аҳволи инсон дар олами барзах, вақти фаро расидани рӯзи қиёмат, фариштагон, биҳишту дӯзах ва ғайра, ки аз умури ғайбӣ ҳастанд ва маҷоле барои ақлу назария ва иктишоф надоранд.

Ишораҳои илмӣ ва ҳақоиқи кавние, ки дар Қуръони карим зикр шудаанд, бахшҳои гуногуни ҷаҳони ҳастӣ ва олами офариниширо фаро гирифта, имрӯз тақрибан дар тамоми риштаҳои илмӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Аз ҷумла дар он дар бораи офариниши осмонҳо ва замин, марҳилаҳои пайдоиш ва ба вуҷуд омадани онҳо, низоми боду борон, пайдоиши абрҳо, навъҳои абрҳо, дигаргуншавии шабу рӯз, ҳаракати мунтазами ситораҳо, васеъшавии пайвастаи коинот, қабатҳои замин, падидаҳои табиӣ, қонунмандиҳои сартосарии низоми офариниш, кӯҳҳо, обҳо, гиёҳон, ҷонварон, марҳилаҳои гуногуни пайдоиши одам, марҳилаҳои пай дар пайи рушду такомули тадриҷӣ дар бачадон ва ҳазорон ҳақоиқи дигаре, ки аз умури

мушоҳада ва шунидаву дарк карда мешаванд, ба таври дақиқ ва бо баёни расои илмӣ сухан ба миён омадааст.

## Маърифати 16-ум: Ҷанбаҳои эъҷози илмии Қуръони карим

Фармудаи Аллоҳ таъоло:

وَنَزَّلْنَا عَلَيْكَ ٱلْكِتَـٰبَ تِبْيَـٰنًا لِّكُلِّ شَىْءٍ

**"Мо Қуръонро барои равшан ва тавзеҳ намудани ҳамаи чиз бар ту нозил намудаем."** (Наҳл, 89) Дар оятҳои зиёде дар бораи усули ҷомеашиносӣ ва нуктаҳои муҳимми равонии инсон ишораҳои илмӣ ва баёноти дақиқе вуҷуд дорад, ки ҳеҷ равоншинос ва коргузори масоили иҷтимоӣ аз онҳо бениёз буда наметавонад. Вақте аз ин ҷанбаи эъҷози илмӣ ба ишораҳои кавнии Қуръон менигарем, набояд дар партави баёноти дақиқ ва ифодаҳои расо ва такондиҳандаи онҳо аз канори дигар гӯшаҳои эъҷози Қуръон сатҳӣ бигузарем. Зеро ифодаҳои қуръонӣ, ҳамон гуна ки зикр гардид, дар тамоми қисматҳо мӯъҷиза ва беназир буда, барномаи комил, фарогир ва дақиқеро барои ҳидояти ҷомеаи башарӣ пешбинӣ намудааст. Зеро сухан аз каломи Парвардигори ҷаҳониён ва аз зоти беҳамто дар номҳо ва сифатҳост, Қуръон бошад сухани илоҳӣ буда аз беҳтарин сухан ба ҳисоб меравад, ғайри махлуқ аст ва сифати калом яке аз сифатҳои зоти илоҳӣ буда, оҷизкунандаи тамоми махлуқот мебошад, чуноне ки Аллоҳ таъоло фармудааст:

قُل لَّئِنِ ٱجْتَمَعَتِ ٱلْإِنسُ وَٱلْجِنُّ عَلَىٰٓ أَن يَأْتُوا۟ بِمِثْلِ هَـٰذَا ٱلْقُرْءَانِ لَا يَأْتُونَ بِمِثْلِهِۦ وَلَوْ كَانَ بَعْضُهُمْ لِبَعْضٍ ظَهِيرًا

**"Бигӯ: Агар инсу ҷин гирд оянд ва иттифоқ кунанд, то монанди ин Қуръонро биёваранд, ҳаргиз наметавонанд монанди онро биёваранд, ҳарчанд ки якдигарро дар ин амр ёрӣ ҳам бидиҳанд."** (Исро, 88)

Аз ҷумлаи камоли эъҷози Қуръон дар ҷанбаҳое, ки уламо ба натиҷаи илмӣ ба ҳақоиқи он расидаанд, низ метавон мушоҳида ва ишора намуд:

*а) Эъҷози луғавӣ, адабӣ ва фаннӣ.*

*б) Эъҷоз дар баёни низоми эътиқодӣ ва таъйини хатти фикрии ҷомеа.*

*в) Эъҷоз дар тарҳи барномаи комил ва инсонсози ибодатӣ.*

*г) Эъҷоз дар барномаи ахлоқӣ ва мувофиқати он бо табиати башарӣ.*

*ғ) Эъҷоз дар бахши қонунгузорӣ ва танзими паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти инсон.*

*д) Эъҷоз дар баёни ҳодисаҳои таърихӣ ва мутобиқати комили онҳо.*

*е) Эъҷоз дар равиши тарбиявӣ.*

*ё) Эъҷоз дар пешниҳоди назарияҳои иқтисодӣ ва барномаҳои молӣ.*

*ж) Эъҷози идорӣ ва роҳҳои пешрафт ва пойдории он.*

*з) Эъҷоз дар пешгӯиҳои оянда ва рӯйдодҳои ғайбӣ.*

Эъҷоз ва ё мӯъҷиза будани Қуръон ба маънои он аст, ки каломи илоҳӣ дар тамоми заминаҳо аз тобу тавон ва ҳама гуна зарфиятҳои инсонӣ бартар аст, башарият ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ заминае наметавонад ба он рақобат намояд, зеро Қуръон барои ҳар давру замоне гӯшаҳое аз эъҷози худро мекушояд ва он ҳамон гуна ки уламои Қуръон мегӯянд: *"Қуръони карим китоби ҳар аср аст ва дар ҳар давре далели эъҷози худро аз ҳамон давра доро мебошад. Он дар баёни ҳодисаҳои таърих, дар таъсири маънавӣ ва умуман, дар тамоми ҳақоиқи худ мӯъҷиза мебошад. Имрӯз бо муқоисаи муҳимтарин дастовардҳои тамаддуни моддӣ дар таъмини саодати инсон, ки ба гунае берун аз қаламрави арзишҳои тамаддуни исломӣ пас аз асрҳо талошу мубориза ба авҷи такомули худ расидааст, ба омӯзаҳои амалӣ ва аҳкоми нуронии Ислом метавон ба хубӣ ба азамати тамаддуни Ислом ва илоҳӣ будани он пай бурд. Ҳанӯз усули инсонӣ ва арзишҳои башарии таълимоти Ислом ва он барномаи фарогире, ки Ислом барои таъмини саодати инсон овардааст, нисбат ба ҳамин масоил дар тамаддуни моддӣ аз шукӯҳи хосе бархӯрдор мебошанд ва дини Ислом то абад ин бартарияти худро ҳифз хоҳад кард."*

## Маърифати 17-ум: Ҳикмати такроршавии матлабҳо ва қиссаҳои қуръонӣ

Шахси мутолиакунанда дар ҷараёни баррасии мафоҳими олии қуръонӣ гоҳо ба такрорёбии саргузашти миллатҳои пешин ва достони Паёмбарони гузашта бармехӯрад. Ин такроршавии гузоришоти қуръонӣ аз назари коршиносони соҳаи улуми Қуръон аслан такрори достони қаблан зикргардидае ба шумор намеравад,

балки он танаввўъ ва гуногунбархўрдӣ бо мавзўъ буда, дар ҳар мавқеъ паҳлўи тозае аз онро бозгў намудааст. Зеро Қуръон ба бинои пайкари уммат ва сохтори ҳаёти мардум сару кор дорад ва дар раванди бинои шахсияти инсон ва сохтори нави иҷтимоӣ дар ҳар мавқеъ паҳлўе аз ҳодисаро бозгў намудааст, ки ба ҳамон мақтаъи замонӣ ва вазъи иҷтимоӣ созгор бошад.

Уламо дар ин масъала чунин тавҷеҳ ва баён намудаанд: *"Дар достонҳои қуръонӣ такрор вуҷуд надорад, зеро ҳеҷ достоне ва ё ҳалқае аз достоне дар Қуръон нест, ки аз лиҳози ҳаҷму андоза, шеваи баён ва рафти пешкаши мўҳтаво ба сурати воҳиде такрор шуда бошад ва агар ҳалқае аз достоне дар ҷое такрор ёфта бошад, ҳатман он чизи тозаеро дар он мавзўъ адо менамояд, ки ин ҳақиқати такрорро нафй менамояд."*

Ҳамин тавр, дар поёнбахши аксари оятҳо ва ё маҷмўае аз онҳо баёни номҳо ва сифатҳои таъоло, подоши аъмоли бандагон ё ҷои абадии ҳарду гурўҳ, яъне мўъминон ва кофирон ба такрор зикр гардидааст. Ин барои он аст, ки меҳвари арзишҳои илоҳӣ, камарбанди ақидаи тавҳид ва таҳдоби дини Аллоҳ бар пояи имон ба Аллоҳи бузург ва ба рўзи охират бино ёфтааст. Бинои шахсияти солими инсонӣ ва сохтори ҷомеаи ормониро низ ба ҳамин нуқта тамаркуз мебахшад, ки пуштвонаи табиии он дар фитрати инсон ниҳода шудааст. Бинобар ин метован дар ҳар қиссае ё матлабе, ки ҳамчун такрор ба назар мерасад, бо гуфтаҳо ва тавҷиҳоти боло аҳамият дод.

## Маърифати 18-ум: Тарҷума ва тафсири Қуръони карим

Дар фармудаи Аллоҳ таъоло аст:

وَمَا كَانَ ٱلْمُؤْمِنُونَ لِيَنفِرُوا۟ كَآفَّةً ۚ فَلَوْلَا نَفَرَ مِن كُلِّ فِرْقَةٍ مِّنْهُمْ طَآئِفَةٌ لِّيَتَفَقَّهُوا۟ فِى ٱلدِّينِ وَلِيُنذِرُوا۟ قَوْمَهُمْ إِذَا رَجَعُوٓا۟ إِلَيْهِمْ لَعَلَّهُمْ يَحْذَرُونَ ۝

**"Мумкин нест мўъминонро, ки ҳамагӣ барои талаби илм ба сафар раванд. Пас аз ҳар қабилае чанд нафаре барои талаби илм ба сафар раванд, то дониши дини хешро биёмўзанд ва чун баъди илм гирифтан бозгаштанд, мардуми худро бо илм огоҳ ва бим бидиҳанд, бошад ки аз азоби илоҳӣ битарсанд."** (Тавба, 122)

Аз ин оят бар меояд, ки бар мӯъминон воҷиб нест, ки ҳамагӣ ба талаби илму дониш бираванд, диёр ё ватани худро холӣ ё тарк кунанд, балки аз ҳар тоифа гурӯҳе берун рафта ва дигарон боқӣ монанд ва ин гурӯҳе, ки берун рафтаанд, илм ва дониши диниро аз худ карда, сипас ки бозгаштанд, боқимондагонро ба дини Аллоҳ омӯзиш дода ва онҳоро аз нофармониҳо ва сарпечиҳо аз дастуроти Аллоҳ таъоло тарсу бим диҳанд. Бошад ки онҳо бо амал кардан ба китоби Аллоҳ ва суннати Паёмбараш аз азоби Аллоҳ дар амон монанд.

Уламои Ислом бар асоси ин оят ва дигар дастуроти илоҳӣ фарз донистаанд, ки бояд Қуръони карим ва суннати Расули акрам алайҳиссалом бо дигар забонҳо тарҷума карда ва ба мардум расонда шавад. Қуръони карим бошад, каломи азалии Аллоҳ таъоло дорои хусусиятҳои хос мебошад ва бо тамоми эъҷоз ва дар камоли пуррагӣ дар қолаби забони арабӣ фурӯд омадааст.

Забони арабӣ аз лиҳози чорчӯбаи забонӣ, пурғунҷоиштарин ва беҳтарин забони дунё ба шумор меравад ва илова бар ин, Қуръон ва суннат ба он камоли илмӣ, густараи баёнӣ ва пояҳои ҷовидонагӣ бахшидаанд. Бо вуҷуди ин ҳама гунҷоиши забонӣ, ки дар ин забон дида мешавад, каломи Аллоҳ таъоло дар тамоми ҷанбаҳо аз дигар суханон тафовути куллӣ дорад, ҳатто аз тафсирҳо, ки аз паҳлуҳои гуногун ба баёни маонии оятҳои Қуръон пардохтаанд ва ё бо калимаҳо ва ибораҳои муродифе оятҳои онро шарҳ додаанд, фарқ дорад.

Қуръони карим ҷанбаи илоҳӣ, яъне мофавқи башарӣ дорад ва бо хусусиятҳои хос ва камоли илоҳии худ фарқ мекунад, илова бар он ки ба забони шевои арабӣ нозил шудааст ва назм, сабк ва шеваи хоси худро дорад. Бинобар ин, замоне ки Қуръон бо забонҳои дигар тарҷума ва тафсир мешавад, он наметавонад камоли эъҷоз ва хусусиятҳои илоҳии худро ба тамом ифода намояд. Гузашта аз ин, тиловати Қуръони карим ибодат мебошад ва чизе ҷойгузини он шуда наметавонад.

Тарҷума ва тафсири китоби Аллоҳ ягона роҳи фаҳмидани маонӣ ва дарки хусусиятҳои илоҳии он мебошад ва он тарҷума ва тафсире бештар муассир ва дар ин бора муваффақ мебошад, ки эъҷоз ва хусусиятҳои илоҳии онро дар худ зиёдтар дарҷ ва ифода намояд. Қуръони карим илова бар он аҳкоми бемонанди ибодӣ, таълимоти

пешрафтаи тарбиявӣ, қонунҳои комили зиндагӣ ва барномаи ҳидояте, ки барои башарият овардааст, дар қуллаи эъҷози адабӣ қарор дорад ва рӯҳу андешаи инсонро дар зери таъсири ҳидояти хос, ибороти расо, баёни шево, назми зебо ва ҷозибаҳои маънавии худ қарор медиҳад.

Оятҳои каломи ҳақ андешаҳои солим ва мағзҳои пӯёи ҷомеаро ҳам аз назари камоли қонунгузорӣ, ҳам аз пойгоҳи ҷозибаҳои илоҳӣ ва ҳам аз ҷиҳати тавофуқи лафзу маъно тасхир менамоянд ва бо камоли мавзуният ба бинои шахсияти инсон мепардозанд. То имрӯз дар заминаи баёни матолиб ва баргардонии маънои оятҳои Қуръон бо забонҳои дигар, 3-навъи тарҷума вуҷуд дорад:

*а) Тарҷумаи таҳтуллафзӣ.*

*б) Тарҷумаи тафсирӣ.*

*в) Тарҷумаи озод ва ё мафҳумӣ, ки онро тарҷумаи маъноӣ ҳам мегӯянд.*

Тарҷумаи таҳтуллафзӣ: Дар гузашта бузургони дин ва пешвоёни фан барои ҳарчи наздиктар будан ба меҳвари оятҳои Қуръон ва ба кор бурдани камоли эҳтиёт дар тарҷумаи каломи илоҳӣ, аз равиши тарҷумаи таҳтуллафзӣ пайравӣ мекарданд. Дар ин равиш оятҳои Қуръон калима ба калима ва банд ба банд тарҷума мешаванд ва он ба назми ибораҳои қуръонӣ хеле наздик мебошад, вале он назми имлоӣ ва камоли адабии забони тарҷумаро аз даст медиҳад, зеро назми имлоӣ ва дастури адабӣ дар забони тарҷума аз забони арабӣ фарқ мекунад. Ин ҷост, ки таъсироти маънавӣ ва қобилияти рӯҳафзоии оятҳои Қуръон, пас аз тарҷума, дар андеша ва рӯҳи хонанда хеле кам мегардад, ҷозибаҳои каломи ҳақ аз байн меравад ва дигар аз он ҳаловати маънавӣ ва таъсироти равоние, ки Қуръон дар қалбу рӯҳи инсон фурӯ мерезад, дар он тарҷумаҳо чизе боқӣ намемонад.

Тарҷумаи тафсирӣ: Дар ифода ва интиқоли маонӣ ва таъсироти равонии каломи Аллоҳ таъоло рӯҳу андешаи хонанда комилтар ба назар мерасад. Бинобар ин, баъзе донишмандони риштаи тафсир, ба хусус дар асри гузашта, ба ин равиши тарҷума рӯй овардаанд. Дар ин равиши тарҷума илова бар тарҷумаи маънои муфрадоти оятҳо барои равшантар шудани мафҳуми умумии ҳар оят калимаҳо ва ё

ибораҳои тафсирие дар қавсайн ва ё дар миёни аломатҳои шартии дигар зикр мегарданд, вале ин тарҷума низ наметавонад камоли эъҷоз, таъсироти маънавӣ ва хусусиятҳои илоҳии Қуръонро ба тамом ифода намояд.

Тарҷумаи мафҳумӣ: Ба он тарҷумаи озод низ гуфта мешавад, ба баёни мафҳуми умумӣ ва манзури аслии оят ва ё маҷмӯаи оятҳо мепардозад ва риояи назм ва тартиби ҷойгиршавии калимаҳоро дар сохтори ибора ва оят дар мадди назар қарор намедиҳад. Дар ин равиш мафҳуми умумии оят тарҷума мешавад, на лафзи он. Манзури муфассир ва мутарҷим дар ин ҷо расонидани паёми илоҳӣ ба хонанда мебошад, на тарҷумаи калимот ва лафзи оятҳо. Бинобар ин, онро тарҷумаи мафҳумӣ ва озод мегӯянд.

Ба ҳар ҳол, Қуръони карим ба сурати паёмҳои зиндае барои ислоҳи эътиқодот ва танзими маҷрои зиндагии башарият фурӯд омада ва ба ҳаёти амалии мардум сару кор дорад, дар ҳолатҳои гуногун ва пас аз ҳар марҳалае лаҳни хитоб ва равиши бархӯрди худро бо мухотабонаш бар асоси тақозои мавқеъ дигар мекунад ва равиши наверо ба кор мегирад. Пас табиист, ки тарҷума дар ҳар шакле, ки бошад, ин нозукиҳои паёмҳои Қуръонро ба тамом ифода карда наметавонад. Пас шахси мусалмон барои дарк ва баёни эъҷози зебоӣ, расоӣ ва камоли бенақси каломи илоҳӣ ва барои эҳсоси таъсирот ва ҳаловати он ногузир бояд ба омӯзиш ва тиловати Қуръон рӯй оварад, пас аз мутолиаи заминасози тарҷумаҳо ва тафсирҳои он ба забони худ, ба омӯзиши бевоситаи хазонаи маорифи илоҳӣ пардозад.

Гузашта аз ин, барои шинохти амиқ ва дарки дурусти маонии оятҳо донистани маълумотҳои зиёде доир ба улуми Қуръон зарур мебошад, ки он ҳамаро маҳз аз тариқи хондани тарҷумаи Қуръон наметавон ба даст овард. Ин ҷост, ки зарурати омӯзиши тафсири Қуръон пеш меояд ва моддаи тафсир, ки ба баррасӣ ва омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни донишҳои қуръонӣ сару кор дорад, манзури аслии оятҳоро ҳамаҷониба ва бо тафсил баён менамояд.

## Маърифати 19-ум: Нозил шудани оятҳо дар Макка ва дар Мадина

Ишораи мухтасаре дар бораи сабаб ва макони нузули оятҳо ва сураҳо низ дар инҷо муҳим ба назар мерасад, зеро дарки дурусти маънои баъзе оятҳо ба ин мавзӯъ

сахт вобастагӣ дорад. Аксари оятҳои Қуръон аз ибтидо бидуни муносибати хос ва ҳодисае нозил гардидаанд. Ин қисмат бахши аъзами Қуръонро ташкил медиҳад ва дар нузули онҳо танҳо ҳамон сабаби куллӣ ва асосии нузули Қуръон тақдими барномаи ҳидоят барои башарият мушоҳида мешавад, аммо баъзе оятҳо пас аз рӯй додани ҳодисае ва ё ба муносибати кори муҳимме нозил гардидаанд. Он шароите, ки заминаи нузули баъзе оятҳо ва заминаи фурӯд омадани ҳукме дар бораи он гардидааст, ***сабаби нузул*** ва ё ***шаъни нузул*** номида мешавад. Албатта, оятҳое, ки пас аз шароити махсусе ва ё дар натиҷаи ҳодисае нозил гардидаанд, ҳукми онҳо ба он шароит ва ҳодиса махсус ва маҳдуд намебошад, вале барои беҳтар ва равшантар фаҳмидани маънои он оятҳо, донистани сабаби нузули онҳо аҳамияти илмӣ пайдо мекунад. Ҳамчунин, шинохти сураҳо ва оятҳои маккӣ ва мадании Қуръон барои дарки дурусти маънои паёмҳои Қуръон муҳим мебошад, зеро даъвати Ислом дар Маккаи мукаррама бо шароит ва муҳити хосе рӯ ба рӯ буд ва дар даврони Мадина бо муҳит ва шароити дигаре.

Даврони рисолати Паёмбар алайҳиссалом ва нузули ваҳйи илоҳӣ ба ду марҳалаи асосӣ, яъне аҳди Макка ва даврони Мадина ҷудо мешавад ва дар ҳар даврае афзалиятҳои даъват ва вижагиҳои марҳалавӣ вуҷуд доштанд. Оятҳое, ки дар ин давраҳои гуногун нозил шудаанд, бо таносуб ба ҳамон афзалиятҳои даъват ва вижагиҳои марҳалавӣ ба муолиҷаи мушкилот ва бинои асосҳои дин дар ҳамон марҳала пардохтаанд.

Даъвати Ислом умуман, дар даврони ҳаёти Паёмбар алайҳиссалом ва дар замони нузули Қуръон ду марҳалаи муҳимро аз сар гузаронидааст. Якум, марҳалаи маккии даъвати Ислом ва дуввум, марҳалаи даъвати дини Аллоҳ дар Мадина.

Рисолати Паёмбар алайҳиссалом дар Макка бошад ду давраи мутафовит ва асосии даъвати мардум ба Исломро дар бар мегирад:

*а) Давраи даъвати сиррӣ.*

*б) Давраи даъвати ошкорӣ.*

Дар ибтидо даъвати он ҳазрат алайҳиссалом хешовандон, наздикон ва аҳли эътимоди ўро дар ҳавзаи худ фаро мегирифт ва ин вазъ муддати се-чор сол идома ёфт. Пас аз он, вақте пойгоҳи иҷтимоие дар атрофи он ҳазрат алайҳиссалом барои нашри арзишҳои дини Аллоҳ ба вуҷуд омад, марҳалаи наве барои рисолати Паёмбар алайҳиссалом оғоз гардид ва он ҳазрат алайҳиссалом ба даъвати ошкори мардуми Қурайш ба дини Аллоҳ пардохт. Ин давра муддати нўҳ то даҳ солро дар бар гирифт. Дар ин муддат Паёмбар алайҳиссалом ва мусалмонон ба сахтиҳо, ранҷҳо, душманиҳо ва муҳосираҳои гуногуне аз ҷониби мухолифони даъват рў ба рў гаштанд. Ба ҳар ҳол, дар ин муддат овозаи рисолати он ҳазрат алайҳиссалом ба тамоми қабоил ва мардуми сарзамини араб расид. Ин марҳала, ки дар маҷмўъ сездаҳ сол тўл кашид, марҳалаи эҷоди таҳаввул дар афкори иҷтимоии мардум ва сохтани пойгоҳи эътиқодие дар ботини онҳо ба шумор меравад ва ҳанўз чизе аз аҳкоми иҷтимоӣ ва ибодот, ба ҷуз намоз, дар он нозил нагашта буд. Пас паёмҳои ҷовидонаи Қуръон дар бархўрд бо ҳамин вазъ нозил гашта, ба фазои умумии ин марҳалаи даъват комилан таносуб доштанд, ҳарчанд дар худ мафоҳими умумибашариро дарҷ намуда буданд. Сураҳое, ки дар ин давра нозил шудаанд, дар истилоҳи муфассирон ба ***сураҳои маккӣ*** ва ё ***Қуръони аҳди Макка*** шинохта шудаанд.

Рисолати Паёмбар алайҳиссалом дар Мадина ба марҳалаи нав ва муҳити комилан дигаре мегузарад. Ин марҳала марҳалаи бунёди давлат, сохтани ҷомеа ва уммати Ислом ва рехтани асоси тамаддуни бузурги Ислом мебошад. Паёмҳо ва тавҷеҳоти Қуръон дар ин давра бо дарназардошти шароити нав ва барои роҳнамоӣ ва тақвияти сохтори иҷтимоии мусалмонон ва танзими дигар муносибатҳои онҳо нозил мегаштанд. Қуръони карим ба мушкилот ва ниёзҳои даъвати онҳо дар ин марҳала посух мегўяд ва барои онҳо тадбирҳо, барномаҳои корӣ ва рўзмарраи тозаеро муайян месозад. Сураҳое, ки пас аз ҳиҷрати Паёмбар алайҳиссалом ба Мадина ва дар тўли ин марҳала нозил шудаанд, дар истилоҳи муфассирон ба ***сураҳои маданӣ*** ва ё ***Қуръони аҳди Мадина*** шинохта мешаванд.

Даъвати Ислом дар Макка танҳо бо мушрикони бутпараст, муҳити носолими иҷтимоӣ, эътиқодоти ширкомез, пофишории сарони Қурайш бар ҳифзи эътиқодот ва равиши зиндагонии падаронашон ва душманиҳои онҳо бо ойини нав рў ба рў буд.

Дар Мадина бошад, боз ду тоифаи дигар бар онҳо афзуд, табақаи мунофиқон ва мардуми аҳли Китоб, ба хусус яҳудиён, ки доираи мушкилоти даъват ва роҳҳои бархӯрди онро бо ин вазъ печидатар месохт ва фазои иҷтимоии дигареро ба вуҷуд оварда буд.

Ҳамчунин даъвати Ислом дар ин давра ба тамоми қабоил ва мардуми сарзамини Араб ва пас аз сулҳи Ҳудайбия қисман ба ду императории бузурги он рӯзгор – Эрон ва Рум низ сару кор дошт ва оятҳои Қуръон дар бархӯрд бо ин авзоъ ва аҳвол нозил мешуданд.

Пас барои дарки дурусти маънои оятҳои алоҳида ва ё маҷмӯаҳои қуръонӣ, ки бевосита барои ислоҳи ин вазъ ва сохтани уммати Ислом дар чунин мавқеъиятҳое нозил шудаанд, тамоми ин авзоъи сиёсӣ, аҳволи иҷтимоӣ ва фазои даъват бояд дар назар гирифта шаванд.

Сураҳо ва оятҳое, ки дар муддати 13-соли аввали рисолати Расули акрам алайҳиссалом, яъне пеш аз ҳиҷрати Паёмбар алайҳиссалом ба Мадина нозил шудаанд, сураҳои маккӣ буда, ба Қуръони аҳди маккӣ шинохта мешаванд, хоҳ дар дохили шаҳри Макка нозил шуда бошанд, хоҳ дар берун ва атрофи он. Аммо он қисмате аз сураҳои Қуръон, ки пас аз ҳиҷрат ва дар давраи дуввуми рисолати Паёмбари акрам алайҳиссалом нозил шудааст, сураҳои маданӣ буда ва ба Қуръони аҳди Мадина шинохта мешаванд, хоҳ дар шаҳри Мадина нозил шуда бошанд, хох дар аснои сафарҳо ва маъракаҳои набарди он ҳазрат алайҳиссалом.

## Маърифати 20-ум: Муҳимтарин мақсадҳо ва ҳадафҳои Қуръони карим

Ба ҳар сурат бояд муҳимтарин мақсадҳои шариати Ислом, ки Қуръони карим барои таҳаққуқ бахшидан ба онҳо фиристода шудааст, барои хонандагон мушаххас гардад, то меҳвари мавзӯъоти каломи Аллоҳ таъолоро ба хубӣ дарёбанд. Зеро Қуръон шеваи баён, меҳвари мавзӯъӣ, низоми иҷтимоӣ ва тарзи бархӯрди хоси худро ба ҳаёти инсон дорад ва дар он шакл ва тартиби мавзӯъбандии таснифоти маъмулӣ дар навиштаҷоти башарӣ ҷой надорад. Аслан дар равиши кори нигориши инсон китоб бар асоси даромади мавзӯъ, матни аслӣ, хулоса ва хотима тартиб дода

мешавад ва китобҳои қонун ба бобҳо, фаслҳо ва бандҳои алоҳида ҷудо ва мавзӯъбандӣ мегарданд, вале Қуръон бартар аз ин назму тартиб мебошад ва ба паҳлӯҳои шахсияти инсон ва ниёзҳои печидаи ҳаёти ӯ ба шеваи дигаре бархӯрд менамояд. Ин ҷост, ки мутолиакунанда дар он ба паёмҳои тоза ва равиши илоҳие рӯ ба рӯ мегардад. Пас бояд шахс қаблан аз мавзӯъоти асосӣ, тарзи баён ва мақсадҳои он огоҳӣ дошта бошад.

Дар инҷо ба таври хулоса ба ҳашт ҳадафи олӣ ва мақсади муҳимме, ки дар муқаддимаи тафсири Ибни Ошур омадааст, ишора менамоем. Ӯ муҳимтарин паёмҳо ва мақсадҳои Қуръони азимро ба ин сурат хулосабандӣ намудааст:

1. Асоси барномаи ваҳйи илоҳиро ислоҳи эътиқодот ва роҳнамоии дурусти фикрии мардум ташкил медиҳад. Ин меҳвар дар Қуръон ба унвони бузургтарин воситаи ислоҳи мардум шинохта шудааст, зеро пас аз ба вуҷуд омадани заминаи дурусти эътиқодӣ ва хатти муайяни фикрӣ, инсон метавонад худро аз ҳар гуна иштибоҳоти фикрӣ, лағжишҳои ахлоқӣ ва аъмоли ношоиста эмин нигаҳ дорад.

2. Меҳвари дуюми арзишҳои қуръонӣ тазкия намудани нафс ва покизагии ахлоқии инсон ва ҷомеа мебошад ва Аллоҳ таъоло унвони намунаи нек Паёмбари Ислом алайҳиссаломро бар ахлоқи бузург васф намудааст, Чуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَإِنَّكَ لَعَلَىٰ خُلُقٍ عَظِيمٍ

**"Воқеан ҳам ту дорои ахлоқи бузурге мебошӣ."** (Қалам, 4) Бар асоси ривояте, ки аз модарамон Оиша разияллоҳу анҳо омадааст, ***"Ахлоқи Паёмбар алайҳиссалом таҷассуми зиндаи арзишҳои олии қуръонӣ буд."*** Худи он ҳазрат алайҳиссалом низ дар ҳадисе мефармоянд: ***"Ман барои пурра гардонидани зебоиҳои ахлоқ фиристода шудаам."***

3. Мақсади сеюм ва пояи иҷтимоии аҳкоми Қуръонро меҳвари қонунгузорӣ ва назми иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

إِنَّآ أَنزَلْنَآ إِلَيْكَ ٱلْكِتَٰبَ بِٱلْحَقِّ لِتَحْكُمَ بَيْنَ ٱلنَّاسِ بِمَآ أَرَىٰكَ ٱللَّهُ ۚ وَلَا تَكُن لِّلْخَآئِنِينَ خَصِيمًا

**"Мо ба ҳақ, китобро бар ту фурӯ фиристодаем, то ба ончи Аллоҳ туро нишон додааст, дар миёни мардум ҳукм намоӣ."** (Нисо, 105) Дин аслан танзимгари ҳаёти иҷтимоии мардум ва таъйинкунандаи меъёрҳои зиндагии обрӯмандона барои инсон мебошад ва Қуръони карим куллиёти ин аҳкомро дар худ ҷой додааст.

4. Китоби Аллоҳ бар асоси сиёсати дуруст ва хирадмандона идора намудани низоми иҷтимоии ҷомеа мебошад ва ҳифзи якпорчагӣ ва ваҳдати умумии уммати Ислом ҷузъе аз сиёсати дуруст ва хирадмандонаи он ба шумор меравад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَٱعْتَصِمُواْ بِحَبْلِ ٱللَّهِ جَمِيعًا وَلَا تَفَرَّقُواْ

**"Ҳама якпорча ба ресмони Аллоҳ чанг занед ва аз ҳам пароканда набошед..."** (Оли Имрон, 103) Ё дар ҷои дигар мефармояд:

إِنَّ ٱلَّذِينَ فَرَّقُواْ دِينَهُمْ وَكَانُواْ شِيَعًا لَّسْتَ مِنْهُمْ فِى شَىْءٍ

**"Албатта касоне, ки дини худро пора-пора сохта ва ба гурӯҳҳо ҷудо гаштаанд, ту ба онҳо ҳеҷ муносибате надорӣ..."** (Анъом, 159) Дар ҷои дигар мефармояд:

وَلَا تَنَٰزَعُواْ فَتَفْشَلُواْ وَتَذْهَبَ رِيحُكُمْ

**"Бо ҳам ба низоъ напардозед, зеро он сабаби фалаҷ гардидани (назми иҷтимоии) шумо мегардад ва эътибору иззат ва иқтидори шумо аз байн меравад."** (Анфол, 46)

5. Достонҳо ва ахбори миллатҳои гузаштае низ дар Қуръон зикр гардидаанд, ки мақсад аз зикри онҳо панд гирифтан аз аҳволи иҷтимоӣ ва тарзи зисту зиндагонии онҳо мебошад. Яъне манзур аз зикри саргузашти умматони пешин дар Қуръон он аст, ки мусалмонон бо таҳлили авзоъ ва аҳволи иҷтимоии онҳо омилҳои шукуфоӣ ва ё сабабҳои таназзул ва нобудии онҳоро биомӯзанд, қонунмандиҳои иҷтимоии ҳаёти инсонро мавриди таҳлил қарор диҳанд ва аз онҳо панд гиранд.

6. Асли шашуми таълимоти қуръонӣ риояи ҳоли мухотабони ҳар аср мебошад, ки ин бошандагони ҳар асрро барои пазириш ва нашри арзишҳои волои Ислом омодатар месозад. Қуръон ҳамин хислатро дар расонидани таълимоти худ барои аҳли ҳар асре ва ҳатто ҳар табақае аз мардумони гуногуни ҳар аср ба хубӣ дар худ муҷассам намудааст. Яке аз розҳои ҷовидонагии эъҷози Қуръон он аст, ки барои мардумони ҳар асре мӯъҷиза мебошад ва дар ҳар асре уфуқҳои наве аз эъҷози он кушода мегардад.

7. Меҳвари дигаре аз мавзӯъоти Қуръон панду андарзҳо, башоратҳо ва биму тарсҳое мебошанд, ки дар маҷмӯаи оятҳои навидбахш зикр гардидаанд ва ин мавзӯъ дар назди аҳли фан ба боби тарғиб ва тарҳиб (тарс) машҳур мебошад.

8. Ҷанбаҳои эъҷози Қуръон меҳвари ҳаштуми мақсадҳои онро ташкил медиҳанд ва Қуръон низ дар чандин ҷо ба мӯъҷиза будани худ ишора намудааст.

## Маърифати 21-ум: Шароит ва зарфиятҳои илми муфассир

Шахсе, ки масъулияти сангини тафсири китоби Аллоҳро бар дӯш мегирад, барои анҷоми солим ва сарбаландонаи ин амонати илоҳӣ, бояд аҳком ва мақсадҳои шариати Исломро дар тамоми заминаҳои ибодатӣ, муомилот, муносибатҳои хонаводагӣ, равобити иҷтимоӣ ва ғайра ва ҳамчунин суннатҳои воридгашта дар он мавзӯъот ва қавлҳо ва назарияҳои муфассирони пешини салафи солеҳ ва муосирро дар бораи онҳо хуб бидонад ва ба маънои онҳо дуруст сарфаҳм биравад. Фармудаи Аллоҳ таъоло аст:

وَلَا تَقْفُ مَا لَيْسَ لَكَ بِهِۦ عِلْمٌ ۚ إِنَّ ٱلسَّمْعَ وَٱلْبَصَرَ وَٱلْفُؤَادَ كُلُّ أُو۟لَٰٓئِكَ كَانَ عَنْهُ مَسْـُٔولًا

**"Эй инсон, аз пайи чизе марав, ки ба он огоҳӣ надорӣ, бегумон гӯш, чашм ва дил пурсида хоҳанд шуд."** (Исро, 36) Имом Нававӣ мегӯяд: *"Тафсир намудани Қуръон бар беилмӣ ва сухан гуфтан дар бораи маонии он барои шахсе, ки аҳли он набошад, ҳаром аст. Аҳодиси набавӣ дар ин бора зиёд мебошанд ва тамоми уммат бар ин амр иттифоқи назар доранд, аммо тафсири Қуръон барои донишмандони дорои шароити тафсир ҷоиз ва писандида аст. Шахсе, ки дорои шароит ва аҳли*

*тафсир набошад, бо вуҷуди он ки тафсир намудани Қуръон бар ӯ ҳаром мебошад, вале метавонад тафсирро аз шахсиятҳои мӯътамад ва аҳли тафсир нақл намояд."*

Улум ва донишҳое, ки донистани онҳо барои муфассири Қуръон шарт072 дониста шудаанд, бо ихтисор инҳо мебошанд:

1. Қуръони карим ва улуми қуръонӣ:

*- Илми қироатҳо.*

*- Илми асбоби (сабабҳои) нозил шудани оятҳо ва сураҳо.*

*- Илми давраҳои нозил шудани Қуръон.*

*- Илми носиху мансух ва муҳкаму муташобеҳ будани сураҳо ва оятҳо.*

2. Суннат ва улуми он. Улуми суннат он донишҳое мебошанд, ки суннати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро аз паҳлӯҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор медиҳанд, ба монанди мусталаҳи (истилоҳи) ҳадис, илми риҷол (илми шахсиятҳое, ки ҳадисҳоро ривоят кардаанд, ки ба он илми санади ҳадис низ мегӯянд) ва монанди инҳо.

3. Усули дин, ки он илми тавҳид мебошад. Дини Ислом ба ду асли муҳим ва ё ду қисмати асосӣ, ки яке усули эътиқодӣ (ақида) ва дигаре бахши аҳком мебошад, тақсим шудааст. Муфассир бояд дар бораи усули эътиқодӣ ва асосҳои тавҳид шинохти дуруст ва фарогир дошта бошад, зеро асли ақидаи тавҳид муҳимтарин меҳвари оятҳои Қуръонро ташкил медиҳад.

4. Фиқҳ ва усули он. Меҳвари дуюми оятҳои Қуръонро аҳкоми шаръӣ ташкил медиҳад. Дини Ислом аслан барои ислоҳ ва таҳкими пояҳои эътиқодоти тавҳидии мардум ва ба танзим даровардани низоми зиндагонии башар ба беҳтарин сурат омадааст ва тамоми мафоҳим ва арзишҳои дигари он перомуни ин ду меҳвар ҳаракат менамоянд. Ислоҳи эътиқодӣ, фикрӣ ва иҷтимоии фард ва ҷомеа ҳадафи асосии рисолати Ислом мебошад. Пас бояд муфассир ба таври куллӣ аз аҳкоми ташреъӣ (қонунгузорӣ) ва тавҷеҳоти амалӣ ва ахлоқии шариат огоҳ бошад.

5. Сираи набавӣ ва зиндагиномаи асҳоби он ҳазрат алайҳиссалом. Ҳаёту фаъолиятҳои Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам тафсир ва татбиқи амалии Қуръони карим мебошанд. Барои дарки маънои оятҳои Қуръон муфассир бояд аз тамоми ҷузъиёти зиндагонии он ҳазрат алайҳиссалом то ҷое, ки ба тафсири Қуръони карим иртибот пайдо мекунад, иттилоъ дошта бошад ва аз фаъолиятҳои он ҳазрат алайҳиссалом дар чаҳорчӯбаи замонӣ ва маконӣ маълумоти кофӣ дар даст дошта бошад. Аз ҳаёти саҳобагони он ҳазрат алайҳиссалом ва умуман, аз таърихи Ислом дар садри аввал, яъне асри саҳобагон, тобеъин ва атбоъи (тобеъони) онҳо огоҳиҳои дақиқи илмӣ ва маълумотҳои саҳеҳи таърихӣ дошта бошад. Зеро арзишҳо ва мақсадҳои олии Қуръон барои аввалин бор ва ба сурати пурра дар он ҷомеаи намунавӣ татбиқ шудаанд. Ҳаёти онҳо намунаи амалие аз татбиқи воқеии оятҳои Қуръон мебошад ва донистани он барои муфассири Қуръон аҳамияти баланди илмӣ дорад. Илова бар ин, дарёфткунандагони бевоситаи Қуръон аз Расулуллох саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва расонандагони он ба наслҳои баъдӣ низ ҳамонҳо мебошанд, яъне онҳо аввалин пойгоҳ ва муҳимтарин сарҳалқаи занҷираи уммати Ислом ба шумор меравaнд. Пас бе донистани зиндагонии Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва таърихи садри Ислом, инсон аз муҳити иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар шароити нузули Қуръон бехабар мемонад ва дар натиҷа наметавонад Қуръонро тафсири дуруст намояд.

6. Забони арабӣ, илм ва одоби он. Донишмандон донистани забони арабиро дар ҳафт ришта барои муфассир шарт ва муҳим донистаанд:

*а) Илми луғатшиносӣ.*

*б) Илми сарф.*

*в) Илми иштиқоқ ва ё решаёбӣ.*

*г) Илми наҳв (грамматика).*

*ғ) Илми маонӣ.*

*д) Илми баён ва ё услубшиносӣ.*

*е) Илми бадеъ (зебоишиносӣ дар забон).*

## Маърифати 22-юм: Шароит ва зарфиятҳои ақлӣ, динӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ барои муфассир

1. Шароит ва зарфиятҳои ақлӣ. Шахси муфассир бояд аз тавоноии зеҳнӣ ва нерӯи фикрии хубе бархӯрдор бошад, ки бо истеъдоди баланди фикрӣ, заковат ва ҳисси солим ва ҷустуҷӯгари худ захираҳои маънои калимаҳо ва тавҷеҳоти дурусти истидлолиро берун оварда тавонад. Зеро шинохти маонии паёмҳои Қуръон бар асоси таъаммул ва андешидан дар оятҳои он ба даст меояд ва нерӯи андешаи инсон ба воситаи зеҳни равшан, заковати фитрӣ ва истеъдоди илоҳии ӯ ҳосил мешавад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

أَفَلَا يَتَدَبَّرُونَ ٱلْقُرْءَانَ أَمْ عَلَىٰ قُلُوبٍ أَقْفَالُهَآ

**"Оё дар Қуръон намеандешанд ё бар дили онҳо қулф ниҳода шудааст?"** (Муҳаммад, 24) Ҳамчунин мефармояд:

كِتَٰبٌ أَنزَلْنَٰهُ إِلَيْكَ مُبَٰرَكٌ لِّيَدَّبَّرُوٓا۟ ءَايَٰتِهِۦ وَلِيَتَذَكَّرَ أُو۟لُوا۟ ٱلْأَلْبَٰبِ

**"Китоби пурбаракотеро ба сӯи ту фурӯ фиристодаем, то инсонҳо дар оятҳои он биандешанд ва соҳибхирадон аз он панд гиранд."** (Сод, 29)

2. Шароити динӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ. Шахси муфассир, ба хусус дар аснои тафсири Қуръон, дар партави маорифи каломи илоҳӣ ба сар мебарад. Дари хазонаи маорифи илоҳӣ ба рӯи касе боз мешавад, ки аз пойгоҳи имон ба фиристандаи он ва пойбандӣ ба аҳкоми нуронии он ба вай рӯй оварад. Пас барои ба даст овардани дақоиқ ва нуҳуфтаҳои илми илоҳӣ аз Қуръони карим, бояд муфассир ба ин шароити динӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ пойбанд бошад:

*а) Эътиқоди дуруст ва пойбандӣ ба арзишҳои илоҳии Қуръон дошта, аз ҳавову ҳавасҳои нафсонӣ, ғаразҳои дунявӣ ва аз бидъату гумроҳиҳо дур бошад.*

*б) Дар ин амали худ танҳо талаби ризои Аллоҳ таъолоро намояд, ба китоби Аллоҳ унс дошта бошад ва ин амал машғулияти шабонарӯзии ӯро ташкил диҳад.*

*в) Шахси диндор ва парҳезгор бошад ва тарси Аллоҳ таъолоро дошта бошад.*

Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۖ وَيُعَلِّمُكُمُ ٱللَّهُۗ وَٱللَّهُ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٌ

**"Тарси Аллоҳро дошта бошед ва он вақт Аллоҳ дарҳои илмро ба рӯятон мекушояд (ва ҳақоиқро ба шумо омӯзиш медиҳад)."** (Бақара, 282)

Илова бар ин, дари ганҷинаҳои маорифи Қуръон ба рӯи шахс вақте кушода мешавад, ки амалан дар арсаҳои даъвати ҳақ вориди фаъолият бошад ва дар партави ҳидоёти он қадам ба қадам пеш равад. Дар чунин фазои амалӣ, ки ба муҳити нузули Қуръон наздик ва ё монанд мебошад, дари ҳақиқатҳои китоби Аллоҳ ба рӯи шахс боз мегардад ва нуктаҳои дақиқӣ онро амалан ламс менамояд, зеро китоби илоҳӣ бо ҳаёти амалии мардум сару кор дорад ва барои танзими муҷаддади воқеиятҳои айнӣ дар зиндагонии ҷомеа омадааст. Аммо инсон вақте дур аз маҷоли даъват ва танҳо дар рӯи курсии ҳавзаҳои илмӣ ва ё дар кунҷи хона ба навиштани тафсир мепардозад, барояш хеле ҳақиқатҳо ва воқеиятҳои китоби илоҳӣ пӯшида мемонанд.

Ғайр аз ин, одоби дигаре низ барои муфассир зикр шудаанд, ки аз баёни онҳо сарфи назар менамоем. Пас бе доштани ин заминаҳои илмӣ, ақлӣ ва шаръӣ барои ҳеҷ касе муяссар нахоҳад шуд, то ҳаққи маънавии тафсир кардани Қуръонро чи ба равиши гузаштагони солеҳ ва чи бо раъйу иҷтиҳоди худ дошта бошад.

## Маърифати 23-юм: Баёни ҳақиқати илми тафсир

Тафсир дар назди коршиносони ин фан, илме ба шумор меравад, ки дар он маонӣ ва ҳолатҳои дигари оятҳои Қуръони карим ва мақсадҳои болои каломи илоҳӣ ба андозаи тавоноиҳои инсонӣ ва дар чорчӯбаи дастуроти забони арабӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Тафсири Қуръон ба ин маъно, тамоми улум ва донишҳое, ки Қуръони каримро ба гунае мавриди омӯзиш қарор медиҳанд, дар бар мегирад, аз қабили илми носиху мансух, илми ом ва хос, илми мутлаку муқайяд, илми асбоби нузул (сабабҳои нозил шудани оятҳо ва сураҳо), илми маккӣ ва маданӣ будани оятҳо ва сураҳо, вуҷӯҳи (тартиби) қироатҳо ва фанни бадеъ (зебоишиносӣ дар каломи илоҳӣ), илми амсоли Қуръон (яъне илми достонҳои қуръонӣ), илми муҳкаму муташобеҳ, илми муҷмалу мубайян, илми мантуқ ва мафҳум (илми шинохти мақсади калима ва ё ҷумлаи зикршуда) ва ғайра, ки уламои аҳли тафсир ба тафсил

дар боби худ зикр кардаанд. Маърифати ин илмҳо бо ин равиш барои муҳаққиқон ва коршиносони соҳаи тафсир бисёр боаҳамият аст.

Шиносоӣ бо илми тафсири Қуръони карим ба монанди тамоми илмҳои дигар таъриф, мавзӯъи омӯзиш, мақсади омӯзиш, арзиши илмӣ ва равишу методҳои хоси худро дорад. Қуръони карим мавзӯъи онро ташкил медиҳад ва манзур аз омӯзиши он, ба даст овардани мафҳуми асосии паёми илоҳӣ мебошад. Мавзӯъи илми тафсир, омӯзиш ва тафсири Қуръони карим ва мавзӯъи Қуръони карим бошад, кашфи паҳлӯҳои мухталифи шахсияти инсон ва ҳидояти ӯ ва ҳамин тавр, танзими маҷрои зиндагии ӯ ва роҳнамоии ҷомеаи башарӣ мебошад. Ин илм ба таври мутлак боарзиштарин соҳаи омӯзишӣ ба шумор меравад, зеро он ба каломи Аллоҳ, ки барои таъмини саодати инсон фиристода шудааст, вобаста мебошад.

Барои муҳаққиқон ва пажӯҳишгарони риштаҳои гуногуни улум хуб равшан аст, ки ҳар фан ва соҳаи илмӣ, равишҳои омӯзишии хоси худро дорад ва дар умум аз равишҳое, ки дар омӯзиш ва баррасии масъалаҳои фанҳои дигар ба кор меравtotal, фарқ мекунад. Илми тафсир низ равишҳои омӯзишии хоси худро дорад, ки онҳо аз ҷониби асосгузори он Расули акрам алайҳиссалом муайян гардида ва минбаъд ба василаи донишмандони улуми исломӣ ба риштаи таҳрир даровarda шудаанд. Вале мутаассифона, баъзе ашхос ё аз рӯи ноогаҳӣ ва ё муғризона ва барои ба муғолата (гумроҳӣ) афкандани афкори умум, даъвои ба равишҳои муосири илмӣ омӯхтани Қуръон ва тафсири онро мекунанд. Гӯё Қуръон ва умуман дин соҳаи махсус ва фанни зотан мустақили илмӣ ба шумор намераванд ва барои омӯзиш ва баррасии матолиби онҳо дар тӯли наздик ба якуним ҳазор сол ҳеҷ гуна меъёрҳои илмӣ ва равишҳои омӯзишие аз ҷониби арбоби (олимони) ин фан пешбинӣ нашудааст.

Шоёни зикр аст, ки равишҳое, ки дар гузашта ва имрӯз аз сӯи донишмандони ин соҳа дар тафсири Қуръони карим ба кор рафтаанд, гуногун мебошанд, ки бо ихтисор ба баъзе аз онҳо ишора менамоем:

1. Равиши тафсири умумӣ. Дар ин равиш муфассир оятҳои Қуръонро бо риояи тартиби ҷойгиршавии сураҳо ба таври умумӣ тафсир менамояд ва ҳар мақсад ва манзуреро, ки он оят ифода менамояд, бо калимаҳо ва ҷумлаҳои дигар баён месозад.

Риоя намудани тартиби назми қуръонӣ, яъне ҷойгиршавии сураҳо ва ба таври умумӣ баён намудани маъно ва мақсуди оятҳо ду хусусияти асосии ин равиши тафсир ба шумор мераванд. Ба ибораи дигар, Қуръон бар асоси ин равиш сура ба сура ва ба таври умумӣ, яъне бе ҷалби таваҷҷуҳи хос ба сӯи ягон мавзӯъи муайян ва бе ворид шудан ба таҳлили мавзӯъот ва мӯҳтавои оятҳо тафсир мешавад.

2. Равиши тафсири таҳлилӣ. Дар ин равиш низ муфассир оятҳои Қуръонро тибқи тартиби ҷойгиршавии сураҳои он пайгирӣ менамояд, хоҳ ӯ маҷмӯае аз оятҳо ё сураи комил ва ё тамоми Қуръонро мавриди омӯзиш ва тафсир қарор диҳад. Муфассир дар ин равиш пас аз баёни маонии муфрадот (ҷудогона), тавзеҳи ҷанбаҳои балоғӣ ва адабӣ дар онҳо, зикри сабабҳои нузул ва аҳкоми истинботгашта аз онҳо ва бозгӯ намудани дигар мафҳумҳои оятҳои мавриди омӯзиш ба таҳлили ҳамаҷонибаи ҳар оят ва ё маҷмӯаи оятҳо мепардозад ва ба тафсил матолиб, мавзӯъот, ривоятҳо, далелҳо ва паҳлӯҳои дигари онҳоро мавриди пажӯҳиш ва таҳқиқ қарор медиҳад ва то хулосабандӣ ва мушаххас намудани маънои онҳо ба тафсири оятҳои дигар намегузарад. Ин услуб ва равиш қадимтарин равиши тафсир мебошад ва дар равиши тафсири умумӣ китобҳои тафсир ҳаҷман мухтасар ва миёна мешаванд. Дар равиши тафсири таҳлилӣ бошад, бо вуҷуди он ки китобҳо ҳаҷман гуногун мебошанд, вале муфассир бо он кори илмиаш, фарҳангномаи доиратулмаорифи (донишнома ё энсиклопедияи) пурарзиш ва боғановатеро ба вуҷуд меоварад.

3. Равиши тафсири муқорин (муқоисавӣ). Дар ин равиши тафсирӣ муфассир пас аз баёни маънои як оят ё маҷмӯаи оятҳо ва ё мавзӯъи муайяне, нусус (яъне оятҳо, ҳадисҳо, қавли саҳоба ва тобеин) ва назароти муфассирони гуногунро, ки дар атрофи он оят баҳс мекунанд, гирд оварда, ба муқоисаи онҳо бо якдигар мепардозад ва аз миёни онҳо қавли роҷеҳ (саҳеҳтар) ва назари беҳтарро ба даст меоварад. Майдони ин равиши тафсир бисёр васеъ ва густарда мебошад ва дар шаклҳои гуногуни муқоисавӣ татбиқ мешавад. Баъзе муҳаққиқон ҳатто барои исботи бартарияти Қуръон бар китобҳои динҳои пешин, дар байни оятҳо ва ҳақоиқи қуръонӣ ва ривоятҳои Тавроту Инҷил низ омӯзишҳои муқоисавӣ анҷом додаанд. Равиши муқоисавии тафсир чандон собиқаи дури таърихие надорад, балки ибтидои он ба асри гузашта бармегардад.

4. Равиши тафсири мавзӯъӣ. Тафсири мавзӯъӣ яке аз қадимтарин ва пурбортарин равишҳои тафсирӣ ба шумор меравад. Дар он оятҳои Қуръон дигар бар асоси тартиби ҷойгиршавии сураҳо тафсир намешаванд, балки мавзӯъҳои асосӣ ва арзишҳои умумии Қуръон интихоб ва тамоми оятҳое, ки дар атрофи он баҳс мекунанд, гирд оварда мешаванд. Сипас бо тафсири якҷояи онҳо назарияи умумӣ ва мақсади Қуръон дар он мавзӯъ ва ё қазия ба даст оварда мешавад. Дар ин равиши тафсирӣ нахуст мавзӯъоти муҳим ва арзишҳои асосии қуръонӣ, ба монанди асли фитрат, мавзӯи ахлоқ, асосҳои имон, ҷаҳонбинии қуръонӣ, мавзӯъи ибодат, маод (мавзӯъҳо дар робита ба охират), нубувват, низоми ҳуқуқи зан, иқтисод, сиёсат ва даҳҳо усули асосӣ ва арзишҳои маънавии Ислом интихоб ва сипас бо гирдоварӣ ва дастабандии тамоми оятҳое, ки ба он мавзӯъ пардохтаанд, назарияи умумӣ ва манзури Қуръон аз он мавзӯъ ба даст оварда мешавад. Тафсири мавзӯъӣ, умуман ба се навъ тақсим мешавад:

а) Омӯзиш ва таҳқиқ дар бораи як калима ва ё истилоҳи қуръонӣ дар тамоми оятҳое, ки он калима ва ё истилоҳ дар онҳо зикр гардидааст. Ба монанди калимаҳои ҳақ, ҳамд, мунофиқун ва истилоҳоти илоҳӣ, раб, ибодат, дин, уммат ва ғайра, ки аз ҷониби баъзе муҳаққиқон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

б) Омӯзиш ва таҳқиқ дар бораи як қазия ва ё як мавзӯъи мушаххас мебошад, ки бо ҳамон меъёрҳои қаблӣ анҷом дода мешавад. Ин навъ тафсири мавзӯъӣ аз ҳама бештар мавриди омӯзиш ва таҳқиқу таълиф қарор гирифтааст ва умуман, вақте номи тафсири мавзӯъӣ зикр мегардад, ҳамин навъи он ба зеҳн меояд. Дар гузашта таълифоти зиёде дар ҳамин навъи тафсири мавзӯъӣ сурат гирифта, уламо ва андешамандони исломӣ ҳавзаҳои фарҳангӣ ва доираҳои илмии ҷаҳони Исломро бо осори илмии худ бой гардонидаанд. Дар асри ҳозир низ мавзӯъоти тозаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра ба ин мероси фарҳангӣ афзуда шудааст.

в) Омӯзиш ва таҳқиқ дар бораи мавзӯъи асосии як сура ба таври алоҳида гузаронида мешавад. Ҳар сураи Қуръон ваҳдати мавзӯъ ва истиқлолияти меҳварии худро дар миёни сураҳои дигар дорад ва бо омӯзиши мавзӯъии он маонии дақиқ, муносибатҳои зебо ва асрори латифе барои шахси муҳаққиқ кушода мегардад. Равиши тафсири

мавзӯъӣ аз замони Расулуллоҳ алайҳиссалом оғоз шудааст ва тафсири Қуръон бо Қуръон аслан аз ҳамин равиши тафсири мавзӯъӣ ба шумор меравад.

Истилоҳоти ба кор рафта дар номгузории равишҳои тафсирӣ истилоҳоти тоза мебошанд, вале моддаи аслии онҳо собиқаи таърихии зиёде дорад, балки баъзан ба замони Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бармегардад. Нуктаи дигаре, ки гӯшае аз эъҷози Қуръон ва зарурати тафсири мавзӯъии онро бозгӯ менамояд, он аст, ки ҳамон гуна ки вуҷуд ва ҳастии инсон ба сурати печида ва бофтае аз маҷмӯъаи ниёзҳои ҷисмӣ, хостаҳои рӯҳӣ, ғаризаҳои фитрӣ, майлҳои нафсонӣ, ангезаҳои иҷтимоӣ ва даҳҳо ниҳодҳои вуҷудӣ ба вуҷуд омадааст ва ҳамаи онҳо бо ҳамоҳангӣ ва назми зебое дар ҳам печидаанд, каломи илоҳӣ низ барои сохтани шахсияти ҳамин мавҷуди печида ва барои таъмини саодати фардӣ ва иҷтимоӣ, дунявӣ ва ухравӣ, моддӣ ва маънавӣ, ҷисмию рӯҳӣ ва нафсию ақлии ӯ омадааст. Бинобар ин, мавзӯъот ва паёмҳои он ба ҳамин сурат дар ҳам бофта ва бо таркиббандии зебое ба баровардани ниёзҳои дарҳамомехта ва посухи хостаҳои дарҳамбофтаи вуҷуди инсон бархостааст. Ин назми беназир ва паёми бемонанди китоби илоҳӣ, яке аз гӯшаҳои эъҷози он ба шумор меравад ва нишондиҳандаи он аст, ки инсон ва Қуръон, ҳарду аз як сарчашма, яъне аз сарчашмаи илоҳӣ нашъат гирифтаанд. Инсон аз сӯи Аллоҳ офарида шуда ва Қуръон низ аз сӯи Ӯ таъоло нозил карда шудааст.

Рамзи муваффақияти Қуръон дар кушодани муаммои саодати инсон низ дар ҳамин ҷост. Қуръон вақте аз як мавзӯъ сухан оғоз менамояд, ҳанӯз онро ба поён нарасонидааст, ки ба муоличаи паҳлӯи дигаре аз шахсияти инсон мепардозад ва онро низ дар марҳалае раҳо месозад ва аз иллати дигаре, ки ба гӯшае аз шахсияти ӯ сару кор дорад ва дар соҳаи дигари илмӣ баррасӣ мегардад, сухан ба миён меоварад.

Вақте муфассири Қуръон рӯи мавзӯъе тамаркузи фикрӣ ва эҳтимоми тафсирӣ мебахшад, ногузир ба ҷамъоварии оятҳои марбут аз мавзеъҳои дигари Қуръон мепардозад, то он мавзӯъро аз паҳлӯҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор диҳад ва аз маҷмӯъи онҳо назарияи куллӣ ва манзури асосии Қуръонро дар бораи он ба даст оварад. Ин яке аз сабабҳои муҳимме мебошад, ки зарурати тафсири таҳлилӣ ва мавзӯии Қуръонро ба миён меоварад.

## Маърифати 24-ум: Тафсирҳо аз назари ҳаҷму сохтор ва баёни маонии онҳо

Тафсирҳо аз ин назар ба 3-даста тақсим мешаванд, ки онҳо аслан меъёр ва асоси кори тафсир ба шумор мераванд:

*а) Тафсири Қуръон ба тариқи эҷоз (кӯтоҳ) ва ихтисор.* Дар ин меъёри корӣ, тафсир ба зикри маънои аслии ҳар оят ба таври мушаххас ва хулосатар иктифо мегардад.

*б) Тафсири Қуръон бо тариқи истинбот ва берун овардани маъноҳое аз ботини лафз, бар асоси далолати лафз ё бар асоси далолати мақом, ки бо мақсадҳои қуръонӣ бегона набошад.* Бар асоси ин меъёр тафсир дар ҳаҷми миёнае омода мегардад.

*в) Тафсири Қуръон бо зикри муфассали масоили гуногун, ки бо маънои оятҳои тафсиршуда муносибате дошта бошанд ё фаҳми маъноро равшантар намоянд ва ё бо маонии куллии Қуръон рабте дошта бошанд.*

Ин тариқи кори тафсир бо ёдоварӣ аз баъзе таҳқиқотҳои илмӣ ва дастовардҳои гуногуни башарӣ дар матни тафсир ба манзури таъкиди ҳикмати баъзе оятҳои Қуръон ба кор бурда мешавад, ки дар онҳо ишороте ба ҳақоиқи офариниш рафтааст. Илова бар ин равишҳои тафсирӣ, барои баёни маонии оятҳои Қуръон роҳ ва ё тариқаи хоси тафсир низ вуҷуд дорад, ки аз кадом роҳ ва ё бо истинод ба кадом сарчашмаҳо тафсир шудани Қуръонро муайян месозад.

Қуръони карим умуман, аз ду роҳ, яке аз тариқи тафсири ба маъсур ва дигаре тафсири бо раъй ва иҷтиҳод тафсир мешавад. Муҳимтарин ва боэътимодтарин тариқаҳои тафсири Қуръон тафсири маъсур мебошад. Тафсири ба маъсур навъе аз тафсири Қуръон мебошад, ки бар пояи осори ривоятшуда ва баёноти тафсирии сарчашмаҳои асили исломӣ бино ёфтааст ва он аз:

*- Тафсири Қуръон бо Қуръон.*

*- Тафсири Қуръон бо суннати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.*

*- Тафсири Қуръон бо қавлҳо ва баёноти тафсирӣ ва назароти иҷтиҳодии саҳобагони он ҳазрат алайҳиссалом иборат мебошад.*

Пас аз он тафсири Қуръон бар асоси назарот ва иҷтиҳодот ва гуфтаҳои тобеин ва табаъатобеин қарор мегирад.

## Маърифати 25-ум: Тафсири Қуръон бо Қуръон

Беҳтарин навъи тафсири Қуръон, тафсири Қуръон бо Қуръон аст. Монанди тафсири ояти 5-ум ва 6-уми сураи Фотиҳа, ки баёни он дар сураи Нисо ояти 69 омадааст. Дар сураи Фотиҳа Аллоҳ таъоло чунин мефармояд:

إِيَّاكَ نَعْبُدُ وَإِيَّاكَ نَسْتَعِينُ ﴿٥﴾ ٱهْدِنَا ٱلصِّرَٰطَ ٱلْمُسْتَقِيمَ

**"Моро ба роҳи рост ҳидоят намо, ба роҳи онҳое, ки барояшон инъом намудаӣ."** (Фотиҳа, 5-6) Дар ояти 69-уми сураи Нисо бошад баёни оятҳои боло ба таври зерин зикр шудааст:

وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ وَٱلرَّسُولَ فَأُوْلَٰٓئِكَ مَعَ ٱلَّذِينَ أَنْعَمَ ٱللَّهُ عَلَيْهِم مِّنَ ٱلنَّبِيِّـۧنَ وَٱلصِّدِّيقِينَ وَٱلشُّهَدَآءِ وَٱلصَّٰلِحِينَ ۚ وَحَسُنَ أُوْلَٰٓئِكَ رَفِيقًا

**"Касе, ки Аллоҳ ва Расулро итоат намояд, ҳамроҳи касоне хоҳад буд, ки Аллоҳ бар онҳо инъом намудааст ва онҳо аз Паёмбарон, сиддиқон, шуҳадо ва солеҳон иборатанд ва онҳо чи ҳамроҳони неке мебошанд."** Дар ин оят Қуръон баён намудааст, ки манзур аз касоне, ки Аллоҳ бар эшон инъом намудааст, ҳамин чаҳор гурӯҳи бандагонанд ва вақте банда аз Аллоҳ ҳидоят мехоҳад, муродаш ҳидоят ба роҳи ҳамин бандагони хоси Ӯ таъоло мебошад. Ҳамчунин қисмате аз ояти 1-уми сураи Моида бо ояти 3-юми он тафсир шудааст, онҷо ки мефармояд:

أُحِلَّتْ لَكُم بَهِيمَةُ ٱلْأَنْعَٰمِ إِلَّا مَا يُتْلَىٰ عَلَيْكُمْ غَيْرَ مُحِلِّى ٱلصَّيْدِ وَأَنتُمْ حُرُمٌ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ يَحْكُمُ مَا يُرِيدُ

**"Барои шумо чаҳорпоёни хонагӣ ҳалол гардонида шуданд, магар ончи бар шумо манъ карда шудааст..."** Сипас онро дар ояти 3-юм тафсир намуда ва ончиро, ки аз хӯрданиҳои ҳалол истисно шуда ва шаръан ба он ҳаром ҳукм шудааст, баён менамояд:

حُرِّمَتْ عَلَيْكُمُ ٱلْمَيْتَةُ وَٱلدَّمُ وَلَحْمُ ٱلْخِنزِيرِ وَمَآ أُهِلَّ لِغَيْرِ ٱللَّهِ بِهِۦ وَٱلْمُنْخَنِقَةُ وَٱلْمَوْقُوذَةُ وَٱلْمُتَرَدِّيَةُ وَٱلنَّطِيحَةُ وَمَآ أَكَلَ ٱلسَّبُعُ إِلَّا مَا ذَكَّيْتُمْ وَمَا ذُبِحَ عَلَى ٱلنُّصُبِ وَأَن تَسْتَقْسِمُوا۟ بِٱلْأَزْلَٰمِ ۚ ذَٰلِكُمْ فِسْقٌ

**"Бар шумо ҳайвони худмурда, хун, гӯшти хук, он ҳайвоне, ки ҳангоми забҳи он номи ғайри Аллоҳ бар он бурда шудааст, ҳайвони бӯғишуда (нафасгиршудаву мурда), ҳайвони задашуда (яъне бо лату кӯб мурда), ҳайвоне, ки афтодаву мурдааст, ҳайвони зарбхӯрдаву худмурда, ҳайвоне, ки онро ҷонварони дарранда хӯрдаанд ва он ҳайвонҳоеро, ки бар бутҳо забҳ намудаед, ҳаром гардонида шудаанд, магар он ҳайвонҳое, ки ҳангоми забҳи онҳо номи Аллоҳ бар онҳо бурда мешавад."**

Ҳамчунин ҳангоме, ки аз Паёмбар алайҳиссалом дар бораи ***"калола"*** пурсида шуд, Қуръони карим онро дар ояти охирини сураи Нисо баён кард ва масъаларо ба ин сурат матраҳ намуд: **"Туро дар бораи калола мепурсанд, бигӯ: "Аллоҳ шуморо дар бораи калола фатво медиҳад ва калола он шахсеро гӯянд, ки ҳалок гардад ва фарзанде надошта бошад..."** (Нисо, 176)

## Маърифати 26-ум: Тафсири Қуръон бо суннати набавӣ

Пеш аз он ки намунаҳое аз тафсири Қуръон бо суннатро манзури шумо гардонем, бояд бидонем, ки суннат меҳвари аслии тафсири Қуръони карим ба шумор меравад ва мо бе суннат маонии паёмҳои Қуръони каримро ба таври комил фаҳмида наметавонем. Имом Аҳмад раҳимаҳуллоҳ мефармояд: *"Суннат Китобро тафсир ва баён менамояд."* ва Макҳул раҳимаҳуллоҳ мефармояд: *"Ниёзи Қуръон (дар тафсири маониаш) ба суннат бештар аз ниёзи суннат ба Қуръон аст."*

Ҳоло чанд намунае аз тафсири Қуръон бо суннатро пешкаши шумо мегардонем. Масалан ибораи *"мағзуби ъалайҳим"* ва калимаи *"золлин"* дар ояти охирини сураи Фотиҳа дар суннат бо яҳуд ва насоро тафсир шудааст. Ибни Ҳиббон, Имом Аҳмад ва Тирмизӣ аз Адий ибни Ҳотим ривоят кардаанд, ки Расулуллох саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: ***"Мағзуби ъалайҳим яҳудиён ва золлин бошанд, насоро мебошанд."***

Ҳамчунин Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам калимаи ***"зулм"*** - ро дар ояти 82-юми сураи Анъом ба ширк тафсир намуд. Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят мекунад, ки вақте ин оят:

ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَلَمْ يَلْبِسُوٓاْ إِيمَـٰنَهُم بِظُلْمٍ أُوْلَـٰٓئِكَ لَهُمُ ٱلْأَمْنُ وَهُم مُّهْتَدُونَ

**"Касоне имон овstatic ва имони худро ба зулме наомехтанд, онҳоро барояшон амн аст ва онҳоанд роҳёфтагон"** нозил шуд, пас бар саҳобагон ин душвор омад ва гуфтанд: *"Эй Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, кадоме аз мо бар худ зулм накардааст?"* Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: *"Ин он зулме, ки шумо дар назар доред, нест. Оё нашунидед, ки бандаи солеҳ (Луқмон) ба фарзандаш чӣ гуфт?*

إِنَّ ٱلشِّرْكَ لَظُلْمٌ عَظِيمٌ ۝

***"Ширк ҳатман зулми бузургест."*** (Луқмон, 13) *Он зулм ширк аст."* Ҳамчунин Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам калимаи ***"қувват"***-ро дар ояти 60-уми сураи Анфол ба рамй (тирандозӣ) тафсир намуд. Уқба ибни Омир мегӯяд: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунидам, ки аз болои минбар ин оятро мехонд:

وَأَعِدُّواْ لَهُم مَّا ٱسْتَطَعْتُم مِّن قُوَّةٍ

**"Барои (муқобила) бо онҳо ҳар миқдоре, ки аз қувва ва риботи хайл (аспони омода ба ҷиҳод) метавонед, омода созед..."** ва мегуфт: *"Бидонед, ки қувва рамй аст, бидонед, ки қувва рамй аст, бидонед, ки қувва рамй аст."*

Аммо Қуръон бо назароти саҳобагон, бо гуфтаҳои тобеин ва атбоъи онҳо (тобеъони онҳо) низ тафсир карда шудааст, ки дар инҷо аз зикри онҳо худдорӣ карда ва танҳо ҳангоми овардани иршодот аз онҳо ёдоварӣ мекунем, ки дар воқеъ онҳо беҳтарини олимҳо буданд ва дар беҳтарин замонҳо зиндагӣ кардаанд.

## Маърифати 27-ум: Зикри баъзе тафсирҳо аз ҷиҳати равиши тафсирӣ.

Тафсири ба маъсур ба таври умум аз куҳантарин навъи тафсирҳо ба шумор меравад. Ба таври мисол номгуе аз тафсирҳои ба маъсурро ишора менамоем:

1. Тафсири Ибни Абӯҳотими Розӣ бо номи “*Тафсирул Қуръонил ъазим муснадан ъан Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам вас саҳобати ват тобиин*”.

2. Тафсири Ибни Касир бо номи *"Тафсири Қуръони ъазим"*.

3. Тафсири Ҷалолуддини Суютӣ *"Ад дуррул мансур фит тафсири бил маъсур"*.

Аммо тафсирҳое, ки бо корбурди нерӯи фикру андеша ва иҷтиҳодоти шахсӣ, вале бо риояи меъёрҳо ва дастуроти забони арабӣ ва бар пояи қоидаҳои шаръӣ нигошта шудаанд, ***тафсирҳои дироӣ*** ва ё ***тафсирҳои бо раъй*** номида мешаванд.

Вақте оятҳои Қуръон аз ду роҳ ва ё бо такя бар ду сарчашма ва пойгоҳи нақлӣ ва ақлӣ ва ё ду нерӯ ва зарфияти ривоӣ ва дироӣ (фикрӣ ва иҷтиҳодӣ) тафсир мешаванд, набояд ба ин бардошти нодуруст роҳ дод, ки дар тариқи аввал, комилан аз нерӯи фикру андеша ва зарфиятҳои ақлонӣ ва илмии инсон истифода нашудааст ва дар тариқи дуюм бошад, ривоёт, осор ва меъёрҳои шаръӣ дар ҷараёни тафсир тамоман беэътибор дониста шудаанд. Балки баръакс, дар ҳарду тариқи тафсир вуҷуди як силсила меъёрҳо, шароит ва камоли се маҷмӯаи зарфиятҳои илмӣ, ақлӣ ва шаръӣ дар шахси тафсиркунандаи Қуръон шарт дониста шудаанд. Шахсе ҳаққи маънавии тафсири китоби Аллоҳро дорад, ки дар вуҷуди ӯ он меъёрҳо, шароит ва зарфиятҳое, ки баёнашон зикр гардидааст, ёфт шаванд.

## Маърифати 28-ум: Пайдоиши илми тафсир

Нузули Қуръон бар ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам сароғози як таҳаввули таърихӣ дар ҷомеаи башарӣ ба шумор меравад. Аллоҳи муттаъол Қуръони каримро барои ҳидояти ҷомеаи башарӣ, танзими дурусти маҷрои зиндагӣ ва роҳнамоии нерӯҳои фикрии инсон нозил намудааст. Ҳарчанд ақли инсон ва зарфиятҳои зеҳнии ӯ дар пешгоҳи Аллоҳ ҷойгоҳи хосе доранд, вале ба танҳоӣ дар рехтани барномаи зиндагӣ ва то сарманзили мақсуд солим расонидани ҷомеа кофӣ набуда, башарият дар ин амр ниёзманди барномае аз олами улвӣ (боло ё осмонӣ) ва танзими илоҳӣ мебошад.

Аллоҳ таъоло бо таваҷҷӯҳ ба мавҷудияти имкониятҳои инсон бо фиристодани Паёмбарон ва ирсоли ваҳй, ба сӯи инсоният дасти мадад дароз намуда, ӯро мавриди навозишҳои бепоёни худ қарор дод. Расули акрам алайҳиссалом азамати ин таҳаввули таърихиро, ки бо нузули ваҳй бар ӯ оғоз гардида буд, комилан дарк намуда, бо тамоми ҳастӣ ба баёни мақсадҳои олӣ ва арзишҳои илоҳии китоби Аллоҳ пардохт.

Машғулияти зеҳни Паёмбар алайҳиссалом дар ҳифзу нигаҳдошти каломи Аллоҳ таъоло то ҷое ҷиддӣ ва шадид буд, ки Аллоҳ ӯро ба оромиши нисбӣ даъват намуд. Оятҳои 16 то 19-уми сураи "Қиёмат" ба ҳамин ҳолати равонии Паёмбар алайҳиссалом ишора менамоянд:

لَا تُحَرِّكْ بِهِۦ لِسَانَكَ لِتَعْجَلَ بِهِۦٓ ﴿١٦﴾ إِنَّ عَلَيْنَا جَمْعَهُۥ وَقُرْءَانَهُۥ ﴿١٧﴾ فَإِذَا قَرَأْنَـٰهُ فَٱتَّبِعْ قُرْءَانَهُۥ ﴿١٨﴾ ثُمَّ إِنَّ عَلَيْنَا بَيَانَهُۥ

**"Забонатро барои бошитоб фаро гирифтани ваҳй ҳаракат надеҳ, зеро ҳатман гирдоварӣ ва сабти он дар синаи ту ва хонондани он ба забонат бар Мост. Пас ҳангоме, ки онро бар ту мехонем, аз он шеваи хондан пайравӣ намо, сипас баёну шарҳи маонияш барои ту бар Мост."** Аллоҳ таъоло тавре дар ояти 9-уми сураи "Ҳиҷр" барои ҳифзу нигаҳдошти Қуръон кафолат додааст, дар ин оятҳои сураи "Қиёмат" низ ҳифз ва шарҳу баёни онро барои Расули худ кафолат додааст.

## Маърифати 29-ум: Марҳалаи аввали таъсисёбии илми тафсир

Тафсир дар истилоҳ бинобар роҷеҳтарин таърифҳо ба маънои баён намудани маонӣ ва ҳолатҳои гуногуни оятҳои Қуръон дар чорчӯбаи меъёрҳои шариат ва ба андозаи тавоноии илми инсон мебошад. Ба ин маъно: *"Тафсир илмест, ки маонии оятҳо, ҳолатҳои гуногуни онҳо ва ҳамин тавр, маҷмӯаи улумеро, ки ба омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни Қуръон сару кор доранд, мавриди омӯзиш қарор медиҳад."*

Яке аз ҳадафҳои муҳимми рисолати Паёмбар алайҳиссалом баёни маонии паёмҳо ва арзишҳои олии Қуръон барои мардум буд. Аллоҳ таъоло дар бораи ин масъулияти он ҳазрат алайҳиссалом мефармояд:

وَأَنزَلْنَآ إِلَيْكَ ٱلذِّكْرَ لِتُبَيِّنَ لِلنَّاسِ مَا نُزِّلَ إِلَيْهِمْ وَلَعَلَّهُمْ يَتَفَكَّرُونَ

**"Мо Қуръонро ба сӯи ту фурӯ фиристодем, то барои мардум ончиро, ки барояшон нозил гардидааст, баён намоӣ, бошад ки онҳо андеша намоянд."** (Наҳл, 44) Аз ҳамин пойгоҳи қуръонӣ, асоси тафсири оятҳои Қуръон ва баёни маонии он ба вуҷуд омад. Паёмбар алайҳиссалом худ ба унвони расонандаи ойини илоҳӣ, аввалин муфассири Қуръон ба шумор меравад. Ҳаёт ва фаъолияти он ҳазрат алайҳиссалом пас аз оғози рисолат тафсири зиндае аз Қуръони карим мебошад. Суннати набавӣ, ки ҳаёт ва фаъолиятҳои даврони рисолати он ҳазрат

алайҳиссаломро фаро мегирад, ба унвони аввалин ва ҷомеътарин тафсир аз Қуръони карим мебошад. Худи он ҳазрат алайҳиссалом мефармояд: ***"Бидонед, ҳамон гуна, ки Қуръон ба ман дода шудааст, чизи дигаре низ монанди он ва ҳамроҳи он (яъне суннат) ба ман дода шудааст."*** Зеро Аллоҳ таъоло ҳам Қуръонро ба унвони барномаи ҳидоят, тарҳи бинои зиндагӣ ва фарогири усули куллии тамоми чиз ва ҳам Паёмбар алайҳиссаломро ба ҳайси намоянда ва расонанда, бунёдгузор ва татбиқкунандаи он барнома ва усули куллӣ фиристодааст ва татбиқи муфассали ҷузъиёти он тарҳро ба василаи ӯ таъйин ва коркард намудааст. Пас он барномаи ҳидоят ва усули куллии Қуръонро бо баргашт ба суннати Расулуллоҳ алайҳиссалом, ки маъмури бино ва таъйини ҷузъиёти он буд, ба таври дуруст фаҳмида мешавад.

Аз ҷониби дигар, баъзе оятҳои Қуръони карим оятҳои дигари онро тафсир менамоянд, яъне агар ояте дар ҷое ба таври муҷмал ва мухтасар омада бошад, дар оятҳои дигар тафсилоти бештаре аз он зикр гардидааст, ки ояти нахустро тафсир менамояд. Ба ин равиш тафсир намудани баъзе оятҳои Қуръон бо оятҳои дигарро худи Паёмбар алайҳиссалом иршод намудаанд. Бар ҳамин асос пойгоҳи нахустин ва асоси тафсири Қуръон дар замони Расулуллоҳ алайҳиссалом ва ҳамзамон бо нузули Қуръон ба вуҷуд омада буд, ки онро марҳалаи нахустини пайдоиши тафсир мегӯянд. Дар ин марҳала тафсири маонии оятҳои Қуръон аз ду сарчашмаи асосӣ Қуръони карим ва суннати Расулуллоҳ алайҳиссалом нашъат мегирифт. Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَنَزَّلْنَا عَلَيْكَ ٱلْكِتَٰبَ تِبْيَٰنًا لِّكُلِّ شَىْءٍ

**"Қуръонро барои равшан ва тавзеҳи тамоми чиз бар ту нозил намудаем."** (Наҳл, 89) Дар назди баъзе донишмандон зимнан ҳамин маънoро мефаҳмонад, ки Қуръон худро тафсир менамояд. Пас Қуръон аввалин ва муҳимтарин пойгоҳи тафсирии худ мебошад. Ҳамчунин Аллоҳ таъоло дар ҷои дигар мефармояд:

وَأَنزَلْنَآ إِلَيْكَ ٱلذِّكْرَ لِتُبَيِّنَ لِلنَّاسِ مَا نُزِّلَ إِلَيْهِمْ

**"Мо Қуръонро барои он ба сӯи ту нозил намудаем, ки барои мардум ончиро, ки ба сӯяшон нозил гардидааст, баён ва равшан созӣ."** (Наҳл, 44) Ин фармудаи Аллоҳ таъоло, ин воқеиятро бозгӯ менамояд, ки Расули акрам

алайҳиссалом пас аз Аллоҳ таъоло нахустин муфассири Қуръон ва суннати он ҳазрат алайҳиссалом пас аз худи Қуръон нахустин тафсиркунандаи китоби илоҳӣ мебошад.

## Маърифати 30-юм: Назарияҳои уламои тафсир дар оятҳои қуръонӣ.

Ба ақидаи донишмандони улуми қуръонӣ ва усули фиқҳ, аз 6236-ояти Қуръон танҳо ҳудуди 500-ояти он дар баёни усули куллии тамоми аҳкоми ибодӣ ва иҷтимоии Ислом сухан мегӯяд, дар ҳоле ки ҳамон қисмати аҳодиси Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки дар баёни тафсилоти аҳком собит шудаанд ва ба аҳодиси аҳком машҳур мебошанд, ҳудуди 4000 (чаҳор ҳазор) ҳадисро ташкил медиҳанд. Бинобар ин, суннати Расулуллоҳ алайҳиссалом асоситарин сарчашмаи тафсири Қуръон ба шумор меравад.

Аз назари коршиносони соҳа ин марҳала ба марҳалаи таъсис ва поягузории пойгоҳи илми тафсир шинохта мешавад, ки аз сӯи худи Расулуллоҳ алайҳиссалом пояҳои он рехта шудаанд. Дар ин марҳала тамоми оятҳои Қуръон сар то по, яъне калима ба калима ва маъно ба маъно тафсир нагаштааст, зеро саҳобагон ва тобеъон ҳанӯз бо фитрати беолоиши арабӣ мезистанд ва бо забони Қуръон аз ҳама бештар ошно буданд. Ин пойгоҳи фитрӣ ва зарфиятҳои забонӣ фаҳми аксари оятҳоро барои онҳо муяссар месохт ва дар дарки тафсири маънои онҳо мушкиле эҳсос намекарданд. Агар дар фаҳми маънои қисмате аз оятҳо барояшон душворие пеш меомад, пас ба Паёмбар алайҳиссалом муроҷиат мекарданд.

Ба назари аксари донишмандони улуми қуръонӣ ва усули фиқҳӣ оятҳое, ки усулан барои бинои аҳком омадаанд, ҳудуди 500-оятро ташкил медиҳанд, аммо оятҳое, ки ба таври зимнӣ аз онҳо аҳкоме истинбот (натиҷагирӣ) карда шавад, хеле зиёданд. Аммо ба ақидаи баъзе аз донишмандон, оятҳои аҳком тақрибан ҳудуди 200-оятро ташкил медиҳанд.

## Маърифати 31-ум: Марҳалаи дуввуми таъсисёбии илми тафсир

Қуръон, ин китоби ҷовидонаи илоҳӣ, барои тамоми ҷаҳониён ва ҳамаи ҷомеъаҳои башарӣ дар тамоми давру замонҳо нозил гардидааст, вале чун инсоният ва ҷомеъаҳои башарй ба баёни равшани рӯйдодҳо ва пешомадҳои гуногуне, ки дар

аҳволи шахсӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва равобити байналмилалии онҳо ба сурати ҳамешагӣ ва хориҷ аз ҳадду ҳисоб ба вуқӯъ мепайванданд, ниёзи доимӣ дорад ва он ҳаргиз поёнпазир намебошад, дигар имкон надошт, ки барои баёни ҳукми ҳар як пешомад ва рӯйдоде ояте вуҷуд дошта бошад, зеро ҳаҷм ва шумораи оятҳои Қуръон аз ин назар гунҷоиши онро надоранд. Аммо Қуръони карим усули меҳварӣ ва асосҳои куллиеро дар худ гирд овардааст, ки ҳар як ҳазорон мисдоқи (гувоҳи) амалӣ ва мавридҳои гуногуни татбиқиро фаро мегирад. Муфассирони дорои шароити тафсир ва коршиносони варзида бо истинбот ва коркарди он усули куллӣ мутобиқат ва ҳамчунин ҳаводис ва пешомадҳои дигарро бо он асосҳои куллӣ мушаххас месозанд. Қуръон аз ин назар фарогири тамоми ҳодисаҳо ва пешомадҳои олам то рӯзи қиёмат мебошад ва эъҷози он низ дар ин мебошад, ки дар зимни усули куллӣ ва мухтасари худ тамоми ниёзҳои инсон ва пешомадҳои ҷомеаи башариро фаро гирифтааст. Бинобар ин, бояд дар ҳар давру замоне муфассирони аҳли таҳқиқ барои ба таври дуруст расонидани паёми илоҳӣ ба мардум омода бошанд.

Пас аз вафоти Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам марҳалаи дуввуми тафсири Қуръон шурӯъ мегардад ва он даврони тиллоии Ислом, яъне аҳди саҳобагонро дар бар мегирад. Барои тафсири Қуръон дар асри саҳобагони Расули акрам алайҳиссалом, илова ба он ду сарчашмаи тафсир боз сарчашмаи дигаре афзуда шуд. Ин сарчашмаи нав иҷтиҳодот ва нуқтаи назари саҳобагон дар тафсири баъзе оятҳои Қуръон мебошад. Саҳобагон бо бардоштҳои дуруст ва дарки фарогире, ки дар партави таълимоти Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз мақсадҳои олӣ ва арзишҳои умумии Ислом дар даст доштанд, дар бораи баъзе мушкилоти иҷтимоии тоза ба вуҷудомада назари шаръии худро иброз медоштанд.

Саҳобагон беҳтарин насли уммати Ислом ва дастпарвардагони бевоситаи Расулуллоҳ алайҳиссалом буданд ва дини Аллоҳ барои аввалин бор дар ҳаёти онҳо амалан татбиқ гардид. Онҳо дар роҳи нашри арзишҳои дини илоҳӣ ва ҳифзи паёмҳои ҷовидонаи Қуръон мол ва ҷони худро дареғ надоштанд ва нахустин мӯъминони ба Аллоҳу Расулаш ва пойгоҳи арзишҳои қуръонӣ буданд. Бинобар ин, назарот, гуфтаҳо ва намунаҳои амалии ҳаёти онҳо дар баёни мақсадҳои Ислом, аҳкоми шариъат ва тафсири Қуръон ва суннат яке аз марҷаъҳо ва асосҳои дин ба шумор

мераванд. Онҳо ҳамаро бевосита аз Расулуллоҳ алайҳиссалом дарёфт намудаанд ва ба ҳадафҳои дини Аллоҳ ва мафҳумҳои оятҳои каломи ҳақ аз ҳама огоҳтаранд. Онҳо барои пайдо намудани маънои муфрадоти Қуръон аз назари луғавӣ ба ашъори даврони ҷоҳилият, ки доиратулмаориф ва девони зиндаи забони арабӣ ба шумор мерафт, руҷӯъ мекарданд. Дар ин давра табақае аз муфассирони Қуръон аз миёни саҳобагон ба шарҳу тавзеҳи маонии оятҳои Қуръон барои қишрҳои гуногуни мардуми мусалмон ва дӯстдорони илму фарҳанги исломӣ ва ба фаъолиятҳои густардаи илмӣ машғул буданд. Таърихнигорон даҳ саҳобаро зикр кардаанд, ки ба тафсири Қуръон бештар аз дигарон сару кор доштанд. Бузургтарини онҳо чаҳор халифаи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: Абӯбакр, Умар, Усмон ва Алӣ разияллоҳу анҳум мебошанд. Аз се халифаи аввал, бинобар машғулияте, ки ба корҳои муҳимми давлатдорӣ ва барқарорсозии низоми исломӣ доштанд, осори камтаре дар тафсири оятҳои Қуръон ба ёдгор мондааст. Аз сӯи дигар, ҳанӯз дар он давра саҳобагони зиёде дар миёни қишрҳои гуногуни уммати Ислом ба сар мебурданд, ки онҳо низ ниёзи мардумро ба баёни оятҳои Қуръон ба гунае бароварда месохтанд. Ин сохтори ба вуҷудомадаи илмӣ ва талошҳои таълимии ҷамъи азими саҳобагон то ҷое вазифаи тафсирро аз дӯши он се халифа бармедошт. Аммо бинобар фароғати тақрибан 25-солае, ки халифаи чаҳорум дар даврони он се халифа дошт ва фазои илмие барои ӯ фароҳам омада буд, осор ва мавридҳои зиёде дар тафсири оятҳои Қуръон аз ӯ ривоят гардидааст.

Саҳобагони дигаре аз табақаи муфассирон, ба монанди Абдуллоҳ ибни Аббос, Абдуллоҳ ибни Масъуд, Убай ибни Каъб, Зайд ибни Собит, Абӯмӯсои Ашъарӣ ва Абдуллоҳ ибни Зубайр ҳар як муносиб бо зарфиятҳои илмӣ ва вобаста ба шароити иҷтимоии худ, тавоноиҳои Аллоҳдодаро сарфи нашри маорифи қуръонӣ ва тафсири оятҳои он намудаанд.

## Маърифати 32-юм: Шарҳи ҳоли машҳуртарин муфассирони асҳоби Расули акрам алайҳиссалом

Барои огаҳии бештар шарҳи ҳоли мухтасари он саҳобагонеро, ки ба тафсири Қуръон сару кори бештаре доштаанд, пешкаши хонандагон менамоем ва аз онҷо ки сират ва ҳаёти хулафои чаҳоргона то андозае равшан мебошад, ба тарҷумаи 6-нафар

саҳобаи дигар, ки дар раванди ташаккул ва такомули илми тафсир ҷойгоҳе хосе доранд, мепардозем.

1. ***Абдуллоҳ ибни Масъуд.*** Абӯабдурраҳмон Абдуллоҳ ибни Масъуд ибни Ғофил ибни Ҳабиби Ҳузалӣ разияллоҳу анҳу яке аз бузургтарин саҳобагони Расулуллох алайҳиссалом ва собиқин дар Ислом мебошад. Вай мегӯяд: *"Худро шашумин нафаре дидам, ки Ислом овардем, дар ҳоле ки ғайр аз мо дар рӯи замин мусалмоне вуҷуд надошт."* Ӯ ҳамеша дар хидмати Паёмбар алайҳиссалом ҳозир буд ва ба хонаи Расулуллоҳ алайҳиссалом он қадар рафтуомад дошт, ки ҳатто баъзе мардум ӯро аз хешовандони Расулуллоҳ алайҳиссалом гумон мекарданд. Вай дар Мадина соли 32-юми ҳиҷрӣ (653-юми милодӣ) вафот кард. Ӯро гоҳо ба модараш нисбат дода, Ибни Умми-абд низ мегӯянд.

2. ***Убай ибни Каъб.*** Убай ибни Каъб ибни Қайси Ансорӣ аз банӣ Наҷҷор буда, бо кунияи Абӯмунзир ва Абӯтуфайл маъруф мебошад. Вай яке аз котибони ваҳй барои Расулуллоҳ алайҳиссалом ва аз ҷумлаи машҳуртарин ҳофизони Қуръон ва муфассирони саҳоба аст. Убай ибни Каъб разияллоҳу анҳу соли 30-юми ҳиҷрӣ вафот кардааст.

3. ***Абдуллоҳ ибни Аббос.*** Абдуллоҳ писари Аббос писари Абдулмутталиб писари Ҳошим – писарамаки Расулуллоҳ алайҳиссалом буда, се сол пеш аз ҳиҷрат (соли 620-уми милодӣ) дар даврони муҳосираи иқтисодии мусалмонон дар давраи Абӯтолиб таваллуд шудааст. Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу анҳу ба баракати дуъои Расулуллоҳ алайҳиссалом: ***“Ё Илоҳӣ, ӯро дар дин фақеҳ бигардон ва ба вай таъвили Қуръонро биомӯз”*** ва ба шарофати ҳамнишинии пайвастае, ки бо Расулуллоҳ алайҳиссалом ва пас аз ӯ бо бузургони саҳоба дошт, ба баландтарин мақоми илмӣ дар байни онҳо ноил гардид ва ба яке аз бузургтарин муфассирони Қуръон табдил ёфт. Вай дар байни саҳобагон ба тарҷумони Қуръон машҳур гардида, бо унвони ифтихоромези ***"ҳабри уммат (донишманди уммат)"*** шинохта мешуд.

Абдуллоҳ ибни Аббос ба ҳақ, имоми риштаи тафсир ва сарчашмаи тамоми китобҳои тафсир ва муфассирони баъдӣ ба шумор меравад. Дар заминаи тафсири Қуръон назароти тафсирӣ ва ақволи зиёд ва бе ҳадду ҳасре аз ӯ ривоят шудааст. Соли

68-уми ҳиҷрӣ (688-уми милодӣ) дар синни 71-солагӣ дар шаҳри Тоиф вафот кардааст.

4. ***Абӯмӯсои Ашъарӣ.*** Абдуллоҳ ибни Қайс маъруф ба Абӯмӯсои Ашъарӣ разияллоҳу анҳу аз уламои собиқин дар Ислом ва аз донишмандони саҳоба мебошад. Вай 21-сол пеш аз ҳиҷрат (соли 602-юми милодӣ) ба дунё омада, соли 44-уми ҳиҷрӣ (665-уми милодӣ) дар шаҳри Куфа аз дунё гузаштааст.

5. ***Зайд ибни Собит.*** Абӯсаъид Зайд ибни Собит ибни Заҳҳоки Ансорӣ 11-сол пеш аз ҳиҷрат (соли 611-уми милодӣ) ба дунё омадааст. Вақте Паёмбар алайҳиссалом ба Мадина омад, Зайд разияллоҳу анҳу 11-сола буд ва аллакай шонздаҳ сураи Қуръонро аз ёд медонист. Зайд яке аз барҷастатарин котибони ваҳй барои Паёмбар алайҳиссалом ба шумор мерафт ва дар давраи ҳар ду халифа – Абӯбакр ва Усмон разияллоҳу анҳумо сарвари ҳайати ҷамъоварандагони Қуръон буд. Дар судури фатво, илми фароиз, қироат ва аҳкоми додгоҳӣ мадори (маркази) аслии кори саҳобагон дар Мадина ба шумор мерафт ва дар соли 45-уми ҳиҷрӣ (665- уми милодӣ) аз дунё гузаштааст.

6. ***Абдуллоҳ ибни Зубайр.*** Абдуллоҳ ибни Зубайр разияллоҳу анҳумо соли 1-уми ҳиҷрӣ (мутобиқ ба соли 622-юми милодӣ) дар Мадина ба дунё омада ва ӯ пас аз ҳиҷрат аввалин навзод дар Мадинаи мунаввара мебошад. Вай аз донишмандони саҳоба ва яке аз Абдуллои чаҳоргонаи маъруф дар садри Ислом мебошад, ки соли 73-юми ҳиҷрӣ (692-юми милодӣ) бо ба шаҳодат расидани ӯ хотима ёфтанд.

Ба ҳар сурат тафсир дар аҳди саҳобагон ҳанӯз шохае аз илми ҳадис ба шумор мерафт ва дар ҳавзаи нақлу ривоятҳои шифоҳӣ ва баъзан навиштаҳои пароканда қарор дошт. Сарчашмаҳои аслии тафсир дар назди саҳобагон аз худи Қуръони карим, баёноти тафсирӣ ва суннати Паёмбари акрам алайҳиссалом ва назароти тафсирӣ ва иҷтиҳодоти шахсии худи онҳо иборат буданд.

## Маърифати 33-юм: Мактабҳои тафсир дар марҳалаи дуввум

Аслан ба истилоҳи имрӯза ***“мактабҳои тафсир”*** дар ҷаҳони Ислом ба воситаи ҳамин се шахсияти ахир – Абдуллоҳ ибни Аббос, Абдуллоҳ ибни Масъуд

ва Убай ибни Каъб разияллоҳу анҳум поягузорӣ гардидаанд. Абдуллоҳ ибни Аббос мактаби тафсири ***Макка***, Абдуллоҳ ибни Масъуд мактаби тафсири ***Куфа*** ва Убай ибни Каъб мактаби тафсири ***Мадинаро*** поягузорӣ намуда буданд. Баъзе муҳаққиқон мадрасаи тафсири ***Шомро*** низ зикр кардаанд, ки ба дасти саҳобаи бузург Увоймир ибни Омир Аллоҳ аз ӯ розӣ бод, ки бо кунияи Абӯдардо машҳур аст, поягузорӣ гардидааст.

Ба гуфтаи доктор Муҳаммад Абӯшаҳиба дар ***Миср*** мактаби тафсири Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос ва дар ***Яман*** мадрасаи тафсири Муъоз ибни Ҷабал ва Абӯмӯсои Ашъарӣ низ ба вуҷуд омада буданд, вале мактаби тафсири Макка, Мадина ва Куфа бунёдитарин ва бозаминатарин мактабҳои тафсир дар тамоми қаламрави хилофати Ислом мебошанд. Ҳарчанд Зайд ибни Собит, Абӯмӯсои Ашъарӣ ва Абдуллоҳ ибни Зубайр разияллоҳу анҳум аз ҷумлаи даҳ саҳобаи машҳур дар тафсири Қуръон ба шумор раванд ҳам, аз онҳо ақволи камтаре дар ин бора ривоят шудааст. Ғайр аз инҳо муфассирони дигаре низ аз миёни саҳобагон ба монанди Анас ибни Молик, Абӯҳурайра, Абдуллоҳ ибни Умар, Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос, Ҷобир ибни Абдуллоҳ ва Оиша, разияллоҳу анҳум аҷмаъин вуҷуд доштанд, вале аз онҳо осори камтаре дар бораи тафсир ривоят шудааст.

Бо густариши қаламрави кишвари исломӣ саҳобагони Расулуллоҳ алайҳиссалом низ дар гӯшаву канори олами паҳновари Ислом мунташир гардиданд ва фарҳангу тамаддуни исломиро бо худ ба он сарзаминҳо бурданд. Мардуми он сарзаминҳо низ барои фаро гирифтани арзишҳои ойини нав дар атрофи онҳо гирд омаданд ва ба ин тартиб мактабҳои гуногуни тафсир дар ҷо-ҷои олами Ислом ба вуҷуд омад.

## Маърифати 34-ум: Машҳуртарин муфассирони тобеъин

Чи тавре ки баён шуд, дар Макка мадрасаи тафсири Ибни Аббос, дар Куфа мактаби тафсири Ибни Масъуд ва дар Мадина мактаби Убай ибни Каъб, разияллоҳу анҳум аҷмаъин ба вуҷуд омаданд. Дар ин мактабҳои тафсир аз табақаи тобеин низ шогирдоне ба камол расиданд, ки ҳар як интиқолдиҳандаи бевоситаи асосҳои тафсири устоди худ гардид. Машҳуртарин шогирдоне, ки дар мактаби тафсири

Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу анҳумо, маъруф ба мадраса ва ё мактаби тафсири Макка ба камол расидаанд, инҳо мебошанд:

1. Саъид ибни Ҷубайр.

2. Муҷоҳид ибни Ҷабр.

3. Икрима, мавлои Ибни Аббос разияллоҳу анҳу.

4. Товус ибни Кайсони Хавлонӣ.

5. Ато ибни Абӯрабоҳ.

Онҳо дар замони худ марҷаъи тамоми донишмандони исломӣ дар улуми тафсир, ҳадис ва фиқҳ буда, ба нашри андешаҳои динӣ, осори тафсирӣ ва ривоятҳои ҳадисии ин мактаб пардохтаанд.

Шогирдони мактаби Мадина, ба монанди:

1. Зайд ибни Аслам.

2. Абӯлъолия – Руфайъ ибни Меҳрони Риёҳӣ.

3. Муҳаммад ибни Каъби Қуразӣ.

Шогирдони мактаби Ироқ, ба монанди:

1. Алқама ибни Қайс.

2. Масруқ ибни Аҷдаъ.

3. Асвад ибни Язид.

4. Мурра ибни Шароҳили Ҳамадонӣ.

5. Омири Шаъбӣ.

6. Ҳасани Басрӣ.

7. Заҳҳок ибни Музоҳими Ҳилолӣ.

8. Қатода ибни Диъомаи Садусӣ ва дигарон.

Шогирдони мактаби Шом, ба монанди:

1. Абдурраҳмон ибни Ғанми Ашъарӣ.

2. Умар ибни Абдулазиз.

3. Раҷо ибни Ҳайваи Киндӣ аз ҷумлаи машҳуртарин парвардагони он ба шумор меравад.

Шогирдони мактаби тафсири Миср, ба монанди:

1. Язид ибни Абӯҳабиби Аздӣ.

2. Марсад ибни Абдуллоҳи Язанл.

Аммо дар мадрасаи Яман Ваҳб ибни Мунаббеҳи Санъонӣ ба камол расидааст.

Ин фавҷи азими муфассирони тобеин аввалин касоне буданд, ки ақвол ва назароти тафсирии устодони худ ва мактабҳои фикрии онҳоро дар заминаи тафсири Қуръон ба наслҳои баъдӣ таҳвил доданд.

Дар ин марҳала чӣ тавре мушоҳида мешавад, асоси мактабҳои тафсир аз сӯи бузургтарин муфассирони саҳоба гузошта шуда, андешаҳои тафсирии онҳо ба воситаи тобеин дар гӯшаву канори ҷаҳони Ислом интишор ёфтанд. Дар ин давра ду самти мушаххас дар фарорӯи тафсир қарор дошт:

*а) Самт ва хатти тафсири ба маъсур.*

*б) Дигаре хатти сайри тафсир дар масири луғавӣ.*

Ба андешаи баъзе муҳаққиқон, ба монанди муҳаққиқони тафсири ***“Баҳрул улум”*** тафсири Қуръон дар ин давра дар се самт ва ё масир пеш мерафт ва тафсири баёниро бар онҳо афзудаанд. Ба ҳар сурат моддаи тафсир то охирҳои асри сеюми ҳиҷрӣ дар ҳарду маҷро (равиш) ва хатти сайр ва ба андешаи баъзеҳо дар 3-масир ба таври мустақилона ҷараён дошт:

*- Дар масири тафсири луғавӣ муфассирон ба баёни паҳлӯҳои наҳвӣ ва сарфӣ ва шарҳу басти ҳолатҳои эъроби оятҳо бештар аҳамият медоданд.*

*- Дар тафсири баёнӣ бошад, аз ҷанбаҳои балоғӣ (камолот) ва баёни ваҷҳҳои бадеъии калимаҳо ва ибораҳо ба тафсири Қуръон мепардохтанд.*

## Маърифати 35-ум: Марҳалаи сеюми таъсисёбии илми тафсир

То ин давра тафсири Қуръон ба сурати ривоят ва навиштаҳои пароканда дар миёни бобҳои ҳадис ҷой дошт ва ба таври шифоҳӣ нақл мешуд. Он навиштаҳо ҳанӯз дар назди соҳибони худ ба шакли номуназзаме нигаҳдорӣ мешуданд, то он ки асри тадвин ва ҷамъоварии суннат дар як маркази муайян фаро расид. Дар миёнаҳои асри тобеин ҳамзамон бо тадвини ҳадис марҳалаи наве дар шеваи тафсир пеш омад, ки онро марҳалаи тадвин (гирдоварӣ ва танзими он дар китобҳо ва девонҳо) мегӯянд. Дар ин марҳала илова бар он, ки мактабҳо ва ҳавзаҳои дарси тафсир ба таври васеътаре фаъолият доштанд, ривоятҳо ва навиштаҳои парокандаи тафсир боз ба сурати гирдоваришуда ва дар қолаби китоб низ тадвин мешуданд. Тадвини илми тафсир ҳамзамон бо тадвини таълифи мустақил дар бораи тафсири сураҳо ва оятҳои Қуръон ҳанӯз чизе ба вуҷуд наомада буд.

Дар асри дуюми ҳиҷрӣ ва пас аз он табақаи дигаре аз муфассирон ба камол расиданд, ки илова бар сарчашмаҳои қаблӣ ақвол ва назароти тафсирии тобеинро низ ҳамчун манбаи боғановати дигари тафсир ба сарчашмаҳои пешин афзуданд.

Зоҳиран ба назар мерасад, ки бузургони фан дар ин давра дар ду маҷро, яъне ҳам ба таври мустақил ва ҳам ҳамроҳӣ бо таълифоти ҳадис осори зиёде дар заминаи тафсир таълиф намудаанд, вале то асри сеюми ҳиҷри (9-милодӣ) фанни тафсир ҳанӯз ба таври комил аз риштаи ҳадис ҷудо ва мустақил нагашта буд. Ба таври мисол, Имом Бухорӣ раҳимаҳуллоҳ дар миёни китобҳо ва бобҳои *“Саҳеҳ”*-и худ китобе бо номи *“Китоби тафсир”* дорад ва илова бар ин, ба таври мустақил низ китобе бо номи *“Тафсири кабир”* таълиф намудааст.

Аз ҷумла метавон ба тафсирҳои Шӯъба ибни Ҳаҷҷоҷ (вафот, 160 ҳ.), Суфёни Саврӣ (вафот, 161 ҳ.), Вакеъ ибни Ҷарроҳӣ (вафот, 196 ҳ.), Суфён ибни Уяйна (вафот, 198 ҳ.), Язид ибни Ҳорун (вафот, 206 ҳ.), Абдурраззоқи Санъонӣ (вафот, 211 ҳ.), Одам ибни Абӯиёс, Исҳоқ ибни Роҳвайҳӣ (вафот, 238 ҳ.), Равҳ ибни Убода, Ҳусайн ибни Довуди Миссии маъруф ба Сунайд (вафот, 220 ҳ.), Абд ибни Ҳамид ва ё Ҳумайд (вафот, 249 ҳ.), Абӯбакр ибни Абӯшшайба (вафот, 235 ҳ.), Имом Аҳмад ибни Ҳанбал (вафот, 241 ҳ.), Имом Бухорӣ (вафот, 256 ҳ.), Ибни Моҷаи Қазвинӣ (вафот,

273 ҳ.), Бақӣ ибни Махлади Қуртубӣ (вафот, 279 ҳ.), Ибни Ҷарири Табарӣ (вафот, 310 ҳ.), Ибни Абӯҳотим (вафот, 327 ҳ.), Ҳоким (вафот, 405 ҳ.), Ибни Мардуя (вафот, 401 ҳ.) ва Абӯшшайх ибни Ҳайёни Исфаҳонӣ ишора намуд, ки дар асрҳои дуюм ва сеюми ҳиҷрӣ дар давраҳои ба ҳам наздики замонӣ навишта шудаанд.

Ин тафсирҳо, чи ба таври мустақил ва чи дар зимни маҷмӯаи ҳадисӣ навишта шуда бошанд ҳам, ҳама тафсири ба маъсур ба шумор рафта, дар онҳо ба ақвол ва назароти тафсирие, ки аз табаъатобеин, тобеин, саҳобагон ва Расулуллоҳ алайҳисаллом ривоят шудаанд, истинод шудааст, ба ҷуз тафсири Табарӣ, ки дар бораи он дар марҳалаи баъдӣ сухан хоҳем гуфт.

## Маърифати 36-ум: Марҳалаи устуворӣ ва таҳкими пояҳои илми тафсир

Дар марҳалаи баъдӣ тафсир ба пояи наве аз ташаккули худ расид ва ба сурати илми мустақиле даромад. Дар ин давра ҳар ояте аз Қуръон бо риояи тартиби ҷои сураҳои он тафсир гардид. Ибни Моҷа (вафот, 273 ҳ.), Ибни Ҷарири Табарӣ (вафот, 310 ҳ.), Абӯбакр ибни Мунзири Нишопурӣ (вафот, 318 ҳ.) ва дигарон аз ҷумлаи аввалин муфассироне мебошанд, ки ба сурати мустақил Қуръонро тафсир намудаанд. Тафсир то ин марҳала ҳанӯз дар масири тафсири ба маъсур идома дошт ва манобеи ривоии он аз чаҳор сарчашма – Қуръон, баёноти тафсирии суннат, назароти тафсирии саҳобагон ва осори ривоятшуда аз тобеин иборат буданд. Вале Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ ин қолабро то андозае дигаргун намуда, пас аз зикри суханони гузаштагон дар тафсири оятҳо, агар назари онҳо гуногун мебуд ба асоснок кардан ва имтиёз додани баъзе аз онҳо пардохтааст.

Ин марҳала тақрибан охирҳои асри сеюми ҳиҷрӣ оғоз мегардад ва имоми муфассирон Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ аввалин шахсе мебошад, ки ба тафсир қолаби илмӣ ва низоми наве бахшидааст. Ибни Ҷарир бо эҷоди дигаргунии усулӣ дар равиши тафсири Қуръон ҳарду ҷараёни луғавӣ ва осории тафсирро бо ҳам ҷамъ намуд. Гузашта аз он, вай пас аз зикри осор ва нуқтаназароти пешиниён иҷтиҳодоти илмӣ, назароти тафсирӣ ва тавҷеҳоти худро низ ба он изофа намуд ва бо ҳамин як

равиши фарогиреро барои тафсир ба вуҷуд овард. Тафсири Қуръон дар ин қолаби нав аслан бар се поя бино ёфтааст:

а) Тафсири Қуръон бар асоси мафоҳими луғавӣ, ки маънои калимаҳои муфрадот, ҷумлаҳо ва оятҳоро аз назари забонӣ тафсир ва баён менамояд ва ҳамчунин барои онҳо тавҷеҳоти луғавӣ ва адабиро бо мисолҳои шеърӣ низ зикр менамояд.

б) Тафсири Қуръон бар асоси осор ва ривоятҳои собитшуда. Табарӣ оятҳои Қуръони каримро аввал бо худи Қуръон, сипас бо суннати Расулуллоҳ алайҳиссалом, пас аз он бо баёнот ва назароти саҳобагон ва дар охир бо осори воридгашта аз тобеъин ва атбоъи онҳо тафсир менамояд. Вай тақрибан аксари суханон ва осори тафсирии гузаштагонро бо зикри санадҳояшон дар тафсири худ овардааст ва ба ҳамин тарик бойгонии азими илмиеро дар он ғунҷонидааст.

в) Табарӣ пас аз он бар асоси истинбототи (натиҷагириҳои) иҷтиҳодӣ ва назароти илмии худ маонӣ ва мафоҳими ба дастовардаашро аз оятҳо дар қисмати охир ва ба тартиб дар радифи сеюми тафсир зикр кардааст ва аз ин қадами сеюми ӯ зиёд будани зарфиятҳои саршори илмӣ ва устувории таҳдоби захираҳои ривоияш нек равшан мегарданд. Тафсири Табарӣ аз қадимтарин ва ҷомеътарин сарчашмаҳои тафсири Қуръон ба шумор меравад. Ин тафсир бар муфассирони баъдӣ таъсири фаровоне гузоштааст ва онҳо дар тафсири аксари оятҳо ба назари Табарӣ ишора кардаанд. Ибни Надим онро китобе хондааст, ки беҳтар аз он нигошта нашудааст.

## Маърифати 37-ум: Марҳалаи самтгароии тафсир

Дар асри чаҳоруми ҳиҷрӣ ривоҷ ёфтани тарҷума ба авҷи худ расид, рӯйкарди ҷомеа ба нигориши соҳаҳои гуногуни илмӣ, ба хусус дар риштаҳои сарфу наҳв, луғат, адаб ва улуми балоғӣ густариш ёфт ва мактабҳои фиқҳӣ низ марҳалаи устувории пояҳои илмии худро пушти сар ниҳоданд. Ин раванди асил ва решадори илмӣ дигаргуниҳои куллӣ, пешрафтҳои ҳамаҷонибаи фарҳангӣ ва такомули илмии нотакрореро дар ҷомеаи исломӣ ба вуҷуд оварда буд, ки пайдоиши равишҳои гуногуни тафсирӣ ва самтҳои наве дар арсаи тафсирнигорӣ аз ҷумлаи таҳаввулоти ин давра ба шумор мераванд. Ин гароишҳо ва самтгириҳои нави тафсирӣ бештар ранги тахассусӣ ва якҷанбаӣ дар тафсири паёмҳои Қуръонро дошт. Ба ин маъно, ки

ҳар муфассир Қуръонро, ғолибан, бар асоси ҳамон риштаи илмӣ ва соҳаи тахассусие, ки дар он бартарӣ дошт, тафсир мекард. Яке бештар рӯи хусусиятҳои луғавӣ, қавоиди забонӣ ва ҷанбаи имлоии он кор мекард, дигаре ба паҳлӯҳои адабӣ ва ҷозибаҳои эъҷози зебоии он бештар аҳамият зоҳир менамуд. Коршиноси соҳаи фиқҳӣ аксаран ба баёни матолиби фиқҳӣ ва шарҳи оятҳои аҳком мепардохт, донишманди илми калом мавзӯъҳои ақлиро дар оятҳои Қуръон ҷустуҷӯ мекард ва мутахассиси ривоятшинос ба нақли ривоятҳо таваҷҷӯҳи бештар медод.

Дар фаротанди таҳаввулоти ин марҳала тафсири Қуръон аз манҳаҷи илмӣ ва он ҳомеияти мавзӯъие, ки дошт, то андозае хориҷ гашта, ранги якҷанбаӣ ва ё равиши якбӯъдиро ба худ гирифт. Албатта, дар ин миён муфассироне ҳам буданд, ки ҳамон услуби илмии Табариро идома доданд, ба монанди Ибни Атийя, Ибни Касир ва дигарон. Инҳо низ ҳамон се асос ривоят, луғат ва иҷтиҳоди илмии услуби тафсири Табариро дар тафсирҳои худ ба кор бурдаанд. Ин марҳала наздик ба даҳ аср, яъне пас аз Табарӣ то асри гузашта идома дошт. Албатта, ин ба он маъно нест, ки онҳо кори нодурусте кардаанд, балки ба он маъност, ки фаъолияти илмии худро маҳдудтар гирифта, ба китоби илоҳӣ танҳо аз як ҷанба нигаристаанд.

Дар ин марҳала ҳаракати тафсирнигорӣ хеле инкишоф ёфт, барои ихтисор санади ривоятҳо дар тафсирҳои баъдӣ ҳазф гардид ва суханони ривоятшуда дар тафсири оятҳо дигар ба соҳибонашон иснод дода намешуданд. Аз ҳамин ҷо вазъи ривоятҳои тафсирӣ, яъне сохтани ривоятҳои беасос барои шарҳи маонӣ ва баъзе тафсирҳо роҳ ёфт. Муфассирони баъдӣ ҳамон ривоятҳои вазъшударо аксаран бе таҳқиқ ва поксозӣ дар тафсирҳои худ нақл намуданд ва ҳатто аз ривояти ***“исроилиёт”*** низ худдорӣ накарданд. Бо ҳамин вазъи ривоятҳои бофта дар тафсирҳои баъдӣ хеле густариш ёфт.

Дар даврони хилофати Аббосиён низ риштаи тафсири Қуръон ҳамчунон рӯ ба такомул буд ва ин раванди такомулӣ то имрӯз идома дорад. Дар ин давра дар канори тафсири ба маъсур аз фикру андешаи озод низ кор гирифта шуд ва дар тафсирҳо дигар аз илмҳои гуногуне, ки ба гунае ба тафсири оятҳо иртибот пайдо мекард, истифода гардид. Дар ин давра, аз як сӯ, тарҷумаи китобҳои фалсафии тамаддунҳои

бостон, ки дар афкори баъзе донишмандон ва пайравони гароишоти фикрӣ таъсири бештаре гузошта буданд ва аз сӯи дигар, зуҳури тоифаҳои гуногуне дар ҷомеаи исломӣ, ки дорои дидгоҳҳо ва бардоштҳои хосе аз Ислом буданд, гароиши каломӣ ва равиши ақлгароёнаро дар шеваи тафсирнигорӣ ба вуҷуд оварданд. Намояндагони ин гароишҳои фикрӣ ва тоифаҳои динӣ барои асоснок кардани назароти худ оятҳоро муносиб бо дидгоҳҳои фикрӣ ва усули эътиқодии худ тафсир мекарданд, ба монанди пайравони мактаби ақлонии Мӯътазила, фирқаҳои Рофиза, Хаворич, Қадария, Ҷабария ва ғайра.

Дар гароиши каломӣ ва равиши ақлонии тафсир муфассир бо такя бар раъйи худ ва бо баҳрагирӣ аз калом ва фалсафа ба тафсири оятҳо ва аҳёнан ба исботи дидгоҳҳои каломии худ ва ё радди андешаҳои каломии мухолифон мепардозад.

Пайдоиши гароиши тафсирии каломии ақлӣ нисбат ба тафсири маъсур мутааххиртар аст ва он ба давраи пайдоиши илми калом дар ҷаҳони Ислом, ки ба охирҳои асри тобеин рост меояд, бармегардад. Ин равиш дар асрҳои сеюм ва чаҳоруми ҳиҷрӣ бо густариш ва равнақи илми калом ривоҷи бештаре ёфт ва Мӯътазилиён аз нахустин касоне буданд, ки ба ин равиш ҷиддан эҳтимом варзиданд, хоссатан бар равиш ва мазҳаби ботилу нодурусти худ, бо ҳилаву найранг ва таъвилҳои ботил либоси ҳақ пушониданд, локин Аллоҳ таъоло олимони росих ва собитеро парвариш додааст, ки ботил ва ноҳақ будани онҳоро ошкор ва равшанд сохтаанд.

## Маърифати 38-ум: Сабаби роҳ ёфтани исроилиёт ба китобҳои тафсир

Табақаи муфассирони саҳоба нисбат ба нақлу ривоятҳо ва суханони аҳли Китоб бар асоси фармудаи Паёмбар алайҳиссалом, ки ***"Аҳли Китобро на тасдиқ намоед ва на таксиб, балки бигӯед, ки ба Аллоҳ ончи ба сӯи мо фиристодааст, имон овардем"*** амал мекарданд. Дар ин ҳадиси Паёмбар алайҳиссалом дарёфт ва қабули ривоятҳо ва матолиби Тавроту Инҷил мамнӯъ эълон шудааст. Онҳо ваҷҳи мувофиқати ин ҳадисро бо бахше аз ҳадиси ***"Аз Бани Исроил сухан гӯед, ҳеҷ боке надорад …"*** хуб дарк карда буданд ва дар тафсири оятҳои Қуръон ҳеҷ ривоятеро аз

аҳли Китоб, ки бо усули Ислом мутобиқат надошта бошад, зикр намекарданд, балки мутобиқашро низ камтар зикр мекарданд.

Аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу – бузургтарин муфассири китоби Аллоҳ дар байни саҳобагон ривоят шудааст, ки фармуд: *"Эй ҷамоаи мусалмонон, чӣ гуна аз аҳли Китоб мепурсед, дар ҳоле ки китобе, ки бар Паёмбари шумо алайҳиссалом нозил шудааст, тозатарин ахбор дар бораи Аллоҳ аст, паёмҳои онро ноомехта ва ҳамон гуна покиза мехонед ва дар он ба шумо хабар додааст, ки аҳли Китоб, китоби Аллоҳро табдилу тағйир доданд ва бо дастон аз пеши худ онро навиштанд ва гуфтанд: Он аз назди Аллоҳ аст, то бо он пули андакеро ба даст оваранд? Оё он илме, ки бароятон омадааст, шуморо аз пурсиш ва мурочиат ба онҳо боз намедорад?..."*

Имом Аҳмад аз Ҷобир разияллоҳу анҳу ривоят кардаанд, ки *"Навиштае аз аҳли Китоб ба дасти Умар афтод. Умар онро ба назди Паёмбар алайҳиссалом овард ва бар ӯ қироат кард. Паёмбар алайҳиссалом ба ғазаб омад ва фармуд: Он рисолати Аллоҳро равшану покиза бароятон овардаам. Аз онҳо чизе напурсед, то хабареро, ки ба ҳақ ба шумо гуфтаанд, такзиб накунед ва хабареро, ки бар дурӯғ ва бар ботил ба шумо гуфтаанд, тасдиқ нанамоед. Қасам ба Аллоҳе, ки нафсам ба дасти Ӯст, агар Мӯсо зинда мебуд, ӯро ҷуз пайравӣ аз ман чорае набуд."*

Умар разияллоҳу анҳу аз ин иршоди набавӣ дарси амалӣ бардошт ва онро барномаи кории худ дар ҳифзи арзишҳои дини Аллоҳ аз ривоятҳои исроилӣ ва ҳар гуна бофтаҳои беасос қарор дод. Абӯяъло аз Холид ибни Урфута ривоят мекунад, ки "Дар назди Умар нишаста будам, ки мардеро аз қабилаи Абдуқайс ба назди ӯ оварданд, ҷои сукунаташ шаҳри Сус буд. Умар ба ӯ гуфт: Ту фалонӣ писари фалонии Абдӣ ҳастӣ? Гуфт: Оре. Пурсид: Дар Сус зиндагӣ мекунӣ? Гуфт: Оре. Умар бо асояш ӯро зад. Мард гуфт: Ман чӣ гуноҳ дорам, эй амиралмӯъминин? Умар гуфт: Бинишин! Мард нишаст ва Умар оятҳои аввали сураи Юсуф: **“Алиф, лом, ро. Инҳо оятҳои китоби равшananд. Мо онро ба сурати Қуръони арабӣ фиристодаем, то шумо дар он биандешед. Мо беҳтарин қиссаҳоро ба василаи ин Қуръон, ки ба сӯят ваҳй намудаем, бар ту нақл мекунем ва воқеан ҳам, пеш аз он аз ғофилон**

**будӣ”**-ро се бор бар вай қироат кард ва ӯро се бор зад. Мард гуфт: Ман чӣ гунох дорам, эй амиралмӯъминин? Гуфт: Ту ҳамон касе ҳастӣ, ки китоби Дониёл (яке аз Паёмбарони Бани Исроил)-ро нусхабардорӣ кардӣ? Мард гуфт: Амр фармо, то аз он пайравӣ намоям. Фармуд: Бирав ва онро бо оби тафсон ва пашми сафед маҳв соз ва дигар онро на худ бихон ва на ба касе биомӯз! Агар ба ман хабар расад, ки боз онро хондаӣ ва ё ба касе омӯхтаӣ, туро ҳатман ҷазо хоҳам дод. Онгоҳ фармуд: Бинишин! Дар пеши ӯ нишастам. Гуфт: Ман навиштае аз аҳли Китобро дар пӯсте нусхабардорӣ карда ва бо худ овардам, Расулуллоҳ алайҳиссалом пурсид: Он чист, эй Умар? Гуфтам: Навиштае аз аҳли Китобро, китобат кардаам, то илми худро афзун ва такмил намоем. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам чандон ба ғазаб омад, ки рухсораҳояш сурх шуданд. Он гоҳ нидои намоз дода шуд ва мардум гирд омаданд. Мардуми ансор гуфтанд: Паёмбаратон ба ғазаб омадааст? Силоҳро ба даст гиред, Силоҳро! Бо шитоб минбари Расулуллоҳ алайҳиссаломро дар иҳотаи худ гирифтанд. Расулуллоҳ алайҳиссалом фармуд: “Эй мардум, ҷавомеъи калим ва хавотими он ба ман дода шуда ва он бароям дар калимоти кӯтоҳе фароҳам омадааст. (яъне гуфтаҳои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам калимаҳо ва ҷумлаҳои кӯтоҳеанд, ки маънои васеъ ва умумиро дар бар мегиранд.) Ман роҳи рост ва рисолати илоҳиро сафеду покиза бароятон овардаам, пас ба шакку ҳайрат наафтед ва ба шакку ҳайратафтодагон шуморо нафиребанд.” Умар фармуд, ки аз ҷой бархоста гуфтам: Ба Аллоҳи бузург, ки Парвардигор аст ва ба диёнати Ислом ва ба Расулии ту эй Паёмбари Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам розӣ ҳастам ва инҳоро бар ҳама чиз баргузидам. Пас аз он Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз минбар фурӯд омад."

Дар даврони тобеин бошад, аз фармудаи Расулуллоҳ алайҳиссалом: ***“Аз Бани Исроил сухан гӯед, ҳеҷ боке надорад”*** баръакс маънои иҷозати ривояти достонҳо ва бофтаҳои исроилӣ бардошт гардида, дарёфт ва қабули ривоятҳои аҳли Китоб, ки ба таври нимасареҳе мамнӯъ эълон шуда буданд, ривоҷ пайдо кард ва ҳамин тавр гоҳе аз номи баъзе тобеин ва аҳёнан аз тариқи баъзеашон ҳаҷми азиме аз “исроилиёт” ба моддаи тафсир ворид гардид. Баъзе аз муфассирони ин давра ба манзури афзунталабии илмӣ ва густариши маълумотҳои динӣ ривоятҳо ва матолиби аксаран

носаҳеҳеро дар бораи ибтидои офариниш, розҳои коинот, тавҷеҳоти ҳайратоваре дар бораи осмонҳо ва ситорагон ва достонҳои Паёмбарон вориди моддаи тафсир намудаанд.

Ривоятҳое, ки дар бораи фазоили аксари сураҳо дар баъзе китобҳо ва ҷузъҳои тафсирӣ омадаанд, аз ҷумлаи осори носаҳеҳ ва мавзӯъоте ҳастанд, ки аз ин тариқ ба матни таълифоти динӣ роҳ ёфтаанд.

Бо ҳамин роҳи нуфузи "исроилёт" ва вазъи сохтани ривоятҳои нодуруст аз номи саҳобагон ва ҳатто Расулуллоҳ алайҳиссалом дар он замон ба матни китобҳои ҳадис, тафсир ва дигар мероси илмӣ ва ганҷинаи фарҳанги исломӣ кушода шуд.

Калимаи "исроилӣ" дар луғат ба маънои касе ва ё чизе аст, ки ба Бани Исроил нисбат дода шудааст ва Бани Исроил ҳамон яҳудиён ҳастанд, ки дар Қуръони карим бо ин ном низ хитоб шудаанд. Пас исроилӣ ба маънои яҳудӣ мебошад ва исроилиёт ҷамъи сиғаи занонаи он – исроилия аст. Аммо дар истилоҳи аҳли ҳадис исроилиёт ба он даста ривоятҳо ва маҷмӯаи қавлҳое гуфта мешавад, ки аз ривоятҳои динӣ, осори фарҳангӣ, маҷмӯаҳои адабӣ, расму ойин ва устураҳои қавми яҳуд дар давраҳои гуногун, шароити хоси таърихӣ ва аз роҳҳои мухталифе ба фарҳангу адаб ва таърихи исломӣ, ба ганҷинаи ҳадиси набавӣ ва ба китобҳои тафсир роҳ ёфтаанд.

Бани Исроил аз қадимулайём бо номи яҳуд маъруф ва бо ҳамон номи таърихӣ боқӣ мондаанд, ба ҷуз онҳое, ки ба Паёмбари Ислом – ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам имон оварда, ба дини Ислом гаравидаанд. Ин яҳудиён аз ҷумлаи мусалмонон ба шумор рафта, ба мусалмонони аҳли Китоб шинохта мешаванд.

Кохи фарҳангу дониши яҳуд аз ривоятҳои китоби Таврот ва шарҳҳои он, достонҳои асфор (китобҳо)-и яҳуд (асфори панҷгонаи Мӯсо) ва шарҳҳои онҳо, наслҳои китоби Талмуд ва шарҳҳои он ва дигар устураву хурофот ва бофтаҳое, ки насл ба насл дар байни онҳо интиқол ёфтаанд, ба вуҷуд омадааст. Хуб аст бидонем, ки пайравони динҳои бостонӣ ва ҳаводорони фарҳангҳое, ки дар сар то сари қаламрави Ислом ба нашри ривоятҳои динӣ, достонҳои таърихӣ, хурофоту устураҳои қавмӣ ва бофтаҳои адабии худ машғул буданд, аз тоифаҳои динӣ ва пайравони фарҳангҳои гуногуне иборат буданд, ки яҳудиён, насрониҳо ва маҷусиён

умдатарини онҳоро ташкил медоданд ва ҳамаи онҳо ба гунае дар олудани сафои андешаи исломӣ, каҷсозии арзишҳои эътиқодӣ ва аз воқеият дур сохтани фарҳанги қуръонӣ саҳм доштаанд, вале чӣ тавре мебинем, пешвоёни огоҳ ва пешоҳангони андешаи динӣ дар риштаи ҳадис шиносоӣ танҳо бо исроилиёт моддаи омӯзишие ва бо номи мавзӯъот моддаи дигаре кушодаанд ва аз зикри номи насроният, маҷусият ва ғайра сарфи назар намудаанд.

Ин амр, пеш аз ҳама, ба хатарнокии барномаи динситезӣ ва исломситезии яҳудиён ва ба шиддати ҳамлаи фарҳангӣ, ки бар зидди тамаддуни исломӣ ба роҳ андохта буданд, ишора менамояд ва сониян, осори тахрибкориҳои фарҳангӣ ва таҳрифоте, ки аз сӯи пайравони дигар динҳо ба ҳавзаи фарҳангу адаб, таърих ва мероси динии мусалмонон роҳ ёфтааст, аз партави пажӯҳишҳои муҳаққиқони исломӣ ба дур намондааст, балки фаровардаҳои номатлуби фарҳангӣ ва осори таҳрифоти динии онҳо низ дар зимни исроилиёт ва мавзӯъот дохил мебошанд.

## Маърифати 39-ум: Сababи роҳ ёфтани мавзӯот ба китобҳои тафсир

Мавзӯъ аз назари решаёбӣ исми мафъул аз решаи феъли вазаъа буда, дар истилоҳи аҳли ҳадис ба маънои бофта баровардани ҳадисе аз номи Расулуллоҳ алайҳиссалом ва дурӯғ гуфтан бар ӯ, яъне ба маънои ҳадиси бофта, дурӯғ ва беасос мебошад. Қуръони карим таҳаррукоти ситезаҷӯёна ва амалкардҳои душманонаи аксари аҳли Китоб, ба хусус яҳудиёнро, бар зидди арзишҳои исломӣ хеле зиёд ва такроран баён дошта, онро раванди бебозгашт ва қатънашавандае аз сӯи онҳо муаррифӣ намудааст ва Расулуллоҳ алайҳисаллом низ дар замони ҳаёти худ пешбинӣ карда буд, ки онҳо рӯзе ба чунин ҳамлаи пурҳаҷми фарҳангие бар зидди Ислом даст мезананд, аз пеши худ афкор ва суханонеро бо номи ӯ мебофанд ва ба таҳрифи осор ва андешаи софи исломӣ мепардозанд. Бинобар ин, он ҳазрат алайҳиссалом фармудаи машҳури худро дар ин бора иброз намуд, онҷо ки мефармояд: ***“Дурӯғ гуфтан нисбат ба ман ё аз номи ман, монанди дурӯғ гуфтан нисбат ба каси дигар нест, балки касе бар ман қасдан дурӯғ бигӯяд, манзилгоҳи худро дар оташ омода кардааст.”***

Ҳаракати бофтани ҳадис ва роҳ ёфтани исроилиёт ба китобҳои ҳадис ва тафсир, ки муҳимтарин пойгоҳ ва сарчашмаи дини илоҳӣ ба шумор мераванд, тақрибан ҳамзамон оғоз гардида, дар шароити таърихии хосе ва бар асари омилҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва эҳтимомӣ (саъю кӯшиши) зиёде ба матни осори динӣ, китобҳои таърих ва мероси фарҳангу адаби исломӣ ворид шудааст, ки аз зикри онҳо дар инҷо сарфи назар менамоем. Вале зикри ин нуктаро муҳим мешуморем, ки он хурофот ва ривоятҳои бофтаву пардохта аз номи ягон тобеъӣ, саҳоба ва аксаран аз номи Расулуллоҳ алайҳиссалом бофта ва ривоят шудаанд, ки шинохти онҳоро барои хонандаи оддӣ ва шахси ноогоҳ хеле мушкил мегардонад. Пас ин амри пурхатар аз ҳар шахси мусалмон тақозо менамояд, ки барои шинохт ва дурӣ аз таъсири онҳо дар аснои омӯзиши матнҳои динӣ, осори таърихӣ ва мероси адабӣ, китобҳои саҳеҳ ва мӯътамадро дар ин заминаҳо мавриди мутолиа қарор диҳад ва аз қабули ривоятҳои бофта ва устураҳову хурофотҳои исроилӣ, ки тайи асрҳои зиёде дар тору пуди матнҳои динӣ ва фарҳангу адаби мусалмонон ба шаклҳои гуногуне ворид шудаанд, эҳтиёти комил дошта бошад.

Ба ҳар сурат, ин мавқеи қотеи уламои Исломро дар баробари ривоятҳои исроилӣ ва мавзӯот набояд ба маънои тарки муносибатҳои фарҳангӣ бо тамаддунҳои дигар, рӯй намудан аз мубодилаи афкор бо мардуми ҷаҳон ва сарфи назар кардан аз қабули ҳақоиқи илмӣ ва воқеиятҳои таърихие, ки аз сӯи намояндагони илму фарҳанги дигар адён барои ҷомеаи башарӣ андӯхта шудаанд, бардошт кард, балки манзур аз тарки исроилиёт ва мавзӯот, чӣ тавре мебинем, ҳифзи асолати фарҳангии уммати Ислом аз дастбурди бадхоҳон ва ҳимояи арзишҳои маънавии он аз таҳоҷумӣ фарҳангии бегонагон мебошад. Ислом дар ҳақиқат, дини илму маърифат аст ва дари илму донишро ба рӯи касе набастааст, балки он қисмате аз тамаддуни худро, ки ба андӯхтаҳои илмӣ ва таҷрибиёти инсонӣ бастагӣ дорад, бар таҳдоби бозмондаҳои илмии тамаддунҳои бостон ва дастовардҳои ақвоми пешин пас аз поксозӣ, такомули решаӣ ва дамидани рӯҳи исломӣ ба онҷо бино ниҳодааст.

Дини Ислом дар тамоми корҳо, аз ҷумла дар тарҳи муносибатҳои гуногунҷанбаӣ бо пайравони адёни дигар ва қавмҳои дигар аз равиши эътидол кор гирифтааст ва дар айни ҳоле ки мавқеи аҳли Китобро нисбат ба мусалмонон ба хубӣ

бозгӯ намудааст, ҳамзамон онҳоро аҳли Китоб эълон намуда, дар байни дигар мардуми ҷаҳон ҷойгоҳи хосеро барои эшон қоил шудааст ва барои ҷомеаи исломӣ муносибатҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар сатҳи ҳалол будани издивоҷ бо занони аҳли Китоб ва ҳалол будани хӯрдани гушти ҳайвоноти кушташуда аз тарафи аҳли Китоб иҷозат додааст. Аллоҳ таъоло дар Қуръони карим дар айни ҳоле ки аз таҳрифкориҳои аҳли Китоб ва дастбурди пешвоёни динии онҳо дар тағйири каломи илоҳӣ сухан мегӯяд ва мӯъминонро аз пайравӣ ва муроҷиат ба онҳо дар умури дин бозмедорад, ҳамзамон ба Паёмбар алайҳиссалом дастур медиҳад, ки: ***“Аз Бани Исроил бипурс, ки ба онҳо чи қадар оятҳои равшане додаем.”*** Қуръон бо ин равиши дақиқи ҳимоятҳои худ мӯъминонро ба корбурди таҳлилҳои амиқи илмӣ ва ҷудо намудани мавқеъҳои мутафовит аз якдигар фаро хондааст.

Коршиносони улуми исломӣ ривоятҳои исроилиро бо камоли диққат мавриди баррасӣ қарор дода, онҳоро аз ҷиҳати дурӣ ва ё наздикиашон ба ҳақиқат ба се қисмати муҳим ҷудо намудаанд ва дар бораи мамнӯъият ва ё ҷавози қабул ва ривояти ҳар қисмате ба тафсил сухан гуфтаанд, ки инҷо ба таври хулоса метавон чунин натиҷагирӣ кард:

*а) Ривоятҳои исроилиро на дурӯғ мешуморем ва на саҳеҳ.* Дар ин ҷо манзур он ривоятҳое мебошанд, ки дар шариъати мо дурӯғ ё саҳеҳ будани онҳо зикр нашудаанд.

*б) Ривоятҳои исроилиро амалӣ менамоем.* Дар ин ҷо манзур он ривоятҳое мебошанд, ки дуруст будани онҳо дар шариъати мо зикр карда шудаанд.

*в) Аз ривоятҳои исроилӣ тамоман дурӣ мекунем.* Дар ин ҷо манзур он ривоятҳое мебошанд, ки хилофи шариъати мо ривоят карда шудаанд.

***Огоҳӣ:*** Вале дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки ҳар чизе ба умури динӣ ва сарнавишти мусалмонон пайванд дорад, дар сарчашмаҳои Ислом – Қуръон ва суннат зикр шудааст ва дар ин бора ниёзе ба муроҷиат ба аҳли Китоб вуҷуд надорад, ҳарчанд он барои омӯзишҳои муқоисавӣ ва дарки бартарияти ҳақоиқи қуръонӣ барончи дар китобҳои пешин аст, ҷоиз мебошад ва он ҳам ба шарте, ки шахси муҳаққиқ дар зери таъсири андешаҳои нодурусти динӣ ва бардоштҳои ғалати фарҳангии онҳо қарор

нагирад. Аммо қабул ва ривояти дигар ҳақоиқи илмӣ ва воқеиятҳои бебаҳси таърихие, ки сидқ ва ҳақиқати онҳо собит шуда ва имкони ҳеҷ гуна таҳрифкорӣ, ғаш ва таҳоҷуми фарҳангие аз сӯи онҳо боқӣ намондааст, шаръан ҳеҷ гуна мамнӯъияте надорад.

## Маърифати 40-ум: Марҳалаи таҷдид ва ё асри нави тафсир

Дар асре, ки гузашт, илми башарӣ ба дастовардҳои бузурге ноил гардид ва донишмандони Ислом низ дар таъйиди ҳақоиқи динӣ аз онҳо баҳра гирифта, баъзе аз оятҳои Қуръонро, ки дар онҳо ишороте ба ҳақоиқи олами офариниш рафтааст, ба сурати илмӣ тафсир намуданд. Ҳарчанд ба назари баъзе муҳаққиқон рӯйкард ва таваҷҷӯҳи донишмандони муосири ҷаҳони Ислом ба тафсири илмии Қуръон дар зери таъсири фазои илмгароӣ ва пешрафтҳои илмии кишварҳои ғарбӣ ба вуҷуд омада ва он аслан маҳсули бархӯрди андешаи исломӣ бо фарҳанги ғарбӣ ва таъсирпазирии фикрии мусалмонон аз ғарби пешрафта аст, вале бо нигоҳе таҳқиқӣ ба оятҳои Қуръон ва ба шеваи тафсирнигорӣ ва равишҳои тафсирии гузаштагон ба ин натиҷа мерасем, ки корбурди равиши тафсири илмӣ дар матни паёмҳои Қуръон реша дорад ва баҳрагирӣ аз донишҳои таҷрибии рӯз дар тафсири Қуръон аз фарҳанги асили исломӣ сарчашма гирифтааст. Ҳарчанд баъзе муфассирон кӯшидаанд, ки улуми замони худро бо Қуръон татбиқ намоянд, яъне илмҳои таҷрибавии худро бо оятҳои қуръонӣ мутобиқат кунонанд, ки дар асл ин равиши саҳеҳ нест, зеро дар таҷрибаҳо ва дар ҷаҳони илм метавон дид, ки на ҳамаи илмҳои табиӣ, таҷрибавӣ ва ё кашфиётҳои илмӣ саҳеҳ, дуруст ва тағйирнопазир мебошанд, дар ҳоле ки оёти илоҳӣ тағйирнопазир, возеҳ ва ҳамеша саҳеҳанд.

Ҳарчанд тафсири илмии Қуръон гузаштаи деринае дар фарҳанги исломӣ дорад, аммо метавон гуфт, ки он дар замони муосир ба равиши мустақиле дар риштаи тафсирнигорӣ табдил шуда ва аз дастовардҳои бузурги таҷдиди фикри динӣ дар асри нав ба шумор меравад. Дар маҷмӯъ муфассирони Қуръон ҳам дар гузашта ва ҳам дар асри ҳозир аз паҳлӯҳои гуногун ба баррасии оятҳо ва тафсири маонии паёмҳои Қуръон пардохтаанд. Баъзе аз онҳо аз ҷанбаи адабӣ ва эъҷози баён, қисме аз ҷиҳати имлоӣ ва дастуроти забон ва гурӯҳе дигар аз ҷанбаи аҳком, назми иҷтимоӣ

ва ташаккули шахсияти инсон ба тафсири Қуръон пардохтаанд. Гароишҳо ва равишҳои тафсирие, ки дар қаламрави дониши тафсирнигорӣ аз гузашта то ҳол вуҷуд дошта ва ҳамчунин, самтҳо ва пажӯҳишҳои тафсирие, ки дар давраи таҷдиди андешаи динӣ дар асри ҳозир ба вуҷуд омадаанд, ба таври куллӣ дар масир ва самтҳои зерин будаанд:

1. Тафсири адабӣ;

2. Тафсири фиқҳӣ;

3. Тафсири ақлӣ-каломӣ.

4. Тафсири ирфонӣ.

5. Тафсири илмӣ.

6. Гароишҳои тафсирии нав.

7. Пажӯҳишҳои тафсирӣ дар ҷаҳони Ислом.

Дар як нигоҳи куллӣ метавон гуфт:

1. Тафсири адабӣ ба он навъ тафсирҳое итлоқ мегардад, ки шомили матолиби забонӣ ва адабии Қуръон, ба монанди сарфу наҳв, калимасозӣ, луғат, эъроб (дуруст талаффуз ва навиштани калимаҳо) ва улуми балоғӣ бошанд.

2. Тафсири фиқҳӣ яке аз куҳантарин равишҳои тафсирии Қуръон ба шумор меравад, ки ба дастабандӣ, таҳлили фиқҳӣ ва тафсири оятҳои аҳком мепардозад. Илми фиқҳ ва илми тафсир ҳамзамон ва дар як муҳити ҳамсони таърихӣ ба вуҷуд омадаанд, аз ин рӯ, дар усул, шеваҳои омӯзиш ва сарчашмаҳо бо якдигар иртиботи наздике доранд, зеро бар пояи ақидаи исломӣ нахустин ва муҳимтарин сарчашмаи қонунгузорӣ ва истинботи аҳкомӣ Қуръон аст.

3. Тафсири фиқҳӣ ба баррасӣ ва истинботи аҳкоми амалӣ мепардозад ва муфассир дар он талошҳои тафсирии худро бар рӯи оятҳое тамаркуз мебахшад, ки аз онҳо бо сароҳат ва ё ба таври зимнӣ ҳукме истинбот карда мешавад. Аз ин ҷиҳат, ин равиш ва ё тамоюли тафсирӣ аз қадимтарин навъҳои тафсири мавзӯъӣ ба ҳисоб меояд ва аз онҷо, ки ба таҳлили фиқҳӣ ва баррасии усулии оятҳои аҳком сару кор дорад, он ба

таври умум аз дақиқтарин равишҳои тафсирӣ ба шумор меравад. Қадимтарин тафсири фиқҳие, ки то замони мо бар ҷой мондааст, ба Муҳаммад ибни Идриси Шофеъӣ (вафот, 204 ҳ.) тааллуқ дорад ва онро Аҳмад ибни Ҳусайни Байҳақӣ (вафот, 458 ҳ.) гирдоварӣ намудааст. Пас аз вай Абӯбакр Аҳмад ибни Алӣ маъруф ба Ҷассоси Ҳанафӣ (вафот, 370 ҳ.) дар ин замина тафсиреро бо номи *“Аҳкомул Қуръон”* таълиф намудааст.

Ба ақидаи уламои тафсир ва усули фиқҳ оятҳое, ки ба таври усулӣ барои бинои аҳком нозил шудаанд, ҳудуди 500-оятро ташкил медиҳанд, аммо оятҳое, ки аз онҳо зимнан дар заминаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ғайра аҳкоме истинбот карда мешавад, хеле зиёданд ва ба назари баъзе олимон бештар аз ду ҳазор оятро ташкил медиҳанд.

*- Тафсири адабӣ шомили ду бахши тафсирҳои луғавӣ ва баёнӣ мешавад. Дар тафсири луғавӣ оятҳои бештар аз ҷанбаи имлоӣ, дастури забон, эъроби калимаҳо ва ғайра шарҳу тавзеҳ дода мешаванд.*

*- Дар тафсири баёнӣ бошад, ба улуми балоғӣ ва ҷанбаҳои эъҷози баёнии оятҳо пардохта мешавад.*

## Маърифати 41-ум: Шинохт ба тафсирҳои муосир ва нав

Хушбахтона, дар ин асри ахир Қуръони карим аз ҷониби баъзе мусалмонони огоҳ низ ба забонҳои гуногун тарҷума ва тафсир гардидааст. Донишмандони ҷаҳони Ислом низ барои баланд бардоштани сатҳи маърифати динии мардуми мусалмон даҳҳо шарҳу тафсир барои Қуръони карим бо забонҳои гуногуни дунё навиштаанд. Ҳамзамон бо бедории динӣ ва эҳёи муҷаддади андешаи исломӣ, ки ба охирҳои асри нуздаҳ ва оғози асри бист рост меомад, тафсири Қуръон низ вориди марҳалаи тозае гардид. Пас аз барҳам хӯрдани Хилофати исломӣ баъд аз ҷанги ҷаҳонии аввал дар аксари кишварҳои мусалмоннишин ҷунбиши фарогири илмӣ ва бедории исломие ба вуҷуд омад ва наҳзатҳои динии шурӯъ ба фаъолият намуданд. Донишмандон ва уламои ҷаҳони Ислом дар пайгарди ин эҳёи исломӣ бузургтарин мероси илмӣ, адабӣ ва тафсириро ба ҳавзаи фарҳанг ва тамаддуни Ислом тақдим намуданд. Дар ин марҳалаи таҷдид тафсирҳои зиёде аз ҷониби бузургмардони андешаи исломӣ дар

асри нав ва эҳё навишта шудаанд, монанди тафсири ***“Таҳрир ва танвир”***-и Ибни Ошури Тунисӣ, ки машҳуртарини онҳо ба шумор меравад.

Дар тафсирнигории муосир, ки аз дамдамаҳои эҳёи тафаккури динӣ нашъат гирифтааст, ба таври куллӣ ҳадафҳои олии Ислом, аз қабили эҷоди ваҳдати умумии мусалмонон, хурофотзудоӣ аз эътиқодот ва роҳу расми зиндагии онҳо, ҳамоҳанг сохтани омӯзаҳои динӣ бо ёфтаҳои илми башарӣ ва ғайра пайгирӣ шудааст. Дар маҷмӯи тафсирҳо ва пажӯҳишҳои тафсирии муосир таҳқиқи се ҳадафи умумӣ мушоҳида мешавад:

*- Талош дар роҳи ироаи тафсир ба шеваи наве, ки ҷавобгӯи замон бошад.*

*- Талош дар роҳи хурофотзудоӣ ва пок намудани соҳаи арзишҳои Қуръон аз афсонаҳои беасос, ки ҳам сабаби рукуди фикрӣ ва ҳам омили дурии мусалмонон аз ҳақоиқи динӣ гаштаанд.*

*- Баёни равшантаре аз ҳикмати усули назарии дин ва баёни мақсадҳо ва ҳадафҳои қуръонӣ ва шариъати исломӣ.*

Ин пажӯҳишҳо ва ё равишҳо дар тафсири Қуръон бештар рӯйкард ва тамоюл ба ҷанбаи иҷтимоӣ ва ислоҳӣ доранд. Аз як сӯ, табодули афкор ва таъсиргузории фарҳангҳои бегона ва аз сӯи дигар, ҷиддият ва талоши насли нави уммати Ислом, ба хусус мардуми тоҷик, дар пайдо намудани посух ба ниёзҳои маънавӣ ва суолҳои ақидатии худ тақозо менамояд, ки назароти амиқи андешаи исломӣ ва пажӯҳишҳои дақиқи масоили динӣ бо шеваи муосир пешкаши онҳо гарданд ва ин ҳам дар ҳолест, ки бисёре аз онҳо мӯътақид ҳастанд, ки ниёзҳои маънавии онҳо аз тариқи омӯзиши дуруст ва шинохти саҳеҳи маорифи исломӣ ва омӯзаҳои Қуръонӣ бароварда мешаванд.

Ҳамчунин барои ин ҳадафи нек бояд миллати тоҷик ба ду асл ё марҷаъ гашта ва руҷӯъ кунанд, то аз гумроҳии динӣ дар амну амон зиндагӣ кунанд ва он ду инҳост:

*а) Гаштан ба китоби Аллоҳ ва ба суннати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, бо фаҳми пешвоёни солеҳи Ислом, монанди асҳоби Расули акрам ва тобеин ва табаъа тобеин, ҳамчунин ба олимоне, ки дар ин се қарни аввали Ислом зиндагӣ*

*кардаанд, монанди Имом Абуҳанифа ва шогирдонаш ва Имом Молик, Имом Шофеъӣ ва Имом Аҳмад ва шогирдонашон.*

*б) Гаштан ба китобони саҳеҳи гузаштагони худ монанди Саҳеҳи Бухорӣ ва Саҳеҳи Муслим, ки беҳтарин ва саҳеҳтарин китоб баъди Қуръони карим ба шумор меравананд, ки имомон ва пешвоёни мо миллати тоҷик ба шумор меравананд ва дар ҷаҳони Ислом ҳамчун имом ва пешвои солеҳу муслиҳ шинохта шудаанд.*

## Маърифати 42-юм: Асосҳои ба даст овардани мақсади нузули Қуръони карим

Аллоҳ таъоло раҳмат кунад мову шуморо, бидон, ки барои ба даст овардани мақсади нузули Қуръон, 5-марҳалаи зерин вуҷуд дорад, ки дар зер бо далоил аз Қуръон зикр мешаванд:

1. *Гӯш кардани он*: Фармудаи Аллоҳ таъолост:

وَإِذَا قُرِئَ ٱلْقُرْءَانُ فَٱسْتَمِعُوا۟ لَهُۥ وَأَنصِتُوا۟ لَعَلَّكُمْ تُرْحَمُونَ

**"Ҳангоме, ки Қуръон хонда мешавад, пас ба он гӯш фаро диҳед ва хомӯш бошед, бошад, ки фарогири раҳмат шавед."** (Аъроф, 204)

2. *Хондану таълим гирифтани он*: Фармудаи Аллоҳ таъолост:

ٱلَّذِينَ ءَاتَيْنَـٰهُمُ ٱلْكِتَـٰبَ يَتْلُونَهُۥ حَقَّ تِلَاوَتِهِۦٓ أُو۟لَـٰٓئِكَ يُؤْمِنُونَ بِهِۦ

**"Касоне, ки китоби осмонӣ ба онҳо додаем ва онро чунон, ки шоистааст мехонанд ва ба матолиби он имон меоваранд..."** (Бақара, 121)

3. *Ҳифз ва аз худ кардани он*: Фармудаи Аллоҳ таъолост:

بَلْ هُوَ ءَايَـٰتٌۢ بَيِّنَـٰتٌ فِى صُدُورِ ٱلَّذِينَ أُوتُوا۟ ٱلْعِلْمَ

**"Балки он оёти равшанест, ки дар синаи донишварони мӯъмин ҷой дорад..."** (Анкабут, 49)

4. *Андешидан ва панд гирифтан аз он*: Фармудаи Аллоҳ таъоло аст:

كِتَـٰبٌ أَنزَلْنَـٰهُ إِلَيْكَ مُبَـٰرَكٌ لِّيَدَّبَّرُوٓا۟ ءَايَـٰتِهِۦ وَلِيَتَذَكَّرَ أُو۟لُوا۟ ٱلْأَلْبَـٰبِ

**"Эй Муҳаммад, ин Қуръон китобест пурбаракат, ки бар ту нозил кардаем, то мардум дар оёташ биандешанд ва хирадмандон аз он панд гиранд."** (Сод, 29)

5. *Амал кардан ба он*: Фармудаи Аллоҳ таъоло аст:

ٱلَّذِينَ يَسْتَمِعُونَ ٱلْقَوْلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحْسَنَهُۥٓ ۚ أُو۟لَـٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ هَدَىٰهُمُ ٱللَّهُ ۖ وَأُو۟لَـٰٓئِكَ هُمْ أُو۟لُوا۟ ٱلْأَلْبَـٰبِ

**"Касоне, ки суханҳоро мешунаванд ва аз беҳтарини он (Қуръон) пайравӣ мекунанд, онон касоне ҳастанд, ки Аллоҳ ҳидояташон карда ва хирадмандонанд."** (Зумар, 18)

## Маърифати 43-юм: Нузули Қуръони карим

Дар Қуръони карим оятҳое вуҷуд доранд ва далолат бар он мекунанд, ки Қуръон дар якборагӣ нозил шудааст, аз он ҷумла дар ин фармудаи Аллоҳ таъоло:

*إِنَّآ أَنزَلْنَـٰهُ فِي لَيْلَةِ ٱلْقَدْرِ

**“Бегумон, Мо Қуръонро дар шаби Қадр нозил кардем (ва он яке аз шабҳои моҳи шарифи Рамазон аст)!”** (Қадр, 1)

Ҳамчунин оятҳое низ вуҷуд доранд ва далолат бар он мекунанд, ки Қуръон, ҷудо-ҷудо, оят-оят ё сура-сура дар муддати паёмбарии Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шудааст, аз он ҷумла дар фармудаи Аллоҳ таъоло:

*وَقُرْءَانًا فَرَقْنَـٰهُ لِتَقْرَأَهُۥ عَلَى ٱلنَّاسِ عَلَىٰ مُكْثٍ وَنَزَّلْنَـٰهُ تَنزِيلًا

**“Қуръонро кам-кам ба гунаи оятҳо ва бахшҳои ҷудогона нозил кардем, то ту онро оҳиста-оҳиста ва андак-андак бар мардум бихонӣ ва ба ин васила ҷазби дилҳо ва андешаҳо шавад ва дар амал ҷорӣ гардад. Қуръонро ба ҳақ фурӯ фиристодем ва ба ҳақ фурӯд омадааст.”** (Исро, 106)

Ибни Аббос Аллоҳ аз ӯ розӣ бод, фармуд: *"Нузули Қуръон бар 2-навъ аст*:

*- Нузули китобӣ, яъне аз Лавҳул-маҳфуз ба осмони дунё дар шаби Қадр.*

*- Нузули каломӣ, яъне аз осмони дунё ба Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам, дар муддати 20-сол мувофиқ ба ҳодисаҳо ва воқеаҳо."*[9]

Албатта дар байни олимон дар робита бо муддати нузули Қуръон ихтилофи назар вуҷуд дорад, ки гуфта шудааст:

*- Қуръон дар муддати 20-сол нозил шудааст.*

*- Қуръон дар муддати 23-сол нозил шудааст.*

*- Қуръон дар муддати 25-сол нозил шудааст.*

Сабаби ихтилофи олимон бар муддати биъсати Паёмбар алайҳиссалом дар Макка будани он ҳазрат алайҳиссалом аст, яъне баъзе олимон бар он назаранд, ки Паёмбар саллаллоҳу алаҳйи ва саллам 10-сол дар Макка паёмбарӣ кардаанд, баъзе бар онанд, ки 11-сол, баъзе 12 ва ё 13-солро бар Паёмбар нисбат медиҳанд, ки саҳеҳтаринаш 13-сол мебошад.

## Маърифати 44-ум: Ҳикмати нозил шудани Қуръон бар 2-навъ

Аллоҳи ҳакимро бешак дар тамоми корҳояш ҳикматҳо ва фоидаҳоест, ки башарият аксари онҳоро ба илми андакашон дарку фаҳм карда наметавонад, магар онеро, ки Аллоҳ таъоло ба фазлу карамаш ато ва илҳом карда бошад. Бар асоси он чизе, ки гузашт уламои тафсир ҳикматҳо ва фоидаҳое барои нузули Қуръон зикр кардаанд ва дар инҷо бар баъзе аз онҳо ишора менамоем:

1. Ҳикматҳо ва фоидаҳо нузули Қуръон ба якборагӣ ба осмони дунё:

- *Таъзими шаъну шарафи Қуръони карим.*

- *Таъзими шаъни Расулуллоҳ алайҳиссалом ва ташрифу бузургии ӯ.*

- *Такрими уммати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва донистани малоикаҳо ба фазлу маконати онҳо.*

- *Донистани аҳли осмон бар ин ки ин китоб, охирин китоби нозилшуда бар охирин набӣ мебошад.*

---

[9] Ривояти Насоӣ дар Сунани Кубро

*- Донистани малоикаҳо ва башарият бар ин ки Аллоҳ таъоло донандаи илми ғайб аст, зеро Ӯ таъоло медонад онеро, ки буд ва ҳамчунин медонад онеро, ки дар оянда рӯх медиҳад.*

*- Баёнгари манзилати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва фазли ӯ бар дигар анбиёи алайҳимуссалом, зеро Қуръон ягона китоби осмонӣ аст, ки бар ду навъ нозил шудааст.*

2. Ҳикматҳо ва фоидаҳои нузули Қуръони карим ба навъи ҷудогона:

*- Барои ором ва устувор гирифтани дили Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.*

*- Барои осон шудани хондан ва фаҳму дарки оятҳо.*

Далели ин ду ҳикмат дар фармудаи Аллоҳ таъоло:

*وَقَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَوۡلَا نُزِّلَ عَلَيۡهِ ٱلۡقُرۡءَانُ جُمۡلَةٗ وَٰحِدَةٗۚ كَذَٰلِكَ لِنُثَبِّتَ بِهِۦ فُؤَادَكَۖ وَرَتَّلۡنَٰهُ تَرۡتِيلٗا

**“Касоне, ки куфр варзиданд, гуфтанд: “Чаро Қуръон якбора бар ӯ нозил нашудааст?” Мо ин гуна каломи илоҳиро ба мурур нозил кардаем, то дилатро бо он ором ва устувор гардонем ва онро ба тадриҷ бар ту хондаем то дарку ҳифзаш осон бошад.”** (Исро, 32)

*- Барои осон шудани он ва ҳифзу аз худ кардани он.*

*- Барои пайгирӣ ва баёни ҳодисаҳо ё воқеъаҳое, ки сар мезананд.*

*- Оҳиста-оҳиста ҳукмгузории илоҳӣ ва тарбияти уммат.*

*- Бардавом ва доимӣ будани эъҷози он.*

*- Далолат бар он ки аслу масдари Қуръони карим аз ҷониби Аллоҳи бузургу доно аст ва он дар тавоноии башарият нест.*

## Маърифати 45-ум: Ваҳйи илоҳӣ ва ҳоҷати башарият ба он

Ваҳй дар шариъат ин эъломи (хабардор ва огоҳ кардани) Аллоҳ таъоло ба яке аз анбиёҳо ба ҳукмҳои шариъат мебошад. Аллоҳ таъоло инсонро дар беҳтарин сурат ва бо фитрати пок офаридааст ва онро аз ду чиз таркиб додааст, яъне аз ҷисм ва аз рӯҳ. Баёни Аллоҳ таъоло аст дар ин замина:

إِذۡ قَالَ رَبُّكَ لِلۡمَلَٰٓئِكَةِ إِنِّى خَٰلِقُۢ بَشَرٗا مِّن طِينٖ ﴿٧١﴾ فَإِذَا سَوَّيۡتُهُۥ وَنَفَخۡتُ فِيهِ مِن رُّوحِى فَقَعُواْ لَهُۥ سَٰجِدِينَ

**“Ёд кун ҳангоме, ки Парвардигорат ба фариштагон гуфт: “Ман башаре аз гил меофаринам. Онгоҳ ки ӯро сомон додам ва аз рӯҳи хеш дар ӯ дамидам, дар баробараш саҷда кунед.””** (Сод, 71-72) Пас ҳоҷати башарият барои тарбия ва ҳифзи ин ду таркиб ҳатмӣ ва зарурӣ буда ва бояд барои таъмин ва омода кардани ғизои рӯҳӣ ва ғизои ҷасадӣ ба сабабҳои дурусту солим чанг зад. Инсон, ки аз хок офарида шудааст муҳтоҷ ба ғизоҳои наботии хокӣ ё ҳайвоноте, ки аз набототи хокӣ ғизо мегиранд, мебошад, аммо рӯҳи инсоният бошад, ки аз рӯҳи илоҳӣ дар ӯ дамида шудааст, ҳатмист, ки ғизояш бояд аз Аллоҳ таъоло бошад, на аз хок ва на аз оне, ки аз хок офарида шудааст. Бар асоси ин ҳикмату ҳоҷати башарият, Аллоҳ таъоло аз худи инсон бандагони поку дӯстдоштаи худро ихтиёр карда, бар онҳо ваҳй кард то ин ки ҳоҷати башарият тавассути онҳо бароварда шавад. Фармудаи Аллоҳ таъоло дар ин замина:

قُلۡ إِنَّمَآ أَنَا۠ بَشَرٞ مِّثۡلُكُمۡ يُوحَىٰٓ إِلَيَّ أَنَّمَآ إِلَٰهُكُمۡ إِلَٰهٞ وَٰحِدٞۖ فَمَن كَانَ يَرۡجُواْ لِقَآءَ رَبِّهِۦ فَلۡيَعۡمَلۡ عَمَلٗا صَٰلِحٗا وَلَا يُشۡرِكۡ بِعِبَادَةِ رَبِّهِۦٓ أَحَدَۢا

**“Эй Паёмбар бигӯ: “Ман фақат башаре оддӣ ҳамчун шумо ҳастам. Ба ман ваҳй мешавад, ки танҳо маъбудатон Аллоҳи яктост; пас, ҳар ки ба дидори Парвардигораш дар охират умед дорад, бояд кори шоиста анҷом диҳад ва ҳеҷ касро дар парастиши Парвардигораш шарик насозад.”** (Каҳф, 110) Аллоҳ таъоло дар ин оят ҳадафи ваҳй фиристоданро бар Паёмбар алайҳиссалом баён мекунад, ки бояд башарият Аллоҳ таъолоро якка ва ягона ибодат кунад ва аз шарик овардан ба Ӯ дурӣ кунад, ки ин худ яке аз муҳимтарин ва асоситарин ҳоҷати рӯҳии башарият буда ва нишондиҳандаи иртибот байни башарият ва холиқи ӯ мебошад. Ҳамчунин Аллоҳ таъоло дар ҷои дигар мефармояд:

أَلَا بِذِكۡرِ ٱللَّهِ تَطۡمَئِنُّ ٱلۡقُلُوبُ

**"Бидонед ва огоҳ бошед, ки танҳо ба зикр ва ёди Аллоҳ дилҳо ором мегиранд".** (Раъд, 28)

## Маърифати 46-ум: Ваҳй ва намудҳои он дар шариъат

Ваҳй дар шариъат ин эъломи (хабардор ва огоҳ кардани) Аллоҳ таъоло ба яке аз анбиёҳо ба ҳукмҳои шариъат буда, намудҳои хоси худро дорад. Ваҳй дар шариъат бар 4-навъ мебошад:

*- Ваҳйе, ки банда онро дар хоб мебинад.*

*- Ваҳйе, ки бар тарзи сухан кардан байни банда ва Парвардигораш сурат мегирад.*

*- Ваҳйе, ки ба воситаи амини ваҳй Ҷибрил алайҳиссалом сурат мегирад.*

*- Ваҳйе, ки ба тарзи илҳом ба дили набӣ, Аллоҳ мепардозад бар ваҷҳи илми зарурие, ки дар он ягон шакке нест. Далели ин гуфтаҳо фармудаи Аллоҳ таъоло аст:*

*وَمَا كَانَ لِبَشَرٍ أَن يُكَلِّمَهُ ٱللَّهُ إِلَّا وَحۡيًا أَوۡ مِن وَرَآيِٕ حِجَابٍ أَوۡ يُرۡسِلَ رَسُولٗا فَيُوحِيَ بِإِذۡنِهِۦ مَا يَشَآءُۚ إِنَّهُۥ عَلِيٌّ حَكِيمٞ۝

**“Ҳеҷ башареро нест, ки Аллоҳ бо ӯ сухан бигӯяд, магар бо ваҳй ё аз фаросӯи ҳиҷобе ё ин ки Аллоҳ фариштае бифиристад, ки ба фармонаш ҳар чи бихоҳад, ваҳй кунад. Бе тардид, Ӯ баландмартабаи ҳаким аст.”** (Шуро, 51) Дар ин оят Аллоҳ таъоло 2- навъи ваҳйро баён фармудааст:

*а) Мубошаратан ба анбиё сухан кардан, монанди сухан кардани Мусо алайҳиссалом бо Аллоҳ ё мисли сухан кардани Паёмбар алайҳиссалом дар Шаби Меъроҷ бе восита.*

*б) Бо фиристодани Расули амин, ки Ҷабраил алайҳиссалом аст.*

Ҳамчунин Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَإِنَّهُۥ لَتَنزِيلُ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ﴿١٩٢﴾ نَزَلَ بِهِ ٱلرُّوحُ ٱلۡأَمِينُ ﴿١٩٣﴾ عَلَىٰ قَلۡبِكَ لِتَكُونَ مِنَ ٱلۡمُنذِرِينَ ﴿١٩٤﴾ بِلِسَانٍ عَرَبِيّٖ مُّبِينٖ

**“Ба дурустӣ, ин Қуръон фурӯфиристодаи Парвардигори ҷаҳониён аст, ки тавассути Рӯҳуламин (Ҷабраил) фурӯд омадааст. Парвардигор онро бар қалби ту нозил кардааст, то барои башарият бимдиҳанда бошӣ ва ин китоб бо забони арабии равшан ва возеҳ нозил карда шудааст.”** (Шуъаро, 192-195) Аммо далели ваҳй дар хоб дар фармудаи Аллоҳ таъоло чунин аст:

لَّقَدۡ صَدَقَ ٱللَّهُ رَسُولَهُ ٱلرُّءۡيَا بِٱلۡحَقِّۖ لَتَدۡخُلُنَّ ٱلۡمَسۡجِدَ ٱلۡحَرَامَ إِن شَآءَ ٱللَّهُ

**“Аллоҳ хоби Расулашро ба дурустӣ таҳаққуқ бахшид, ки ба хости илоҳӣ, дар эминӣ ва бидуни тарс аз душман ба Масҷидул ҳаром ворид хоҳед шуд.”** (Фатҳ, 27)

Далели илҳом ба дили набӣ, дар фармудаи Паёмбар алайҳиссалом аст: ***Гуфт: Ҷабраил дар қалби ман илқо кард, ки ҳеҷ нафсе намемирад, то инки комилан ризқашро бихӯрад, пас инро огоҳ бошеду аз Аллоҳ битарсед ва бахубӣ ризқи худро талаб кунед.***[10]

## Маърифати 47-ум: Нузули Қуръони карим ба 7-ҳарф

Аллоҳ таъоло бо ҳикмати бепоёнаш Қуръони каримро ба 7-ҳарф нозил кардааст, то барои уммати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар қироат ва дар фаҳми он осон бошад. Манзур аз 7-ҳарф ин аст, ки калимаҳо дар Қуръон бо намудҳои дигар хонда мешаванд, аммо далолат бар як маъноро мекунанд ва ё калимае ба таври мисол дар як оят бо як намуд омада ва дар равиши дигар бошад ҳамон калима дар ҳамон оят бо намуди дигар, аммо дар ҳар сурат ҳамон як маъноро далолат мекунанд. Инҷо қобили зикр аст, ки манзур аз 7-ҳарф ҳафт намуди қироъат набуда, балки илми қироъат яке аз илмҳои хоси Қуръон ба шумор меравад.

Имом Бухорӣ раҳимаҳуллоҳ дар китоби саҳеҳи худ бобгузорӣ карда менависад: Фармудаи Аллоҳ таъоло:

فَٱقۡرَءُواْ مَا تَيَسَّرَ مِنَ ٱلۡقُرۡءَانِ

**“Бихонед аз Қуръон, онеро ки бар шумо осон аст.”** (Музаммил, 20) Ҳадисеро низ Имом Бухорӣ аз Расулуллоҳ алайҳиссалом зикр мекунад, ки Паёмбар алайҳиссалом фармудааст: ***“Яқинан ин Қуръон бар 7-ҳарф нозил шудааст, бихонед онеро, ки бар шумо осон аст.”***[11]

Уламои тафсир зикр мекунанд, ки дар ҳадисҳое, ки дар боби Қуръон ба 7-ҳарф нозил шудааст, зиёда аз 27-саҳобии киром ривоят шудааст ва бар асоси ин олимон ин аҳодисро ба ҳадди тавотур зикр кардаанд. Баъзе олимони дигар дар ин боб

---

[10] Мушкилатул фақра, 15 / ҳадиси саҳеҳ аст.
[11] Саҳеҳи Бухорӣ, 7550

таълифоти ҷудогона навишта кардаанд. Пас ҳамаи ҳадисҳои воридшуда дар ин боб, ба 2-амр далолат мекунанд:

*а) Нузули Қуръон ба 7-ҳарф, дар хондан аст на дар маънои оятҳо.*

*б) Ҳикмати бар 7-ҳарф нозил шудани он, осони бар уммати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва раҳмати илоҳӣ бар онон аст.*

Хулоса мақсад аз нозил шудани Қуръон ба 7-ҳарф қироатҳои гуногуне мебошанд, ки дар 7-луғате аз луғатҳои араб вуҷуд доранд. Бо вуҷуд ин уламои тафсир дар ин боб зиёда аз 40-назари гуногун доранд, ки дар равиши ҷамъоварии мо зикри ин назарҳои уламо муносиб нест, чун ҳадафи мо танҳо шиносоии мавзӯъ ба шакли куллӣ мебошад.

***Огоҳӣ:*** Аз он чизе, ки зикр гашт, бештари уламои тафсир бар ин назаранд, ки ҷамъоварии Қуръон тавассути ҳазрати Усмон Аллоҳ аз ӯ розӣ бод, бар асоси 4-амр буд:

1. Ҳадаф ҷамъ кардани Қуръони карим бар як ҳарф буд ва он ҳам бар ҳарфи Қурайш, гарчи Усмон разияллоҳу анҳу дигар ҳарфҳоро дар баъзе оятҳо мувофақатӣ ҳам мекард.

2. Ҳадаф дар аҳди он ҳазрат, тоза кардани Қуръони карим аз қироатҳое буд, ки онҳо собит нашуда буданд.

3. Ҳадаф тартиби сураҳо дар Қуръон буд, зеро то он вақт сураҳои Қуръон тартиб дода нашуда буданд. Инҷо қобили зикр аст, ки ин дар ҳолест, ки Қуръон ҷамъоварӣ нашуда буд, аммо баъд аз оне, ки Қуръон дар замони ҳазрати Усмон Аллоҳ аз ӯ розӣ бод ҷамъоварӣ гардид, иттифоқи олимон аст, ки тартиббандие, ки дар он замон сурат гирифта буд, дуруст ва саҳеҳ мебошад, ки ғайр аз он тартиббандӣ, тартиббандии дигаре мавриди пазириши олимони Ислом нест, чи аз олимони замони саҳоба ва чи олимони замони баъд. Нусхаи усмонӣ саҳеҳтарин тартиббандии сураҳои Қуръонро дорост, зеро ин тартиббандӣ иҷтиҳоди беҳтарин ашхос, яъне асҳоби кином буд, ки баъдан бар ин иҷтиҳод, ҳамаи уламои Ислом низ иттифоқи назар кардаанд. Бояд инро ҳам қайд кард, ки манзур аз тартиббандии Қуръон бо равиши нусхаи усмонӣ,

шакли навиштани Қуръон аст, дар ҳоле ки агар касе хоҳони хатм ва хондани Қуръон бошад, метавонад аз ҳар сурае шурӯъ кунад ва бо ҳар сурае Қуръонро идома диҳад.

4. Таъкид ва таҳқиқ намудан бар оятҳо ё қироатҳое, ки онҳо носих нашуда буданд.

Аз ин чаҳор амр маълум мешавад, ки Қуръони карим дар замони Усмон разияллоҳу анҳу бар ҳарфи (забони) Қурайш навишта шудааст ва забони Қурайш низ дарбаргирандаи ҳамаи қироъатҳои собитшуда мебошад. Агар навиштан ва нигох доштани Қуръон бо забонҳои дигар ғайр аз Қурайш лозим ва зарурӣ мебуд, ҳатман ин амр дар замони ҳазрати Усмон разияллоҳу анҳу сурат мегирифт ва аз ин маълум ва исбот мешавад, ки забони Қурайш шомили ҳамаи қироъатҳои боқимонда мебошад.

Ҳикматҳои нузули Қуръон бар 7-ҳарф беҳисоб аст, ки мо танҳо бо овардани баъзе аз онҳо ишора менамоем:

*- Осонӣ ва раҳмат бар уммати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам.*

*- Таҳқиқи интишори даъвати Ислом, яъне ба ин маъно, ки Ислом бояд дар кулли ҷаҳон паҳн шавад ва Қуръону суннат, ки ягона асос ва зербинои даъвати исломӣ шинохта мешаванд, бояд ҳамаи табақот ва қавмҳои ҷаҳон қобили фаҳми ин ду сарчашмаи аслиро дошта бошанд, ки албатта хондани Қуръон бар 7-ҳарф татбиққунандаи ин амр мебошад.*

*- Эҷоз (мухтасарбаёнӣ ва хулосашуда) ва эъҷоз (оҷиз мондан) аз Қуръони карим, зеро оятҳое дар Қуръон вуҷуд доранд, ки дар шакли хеле фишурда ва хулоса баён карда шудаанд, то ҳатто ҳар як ҳарф бо нисбати дигар ҳуруф ҳамчун як ояти ҷудогона (аз ҷиҳати тафсир ва маъно) ба ҳисоб меравад.*

*- Далолат бар он мекунад, ки Қуръон аз ҷониби Аллоҳи бузург аст ва Ӯ таъоло онро бо илми азалии худ нозил кардааст.*

*- Ягонагии луғати динии мусалмонон бар арабӣ, то ваҳдати дигар миллатҳои исломӣ ба вуҷуд ояд.*

*- Нузули Қуръон ба 7-ҳарф аз хусусиятҳои уммати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст, чун дигар китобҳои осмонӣ бар як ҳарф нозил шудаанд. Абдуллоҳ ибни Масъуд разияллоҳу анҳу дар ин замина мегуфт:* ***“Китобҳои аввали бар як ҳарф нозил шудаанд, аммо китоби Қуръон бошад бар 7-ҳарф нозил шудааст.”***[12]

## Маърифати 48-ум: Насх дар Қуръони карим

Яке аз асосҳои қонунгузории Ислом он аст, ки муносиб бо баъзе давраҳои гузариш ҳукмҳои муваққатӣ ба иҷро баровардааст ва пас аз дигаргун шудани муҳити иҷтимоӣ ва эътиқодии мардум, он ҳукмҳоро бекор намуда, ҳукми доимиеро ҷойгузини он намудааст.

Насх дар шариъат ва ё дар истилоҳи муфассирон чунин шарҳ дода мешавад: Иваз намудан ё бардоштани (бекор кардани) эътибори иҷроии ҳукми шаръии қаблӣ ба ҳукми доимие, ки баъд аз он ба хитоби шариъат содир мешавад. Лозим ба ёдоварист, ки ин ҳолат дар замони ҳаёти Расулуллоҳ алайҳиссалом ва дар ҷараёни нузули ваҳй сурат гирифтааст. Он давра то поёни ҳаёти Паёмбар алайҳиссалом, замони фурӯд омадани аҳкоми нуронӣ ва паёмҳои ҷовидонаи дини Ислом аз ҷониби Аллоҳи ҳаким буд ва бо даргузашти он ҳазрат алайҳиссалом, масъалаи насх қатъ гардид. Фармудаи Аллоҳ таъоло дар ин замина:

*مَا نَنسَخۡ مِنۡ ءَايَةٍ أَوۡ نُنسِهَا نَأۡتِ بِخَيۡرٖ مِّنۡهَآ أَوۡ مِثۡلِهَآۗ أَلَمۡ تَعۡلَمۡ أَنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٌ ۝

**“Ҳеҷ оятеро бекор ё тарк намекунем, магар он ки беҳтар аз он ё ба монанди онро меоварем. Оё намедонӣ, ки Аллоҳ ба ҳар коре тавоност ва Ӯро ҳеҷ чиз оҷиз карда наметавонад?”** (Бақара, 106)

Дар робита бо он ишораҳое, ки дар боло зикр карда шуданд, уламои тафсир барои насх 4-шарт зикр кардаанд:

1. Ҳукми насхшуда, бояд аз ҳукми шаръӣ бошад.

[12] Силсилаи Саҳеҳа, 134

2. Ҳукми носих бояд тибқи хитоби шариъат ва баъд аз ҳукми мансухшуда бошад, яъне оятҳои носих (лағвкунанда ё аз байн баранда) бояд баъд аз оятҳои мансух (барҳам додашуда ё бекор кардашуда) ворид шуда бошанд.

3. Агар ҳукми шаръие вобаста ба вақт, замон ва амале бошад ва бо тамом шудани ин муддат, вобастагии он вақту замон бардошта шавад, пас ин амр дар боби насх дохил намешавад.

4. Дар ҳоле дар масъалаи оятҳо ё амрҳои носиху мансух сухан карда мешавад, ки агар ин оятҳо дар як замон, дар як масъала ва дар як амр сухан бикунанд, на ин ки дар масълаҳои мухталиф ва дар робита бо амрҳои мухталиф нозил шуда бошанд ва дар ҳоле оят мансух карда мешавад, ки он оят бо оятҳои дигар ҷамъ карда нашавад.

***Огоҳӣ***: Ҷои зикр аст, ки боби носиху мансух танҳо дар амркардаҳо ва манъшудаҳои Аллоҳ ва Расулаш вуҷуд дорад, аммо дар масъалаҳои ақида, тавҳид, ширк, хабарҳо ва усули ибодатҳо ва фарзҳои онҳо боби носиху мансух дохил намебошад.

## Маърифати 49-ум: Тақсимоти насх дар шариъат

Шореъи ҳаким (муайянкунандаи аҳкоми шариъат), Аллоҳи ҳакиму доно усули куллиеро дар зимни барномаи ҳидояти Худ барои башар фиристодааст, ки барои ҳар давру замон ва шароити тағйирёбандаи доимӣ созгор мебошад ва он ба усули собити Ислом шинохта мешавад, вале марҳилаҳои такомули амалии ҷомеаи садри Исломро давра ба давра ба камол расонидааст.

Яке аз он усули собит дар Ислом шумул (фарогирӣ) ва ҳамоҳангии комил бо ҳолатҳои тағйирёбанда ва дигаргуниҳои доимӣ дар зиндагӣ мебошад. Аллоҳи муттаъол аз ҳамон ибтидо ва дар илми азалии худ медонист, ки барои ҳар даврае аз ин марҳилаҳои такомулӣ кадом ҳукм ва ё қонуне созгор мебошад. Гоҳо дар марҳилаҳои нахуст баъзе аҳкомеро фурӯ фиристодааст, ки бо аҳволи ҳамон марҳала мутобиқати комил доштанд, вале он барои як давраи хосе дар назар гирифта шуда буд ва пас аз ба даст омадани манзури асосӣ аз қонун дар он марҳала ҳукмаш аз эътибор соқит ва ба ҷои он ҳукми ниҳоӣ ва абадӣ фиристода мешуд. Дар қонунҳо ва аҳкоми илоҳӣ, яқинан ҳеҷ гуна нақсе вуҷуд надорад, вале бо таваҷҷӯҳ ба тавоноиҳои

маҳдуд ва такомули тадриҷии башар барои баъзе аз онҳо давраи хосе дар назар гирифта шудааст. Дар ҳамин сатҳ дар низоми қонунгузории Ислом дар аҳкоми башуморе тағйирот ва насх ба вуҷуд омадааст, ки ин насх дар шариъат бар чаҳор қисм мебошад:

1. Насхи Қуръон ба Қуръон. Мисли ин фармудаи Аллоҳ таъоло:

وَالَّذِينَ يُتَوَفَّوْنَ مِنكُمْ وَيَذَرُونَ أَزْوَاجًا وَصِيَّةً لِّأَزْوَاجِهِم مَّتَاعًا إِلَى الْحَوْلِ....

**“Касоне, ки аз миёни шумо мемиранд ва заноне аз худ боқӣ мегузоранд, ба баҳрамандии яксолаи онҳо бидуни ихроҷашон васият намоянд.”** (Бақара, 240) Ин оят бар заноне, ки шавҳаронашон мемиранд як сол бар боқӣ мондан амр мекунад, вале ин оят ба ояти 234 ҳамин сура мансух шуда, ба боқи мондани чаҳор моҳу даҳ рӯз амр мекунад. Фармудаи Аллоҳ таъоло:

وَالَّذِينَ يُتَوَفَّوْنَ مِنكُمْ وَيَذَرُونَ أَزْوَاجًا يَتَرَبَّصْنَ بِأَنفُسِهِنَّ أَرْبَعَةَ أَشْهُرٍ وَعَشْرًا

**“Он мардоне аз миёни шумо, ки мемиранд ва ҳамсароне пас аз худ бар ҷой мегузоранд, он занон чор моҳу даҳ рӯз мунтазир мешаванд.”** (Бақара, 234)

2. Насхи Қуръон ба суннати Расулуллоҳ алайҳиссалом. Фармудаи Аллоҳ таъоло:

كُتِبَ عَلَيْكُمْ إِذَا حَضَرَ أَحَدَكُمُ الْمَوْتُ إِن تَرَكَ خَيْرًا الْوَصِيَّةُ لِلْوَالِدَيْنِ وَالأَقْرَبِينَ بِالْمَعْرُوفِ حَقًّا عَلَى الْمُتَّقِينَ

**“Бар шумо, вақте марг ба сари касе аз шумо ояд, агар дороие аз худ гузошта бошад, ҳукми васият барои волидайн ва наздикон фарз гардонида шуд. Ин бояд бо некӣ анҷом ёбад, зеро он ҳаққест бар парҳезгорон.”** (Бақара, 180) Ин оят бар васият кардан мол ба ворис амр мекунад, вале Паёмбар алайҳиссалом дар ҳадеси ин амрро мансух (бекор) мекунад, фармудааст:

إن الله قد أعطى كل ذي حق حقه، فلا وصية لوارث.

***“Аллоҳ таъоло ҳар соҳиби ҳақро аз мерос ҳақ додааст, пас ҳеҷ ворисе ҳаққи васияте барои мол надорад.”***[13]

[13] Саҳеҳи Абудовуд, 2870

3. Насхи суннати Расулуллоҳ алайҳиссалом бо Қуръони карим. Масалан дар аввали Ислом қибла дар намоз бо суннати собитшуда Байтул-макдис (Байтулмуқаддас) буд ва ба фармудаи Аллоҳ таъоло дар ояти 144-и сураи Бақара ин амр мансух (бекор) шуд:

فَوَلِّ وَجهَكَ شَطرَ المَسجِدِ الحَرامِ

**"Рӯятро дар намоз ба тарафи Масҷидул ҳаром бигардон."** (Бақара, 144)

4. Насхи суннат бо суннат. Фармудаи Паёмбар алайҳиссалом:

نهيتكم عن زيارة القبور فزوروها

*"Замоне буд, ки ман шуморо аз зиёрати қабристон манъ карда будам, аммо ҳоло метавонед ба зиёрати қабрҳо биравед."*[14]

Аллоҳ таъоло бо дарназардошти давраҳои гуногуни такомули таърихии инсон, динҳо ва қонунҳои зиёде пайиҳам ва ба таври силсилавӣ фиристодааст. Ҳамин ки яке аз он динҳо вазифаи асосии худро дар давраи муайян ва барои қавми хосе анҷом дод, барои марҳалаи болотар дини комилтаре фиристодааст ва дар хотимаи маҷмӯаи динҳо дини Исломро барои тамоми ҷаҳониён ато намудааст ва онро бекоркунанда барои тамоми динҳои гузашта қарор додааст. Чунин ҷараёни тағйирёбии такомулӣ дар аснои нузули Қуръон низ дар баъзе аҳкоми дини Ислом сурат гирифтааст ва он як амри табиӣ ва созгор ба раванди такомули иҷтимоӣ ва фикрии ҷомеаи башарӣ мебошад.

## Маърифати 50-ум: Аҳкоми қасам дар Қуръони карим

Аллоҳи ҳаким дар Қуръони карим аз чандин равиш ё тариқа истифода намудааст, то бандагонаш бар Қуръон аҳамият, тафаккур ва дарки бештар ва беҳтар намоянд, ки аз ҷумлаи он равишҳо қасам ёд намудан мебошад. Дар Қуръони карим танҳо 25-сура бо қасам ёд кардан шурӯъ шудааст, дар ҳоле ки қасам ёд кардани Аллоҳ таъоло дар асно ва мобайни сураҳо бештар аз ин рақамро ташкил медиҳад. Ба таври мисол дар сураҳои Шамс, Зуҳо, Тин, Аср ва ғайра.

[14] Саҳеҳи Муслим, 977

Қасам, ҳалф, ямин дар луғат ба як маъно меоянд ва далолат бар таъкид ва тамкини қасамёдкунанда мекунанд, ки дар асл Қуръони карим хитобкунандаи ҳамаи мардум мебошад ва мардум бошанд нисбати Қуръон гумонҳои мухталиф доранд. Масалан мункирин нисбат ба Қуръон гумонҳои худро доранд, шаккунандагон ва куфрварзидагон гумонҳои хоси худро доранд ва ҳамчунин тасдиққунандагон низ нигоҳе хосе ба Қуръони карим доранд. Аз ин лиҳоз барои ҳар як гурӯҳ ё тоифа дар Қуръон услуб, равиш ва хитоби хос вуҷуд дорад. Ба унвони мисол агар ба сураи Зуҳо назар кунем, мебинем, ки қасами Аллоҳ таъоло ба рӯзу шаб, ба хотири иҷрои ваъдааш ба Паёмбар алайҳиссалом аст. Бар ин асос олимони гузашта ва муосир таълифоти ҷудогона дар ин бора навишта кардаанд, мисли китоби “ат-Тибён фи ақсомил Қуръон” - и Ибни Қайюми Ҷавзӣ (вафот, 751 ҳ.) ва амсоли ин.

Аллоҳ ба ҳар чизе, ки бихоҳад қасам ёд мекунад, аммо бандагонашро дар шариъат аз қасам ёд кардан манъ кардааст, магар ба номи худаш. Далели ин фармуда сухани Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад: ***"Ҳар касе, ки ба ғайри Аллоҳ қасам ёд кунад, ба таҳқиқ ширк овардааст."***[15]

Лозим ба зикр аст, ки дар боби қасам бояд умури зерин донистa шаванд:

*а) Сиғаи (равиши) қасам.*

*б) Рукнҳои қасам.*

*в) Намудҳои қасам.*

а) Сиғаи қасам бояд дар асл ба сиғаи феълӣ бошад, мисли калимаи уқсиму (أقسم) ё калимаи аҳлифу (أحلف), ки бо илова кардани ҳарфи бо (ب) сурат мегирад ва бояд дар ҳолате зикр гардад, ки қасам ёдшуда бошад. Баъд аз ин бояд зикр карда шавад, ки барои чи қасам ёд шудааст, ки ба он ҷавоби қасам гуфта мешавад. Дар ин фармудаи Аллоҳ таъоло ин равиш баён шудааст:

وَأَقسَموا بِاللَّهِ جَهدَ أَيمانِهِم لا يَبعَثُ اللَّهُ مَن يَموتُ بَلى وَعدًا عَلَيهِ حَقًّا وَلكِنَّ أَكثَرَ النّاسِ لا يَعلَمونَ

[15] Мушкот, 3353

**“Мушрикон бо сахтарин савгандҳояшон ба Аллоҳ савганд ёд карданд, ки Аллоҳ касеро, ки мемиронад барнамеангезад. Бале, ин барангехтани мурдагон ваъдаест, ки ҳақ аст ва бар уҳдаи Ӯст, вале бештари мардум намедонанд.”** (Наҳл, 38)

б) Рукнҳои қасам чаҳорто мебошанд:

1. Феъли қасам, мисли уҳлифу ё уқсиму аст, ки баёни он дар ояти гузашта зикр гардид.

2. Олатҳои қасам ё ҳарфҳои қасам, ки онҳо тавассути бо (الباء), вов (الواو) ва то (التاء) мебошанд.

3. Қасам ёдкунанда аст.

4. Барои чи қасам ёд шудааст, ки ба он ҷавоби қасам ҳам гуфта мешавад.

Мисоли ин се аркон дар боло дар сураи Зуҳо гузашт, аммо анвоъ ё намудҳои қасам бошад, ки онҳо бар ду қисм мебошанд;

а) Қисми ошкоро, ки ҳамаи арконои гузашта омадааст, мисли ин фармудаи Аллоҳ таъоло:

*ق، و القرآن المجيد

**“Қоф ва қасам ба Қуръони маҷид.”** (Қоф, 1)

б) Қисми замирӣ (пушида), ки аз он феъли қасам ҳазф шудааст, олати қасам ва оне ки ба он қасам шудааст ва ин равиш далолат ба ҳарфи ломи таъкидии қасам (اللام) меояд, ки бар ҷавоби қасам меояд. Мисли фармудаи Аллоҳ таъоло:

لَتُبلَوُنَّ في أَموالِكُم وَأَنفُسِكُم

**“Қасам ба Аллоҳ, ки дар молҳову нафсҳоятон имтиҳон карда мешавад.”** (Оли Имрон, 168) Бешак ин бобҳо фоидаҳо ва ҳикматҳои худро доранд, ки баъзе олимон бар муҳитарини онҳо ишора кардаанд:

- *Таъкид ва муҳим будани оне, ки аз барои он қасам ёд шудааст.*

- *Аҳамият додан ва назар кардан ба масоили он ки чаро бо қасам зикр гардидаааст.*

*- Иқомати ҳуҷҷат бар мушрикон ва исботи Паёмбар будани Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам.*

*- Изҳор ва ошкор шудани азамат ва бузургии оне, ки ба он қасам ёд шудааст.*

*- Балоғат ва мухтасар будани он, мисли қасамҳои зикршуда дар сураҳои Тур, Фаҷр, Балад, Шамс ва Тин.*

*- Зебоғӣ дар равишҳои қасам дар ибтидои сураҳо.*

## Маърифати 51-ум: Муҳкам ва муташобеҳ дар Қуръони карим

Аллоҳ таъоло башариятро дар тамоми умур гуногун офарида ва ҳар нафарро чи аз назари ҷисмонӣ ва чи аз назари тавонoии дарк ва фаҳму илм, бо қадри лаёқат ва арзандагиаш қарор додааст. Ҳикмати илоҳӣ бар ин асос тақозо мекунад, ки ҳар махлуқ қудрату тавони ҳамаи корро надорад, балки ҳар як фард онеро анҷом медиҳад, ки аҳли он кор ё фан бошад.

Аллоҳ таъоло баъзе аз маъноҳои Қуръони каримро далолаташонро ошкор, равшан ва возеҳ қарор додааст ва баъзеашонро бошад пушидаву нуҳуфта қарор додааст, то соҳибони аҳли илму дониш бар онҳо тадаббур ва тафаккур кунанд ва аҳли фазлу илм, фазлу бартарияшон аз дигарон ошкор шавад. Дар робита бо ин, ду навъ илми қуръонӣ вуҷуд дорад, ки ба онҳо маърифат ва ё шинохти муҳкам ва шинохти муташобеҳ гӯянд ва олимони Ислом дар ин мавзӯъ тадаббур ва баҳсҳои зиёдеро кардаанд, ки ин илмҳо барои беҳтар ва бештар фаҳмидани Қуръони карим зарурӣ ба ҳисоб меравaнд. Муҳкам ва муташобеҳ бар ду қисм тақсим мешаванд:

а) Муҳкам ва муташобеҳи ом.

б) Муҳкам ва муташобеҳи хос.

Манзур аз муҳкам ва муташобеҳи ом он аст, ки Қуръони карим ҳамаи оятҳояш возеҳ, ошкор ва равшан мебошанд ва ҳеҷ нофаҳмӣ ё ояте, ки маънояш пушида бошад, барои уммат вуҷуд надорад. Далели ин гуфтаҳо фармудаи Аллоҳ таъолост:

*الٓرۚ كِتَٰبٌ أُحۡكِمَتۡ ءَايَٰتُهُۥ ثُمَّ فُصِّلَتۡ مِن لَّدُنۡ حَكِيمٍ خَبِيرٍ

**“Алиф, Лом, Ро. Ин Қуръон китобест, ки аз ҷониби Аллоҳ нозил шудааст, оятҳояш устувор аз ҳар гуна нақсу камбудиҳо, сипас возеҳу равшан баён карда шудааст, аз ҷониби Аллоҳи ҳакиме, ки корҳояш аз рӯи кордонӣ аст ва аз оқибати онҳо огоҳ аст.”** (Ҳуд, 1) Ин оят баёнгари он аст, ки Қуръон китобест, ки аз ҷониби Аллоҳ бар бандааш Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил шудааст ва оятҳояш аз ҳар гуна нақсу камбудиҳо устувор ва дур мебошанд. Бар замми ин, ин китоб оятҳо ва сураҳояш ошкор ва равшананд, ки возеҳона бо амру наҳй, бо ҳалолу ҳаром ва бо савобу азоб аз ҷониби Аллоҳи ҳакиме, ки корҳояш аз рӯи кордонист ва аз оқибати онҳо огоҳ аст, баён карда шудаанд. Бар ин асос Қуръони карим ба таври куллӣ муҳкам, ошкор ва равшан мебошад, аммо манзур аз муташобеҳи ом он аст, ки баъзе аз оёти Қуръон бо баъзе дигари он дар зебоӣ, ҳукм, сиҳатии маъно, баён ва расидан то бартарин дараҷаҳои балоғат монандӣ доранд ва достонҳо, андарзҳо ва аҳком дар он ба такрор зикр мешаванд. Ингуна оятҳо дар равиш, дар тарз ва услуб ва дар тарзи баён монанд ва муташобеҳ мебошанд, зеро ин оятҳо аз ҷониби Аллоҳи ҳакиму доно нозил шудаанд. Далели ин гуфтаҳо фармудаи Аллоҳ таъоло аст:

ٱللَّهُ نَزَّلَ أَحۡسَنَ ٱلۡحَدِيثِ كِتَٰبٗا مُّتَشَٰبِهٗا مَّثَانِيَ

**“Аллоҳ беҳтарин суханро нозил кардааст, ки Қуръон аст. Китобе, ки оёташ муташобеҳ (монанди якдигар) ва мукаррар (такроршуда) аст.”** (Зумар, 23) Манзур аз зикри *“масони”* дар оят ин аст, ки дар Қуръон достонҳо, андарзҳо ва аҳком ба такрор зикр мешаванд.

Манзур аз муҳкам ва муташобеҳи хос он аст, ки ояте дар Қуръони карим ворид шудааст, ки Қуръонро бар он ки баъзе оятҳои он муҳкам ва баъзе оятҳои он муташобеҳанд, васф мекунад. Фармудаи Аллоҳ таъоло:

هُوَ ٱلَّذِيٓ أَنزَلَ عَلَيۡكَ ٱلۡكِتَٰبَ مِنۡهُ ءَايَٰتٞ مُّحۡكَمَٰتٌ هُنَّ أُمُّ ٱلۡكِتَٰبِ وَأُخَرُ مُتَشَٰبِهَٰتٞۖ

**“Аллоҳ зотест, ки китобро бар ту нозил кард ва баъзе аз он оёт муҳкам ҳастанд, ки маъонии онҳо возеҳ ва равшананд ва онҳо асли китоб мебошанд. Баъзе аз оятҳо дар ин китоб низ оятҳои муташобеҳ ва монанданд, ки эҳтимолан маъонии дигар ҳам доранд...”** (Оли Имрон, 7) Бешак инҷо манзур аз муҳкам ва муташобеҳ ғайри маънои аввалист, зеро инҷо ишора ба он аст, ки агар дар оятҳои

муташобеҳ маъно пушида монд, бояд шумо ба оятҳои муҳкам баргашта оятҳои муташобеҳро маънидод бикунед, зеро оятҳои муҳкам асл ва асоси оятҳои Қуръони карим мебошанд. Аллоҳ таъоло эълон менамояд, ки Ӯ китоби Қуръонро бар Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил намудааст, дар ҳоле ки ин китоб дорои ду навъ оятҳо, яъне оятҳои муҳкам ва муташобеҳ мебошад. Қисме аз оятҳои он муҳкам мебошанд, ки онҳо асл, асос ва марҷаъи Қуръон ҳастанд ва қисми дигар оятҳои муташобеҳ мебошанд. Пас манзур аз муҳкамот дар ояти дар боло зикршуда, оятҳое мебошанд, ки маънои мавриди назари Қуръон дар онҳо барои ҳар донандаи забони арабӣ ба таври мушаххас равшан ва маълум мебошад ва дар онҳо имкони ҳеҷ гуна таъвилҷӯӣ ва таҳрифи маънои аслӣ вуҷуд надорад, балки манзури қатъии Қуръон ба таври равшан дар онҳо маълум аст. Ин оятҳо асоси тамоми таълимот ва асли барномаи ҳидояти Қуръон ба шумор мераванд. Ибни Касир раҳимаҳуллоҳ ба нақл аз Муҳаммад ибни Исҳоқ мегӯяд: *Дар оятҳои муҳкам ҳуҷҷати Парвардигор, исмат ва паноҳи бандагони мӯъмин, нобудии душманон ва заволи ботил нуҳуфтааст. Ҳаргиз дар онҳо имкони тасарруф ва таҳрифкорӣ аз он чизе, ки аслан барои он ниҳода шудаанд, вуҷуд надорад.*

Оятҳои муҳкам аксарияти мутлақи Қуръонро ташкил медиҳанд, ба монанди оятҳои марбут ба ақида, оятҳои аҳком, амру наҳй, ҳалолу ҳаром, ҳудуд, саргузашти Паёмбарон ва умматҳои гузашта ва монанди онҳо. Аммо манзур аз оятҳои муташобеҳ дар ояти дар боло зикршуда, оятҳое мебошанд, ки маънои мавриди назари Қуръон дар онҳо на барои ҳар донандаи забони арабӣ равшан ва маълум мебошад, яъне на ҳар кас метавонад маънои мавриди назари Қуръонро аз онҳо ба даст биоварад. Баъзе муҳаққиқони илми тафсир бар ин назар ҳастанд, ки оятҳои муташобеҳ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) Оятҳое, ки дар бораи ҳақоиқи ғайбӣ сухан мегӯянд ва дарку фаҳми чигуна будани ҳақиқати мафҳум ва сифати он ва ба даст овардани ин даста аз оятҳои муташобеҳ ба илми илоҳӣ ихтисос дорад ва касе ғайр аз Ӯ таъоло онҳоро намедонад. Ба монанди вақти вуқӯи ҳаводис ва ахбори ғайбӣ, вақти вуқӯи қиёмат, хуруҷи Яъҷуҷу Маъҷуҷ, хуруҷи ҳайвоне, ки ба мардум сухан мегӯяд, хуруҷи Даҷҷол, нузули ҳазрати Исо алайҳиссалом ва рӯйдодҳои дигари ғайбӣ, дарки ҳақиқати рӯҳ (ҷон) ва ҳамчунин

оятҳое, ки ба баёни сифоти Парвардигор бастагӣ доранд, ба монанди чигуна будани дасти Аллоҳ ё баёни чигуна Аллоҳи Раҳмон бар Арш боло рафт ва ғайра. Инҳо оятҳои муташобеҳе мебошанд, ки илми онҳо танҳо ба Аллоҳ маълум аст. Ба ақида ва назари баъзе олимони улуми қуръонӣ ин ҷумла оятҳо аз муташобеҳот ба шумор намераванд, балки онҳо аз улуми ғайб буда, илми онҳо ба Аллоҳ таъоло хос аст. Ба ақида ва назари онҳо муташобеҳот ба он оятҳое гуфта мешавад, ки росихони (собитқадамони) дар илм маънои онҳоро бо баргашт ба оятҳои муҳкам метавонанд ба даст оваранд, зеро ин маъно дар оят ба таври мутлақ зикр шудааст.

б) Оятҳое, ки дар бораи баъзе ҳақоиқи динӣ сухан мегӯянд, вале дорои чанд тобиши маъно ё фаҳму далолат ҳастанд. Маънои ин даста аз оятҳои муташобеҳро росихон (поядорон) дар илм ва донишмандони маорифи илоҳӣ бо баргашт додани онҳо ба оятҳои муҳкам метавонанд ба даст оваранд. Ин қисмати оятҳо аз назари забонӣ эҳтимоли чанд маънoро доранд, вале манзури аслӣ ва маънои мавриди назари Қуръон аз онҳо танҳо барои росихони дар илм ва соҳибназарони масоили динӣ пас аз баргашт додани онҳо ба оятҳои муҳкам муяссар мегардад. Оятҳои муташобеҳ аз лиҳози назму таркиби забонӣ ва фасоҳату балоғати қуръонӣ аз оятҳои муҳкам фарқе надоранд ва танҳо маънои мавриди назари Қуръон дар онҳо барои мардум, умуман ва ё барои оммаи онҳо норавшан ва номаълум мебошад. Ин ташобуҳ ва норавшании маънои баъзе оятҳо ё аз он ҷиҳат аст, ки онҳо дар бораи умури ғайбӣ ва корҳое сухан мегӯянд, ки дарки воқеияти онҳо аз маҳдудаи имконот ва зарфиятҳои вуҷудии инсон болотар мебошад ва ё ба мафҳумҳои дақиқи илмӣ, ақлӣ пардохтаанд, ки аз фаҳми оммаи мардум болотар ва амиқтар мебошанд ва бояд барои фаҳму дарки онҳо ба олимон ва аҳли фанни тафсир мурочиъат кард.

Ба ҳар сурат оятҳои муташобеҳ ҳеҷ гоҳ ба аркони ақида, оятҳои аҳком ва барномаи ҳидояти Қуръон иртибот надоранд. Норавшан будани маънои аслии оятҳои муташобеҳ дар ақидаи мӯъминони фаҳмида ҳеҷ гуна халал ва ишколе эҷод наменамояд. Ҳикматҳо ва фоидаҳо аз зикри муташобеҳ дар Қуръони карим:

1. Ташвиқ бар зиёд тафаккур ва тадаббур дар оятҳои Қуръони карим ва баҳс дар чизҳои хуфтаи он, аз ин сабаб дар Қуръон амр ба тадаббуру тафаккур ва таълим гирифтани он шудааст.

2. Ошкор шудани фазли аҳли илму дониш.

3. Зиёдатӣ дар аҷру савоб, зеро дар шариъат аҷру савоб ба қадри машаққат ва вазнинӣ аст, яъне ҳарчанд мусалмон барои ба даст овардани савоб машаққат ва заҳмат бикашад, ҳамон қадар аҷр ва савоби бештарро ба даст меорад.

4. Сабаби ба даст овардани илмҳои зиёд мебошанд, зеро маърифат ва шинохти муташобеҳ эҳтиёҷ ба илмҳо ва василаҳои зиёд дорад, монанди илми луғат, илми наҳв, илми тафсир ва усули он.

5. Ташвиқ кардани мардум ба пурсидану илм гирифтан аз росихин дар илму дониш.

6. Баёни фазли уламои тафсир ва росихин дар дониш ва қадри манзилату маконаташон.

7. Таъзими шаъни Қуръони карим ва баёни бузургии манзилати илми он.

8. Зиёд шудани шавқ ба маонии Қуръони карим.

9. Баёни раҳмат ва фазли Аллоҳ таъоло бар уммат, зеро агар Аллоҳ ҳамаи Қуръонро муташобеҳ мегардонид, ин амр як навъ машаққат бар уммат буд, аммо Аллоҳ таъоло танҳо қисме аз оятҳои китобашро муташобеҳ қарор додааст, дар ҳоле ки ин қисмат низ шомили умури заруриёти динӣ намебошад.

## Маърифати 52-юм: Муҷмал ва мубайян дар Қуръони карим

Ислом бар асоси Қуръон ва суннати Паёмбари Ислом алайҳиссалом бино шудааст ва бешак суннат сарчашмаи дуввуми қонунгузорӣ дар Ислом аст, ки пас аз Қуръони маҷид ин мартабаро дорост. Қуръон пайравӣ аз суннати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро воҷиб қарор дода, чунин фармудааст:

وأطيعوا الله وأطيعوا الرسول

**“Аз Аллоҳ ва расули Ӯ итоъат кунед.”** (Тағобун, 12) Дар ҳалли ихтилофоту низоъҳо ҳамчун довари ҳақиқӣ қабул надоштани Паёмбар алайҳиссалом ва ба сурати комил таслим нашудан ба фармудаҳои ӯ, беимонӣ ҳисобида мешавад:

فلا وربك لا يؤمنون حتى يحكموك فيما شجر بينهم ثم لايجدون في أنفسهم حرجا مما قضيت ويسلموا تسليما

**“На! Ин гуна нест, савганд ба Парвардигорат, онҳо мӯъмин ба шумор намераванд, то замоне туро дар ихтилофоту низоъҳояшон довар қарор дода, пас аз доварии ту ҳеҷ тардиде нанамуда, комилан таслиму фармонбардор бошанд.”** (Нисо, 65)

Дурӣ кардан аз суннати Паёмбар алайҳиссалом оқибати сангин дорад. Аллох таъоло ба он ҳушдор медиҳад:

*فليحذر الذين يخالفون عن أمره أن تصيبهم فتنة أو يصيبهم عذاب أليم

**“Бояд аз оқибати сарпечии дастури Расулуллоҳ барҳазар бошанд! Чун сарпечӣ гирифтори бало ё азоби дарднокашон мегардонад.”** (Нур, 63) Ба таври умум, пайравӣ аз суннати Расули акрам воҷиб ва таслим ба он ногузир аст, чунонки Аллоҳ таъоло дар ин замина мефармояд:

وما آتاكم الرسول فخذوه وما نهاكم عنه فانتهوا

**“Он чизҳоеро, ки Расулуллоҳ барои шумо овардааст бигиред ва аз ҳар чӣ шуморо боз доштааст, дур бошед.”** (Ҳашр, 7) Бинобар ин байни мусулмонон дар бораи ин, ки суннати Паёмбарашон ҳуҷҷат ва санад мебошад, ҳеҷ гуна ихтилофе вуҷуд надорад. Аслу асос дар боби муҷмал ва мубайян Аллоҳ таъоло чунин фармудааст:

وَأَنزَلنا إِلَيكَ الذِّكرَ لِتُبَيِّنَ لِلنّاسِ ما نُزِّلَ إِلَيهِم وَلَعَلَّهُم يَتَفَكَّرونَ

**“Ба сӯи ту эй Расул низ Қуръонро нозил кардем, то он чиро барои мардум нозил шудааст, барояшон баён кунӣ ва бошад, ки бияндешанд ва итоат кунанд.”** (Наҳл, 44) Аммо маърифати муҷмал ва мубайян дар Қуръони карим яке аз муҳимтарин илмҳои қуръонӣ ба шумор меравад. Олимони тафсир баъди таҳлил ва

баррасӣ дар лафзҳо ва калимаҳои Қуръон ба хулосае омадаанд, ки лафзҳо ва калимаҳои он ё насс (نص) ё зоҳир (ظاهر) ё муҷмал (مجمل) ё мубайян (مبين) мебошанд.

***Насс*** ба он лафзе гуфта мешавад, ки як маъно дорад ва ягон маънои дигарро дар бар намегирад. Монанди фармудаи Аллоҳ таъоло:

فَمَن لَم يَستَطِع فَإطعامُ سِتّينَ مِسكينًا

**“Пас бояд шаст мискинро ба серӣ таъом диҳад...”** (Муҷодала, 4) Дар лафзи 60- мискин ягон эҳтимоли маънои дигар вуҷуд надорад.

***Лафзи зоҳир*** ба он лафзе гуфта мешавад, ки як маъноро дорад, локин эҳтимоли маънои дигаре дорад, ки ба он дар истилоҳи аҳли илм эҳтимоли марҷуҳ мегӯянд, яъне ин эҳтимол қобили қабул нест. Монанди фармудаи Аллоҳ таъоло:

وَأَحَلَّ اللَّهُ البَيعَ وَحَرَّمَ الرِّبا

**“Аллоҳ хариду фурӯшро ҳалол намуда ва риборо ҳаром кардааст.”** (Бақара, 275) Зоҳири оят ом аст, яъне бар ин маъно аст, ки ҳамаи намуди рибо ва ҳамаи намуди хариду фурӯш ҳалол мебошад.

***Муҷмал*** ба он лафзе гуфта мешавад, ки эҳтимоли аз як маъно бештарро дорад, аммо яке аз маъноҳо нисбат ба дигаре беҳтар ва саҳеҳтар мебошад ва зарур аст, ки мақсад ва муроди он лафз бо калимаҳо ва ҷумлаҳои дигар баён карда шавад.

***Мубайян*** ба он лафзе гуфта мешавад, ки он лафз равшан, ошкор ва возеҳ мебошад, ки зарурати шарҳ ва баёни он вуҷуд надорад. Мисолаш дар ин фармудаи Аллоҳ таъолост:

خُذ مِن أَموالِهِم صَدَقَةً تُطَهِّرُهُم وَتُزَكّيهِم بِها

**“Аз молҳои тавбакунандагоне, ки аъмоли некӯро бо корҳои зишт омехтаанд, садақа (закот) бигир, то ононро поку муназзаҳ созӣ...”** (Тавба, 103) Ин оят аз оятҳои муҷмал башумор меравад, зеро дар оят դониста намешавад аз кадом молҳо закот гирифта мешавад ва чӣ миқдор гирифта мешавад, ин оят ё амсоли ин оятҳо эҳтиёҷ ба баён ё ба оятҳо ё ҳадисҳои дигар доранд. Бинобар ин уламо дар таълифоти худ, дар илми усул, дар илмҳои қуръонӣ ва дар баҳсҳои илмии худ ба

муҷмал ва мубайян аҳамияти зиёд додаанд, ки ҳатто дар ин робита китобҳои хос низ таълиф кардаанд. Оятҳои Қуръони карим аз ҷиҳати баён бар 2-қисм мебошанд:

а) Он оятҳое, ки худ баён ва ошкоранд ва ба баёни дигар эҳтиёҷе надоранд, монанди ин фармудаи Аллоҳ таъоло:

قَد أَفلَحَ المُؤمِنونَ

**“Дар ҳақиқат наҷот ёфтанд мӯъминоне, ки ба Аллоҳу Расулаш тасдиққунанда ва ба шариаташ амалкунандаанд.”** (Мӯъминун, 1)

б) Он оятҳое, ки эҳтиёҷ ба баёнро доранд: Ин баён ё дар худи Қуръон зикр шудааст ё дар ҳадисҳои Паёмбар алайҳиссалом. Монанди ин фармудаи Аллоҳ таъоло:

إِنَّ ٱلْإِنسَٰنَ خُلِقَ هَلُوعًا ﴿١٩﴾ إِذَا مَسَّهُ ٱلشَّرُّ جَزُوعًا ﴿٢٠﴾ وَإِذَا مَسَّهُ ٱلْخَيْرُ مَنُوعًا ۝

**“Албатта, одамӣ ҳарис ва бесабр офарида шудааст, ҳангоме ки бадӣ ва вазниние ба ӯ расад, беқарорӣ кунад ва чун хубӣ ва осонӣ ба дасташ афтад, бахилӣ мекунад.”** (Маъориҷ, 19-21) Аллоҳ таъоло дар ин ҷо дар ибтидо инсонро ҳарис ва бесабр буданашро баён кард, ки дар ин ҷо ояти 19-ум аз оятҳои муҷмал ва оятҳои 20 ва 21-юм аз оятҳои мубайян шумурда мешаванд. Аммо баёне, ки Паёмбар алайҳиссалом дар ҳадисҳо зикр кардаанд, дорои равишҳои гуногун мебошанд:

- *Баён ба суханашон карданд.*

- *Баён ба феълашон карданд.*

- *Баён ба навишта карданд.*

- *Баён ба ишора карданд.*

- *Баён ба сарзаниш карданд.*

- *Баён ба тарки амри фармудашуда карданд.*

Ҳар яке аз ин баёнҳои зикршуда бо далелҳои саҳеҳ исботи худро ёфтаанд.

## Маърифати 53-юм: Ом ва хос

Дар ин замина фармудаи Аллоҳ таъоло аст:

بِلِسانٍ عَرَبِيٍّ مُبِينٍ

**“Ба забони арабии равшан, ки беҳтарини забонҳост.”** (Шуъаро, 195) Қуръони карим бо забони арабии ошкор нозил шудааст ва забони арабӣ дорои равишҳоест, ки дар ҷойҳое умуми мардумро ҳамчун хитобшавандагон қарор медиҳад ва дар ҷойҳое бо равишҳое суҳбат мекунад, ки гурӯҳи махсусеро ҳамчун хитобшавандагон қарор медиҳад, ки онҳо дорои сифат ё ҷинси хос мебошанд. Мисолҳо дар Қуръон зиёд ҳастанд, ки аҳли тафсир ба онҳо хело аҳамияти зиёд додаанд, монанди ин фармудаи Аллоҳ таъоло:

وَلِلَّهِ عَلَى النَّاسِ حِجُّ البَيتِ مَنِ استَطاعَ إِلَيهِ سَبِيلًا

**“Аллоҳ ҳаҷҷи хонаи Каъбаро бар касоне аз мардум, ки тавоноии рафтан бо онҷоро доранд, фарз гардонидааст...”** (Оли Имрон, 97) Инҷо лафзи мардум (الناس) ом аст, локин ба давоми ояте, ки мефармояд хос шудааст: **“Тавоноии рафтан бо он ҷоро доранд...”** Яъне фарз аст барои касоне, ки тавон доранд на барои ҳамаи мардум. Бар асоси ин олимон таълифоти зиёде доранд, ки масоил ва намудҳои ом ва хосро ба тарзи мафассал зикр кардаанд.

## Маърифати 54-ум: Мутлақ ва муқайяд

Баъзе ҳукмҳои шариъат дар Қуръону суннат ба сиғаи (равиш ва тарзи) мутлак зикр карда мешаванд, яъне ба ин маъно ки ҳукмҳои зикршуда дорои ҳеҷ як аз вобастагиҳои шартӣ, васфӣ, макон ва амсоли инҳоро надоранд. Мисли фармудаи Аллоҳ таъоло:

وَالَّذِينَ يُظاهِرونَ مِن نِسائِهِم ثُمَّ يَعودونَ لِما قالوا فَتَحريرُ رَقَبَةٍ مِن قَبلِ أَن يَتَماسّا ذٰلِكُم توعَظونَ بِهِ وَاللَّهُ بِما تَعمَلونَ خَبيرٌ

**“Онон, ки бо занони худ зиҳор мекунанд, сипас аз онҷи гуфтаанд, бозмегарданд, пас озод кардани ғуломе пеш аз он ки зану мард бо якдигар ҳамхобӣ кунанд, воҷиб аст. Ин дарс панде аст, ки ба шумо дода мешавад ва Аллоҳ ба он чӣ мекунед, огоҳ аст.”** (Муҷодала, 3) Дар ин оят Аллоҳ таъоло (ба озод кардани ғуломе) зикр кард ва ғуломро бо лафзи мутлақ ва ғайри муқайяд ба сифат, ба васф, ба моҳият ё ба шарте зикр намуд, яъне манзур ғуломест, ки таъаллуқият ба

сифат ва васфи хосе надорад, балки ба таври умумӣ зикр карда шудааст. Чи ғуломи мусалмон бошад ё кофир, ғуломи мард бошад ё зан ҳеҷ тафовуте нест, балки муҳим танҳо озод кардани як ғулом аст. Аммо ба таври мисол сиғаи муқайяд дар ин фармудаи Аллоҳ таъоло чунин зикр мешавад:

وَما كانَ لِمُؤمِنٍ أَن يَقتُلَ مُؤمِنًا إِلّا خَطَأً وَمَن قَتَلَ مُؤمِنًا خَطَأً فَتَحريرُ رَقَبَةٍ مُؤمِنَةٍ

**“Ҳеҷ мӯъмине набояд мӯъминеро бикушад, магар аз рӯи хато ва ҳар кас ки мӯъминеро ба хато кушт, пас бояд ғуломи мӯъминеро озод кунад...”** (Нисо, 92) Дар ин оят Аллоҳ таъоло ба озод кардани ғуломи мӯъмин зикр кард, ки лафзи ғуломи мӯъмин сиғаи муқайяд ба шумор меравад, яъне ба ин маъно ки ғуломе, ки бояд озод карда шавад мусалмон бошад, зеро мусалмон будани ӯ шарт дониста шудааст.

Масъалаҳо дар робита бо намудҳо ва тақсимоти оятҳои мутлақ ва муқайяд дар китобҳои тафсир муфассалан баён гардидаанд, ки мо ин ҷо аз овардани онҳо худдорӣ мекунем, зеро манзури мо дар ин китоб танҳо расондани маълумотҳои умумӣ ва мухтасар барои хонандагон мебошад.

## Маърифати 55-ум: Марҳалаи муҳим барои дарки дурусти матлабҳои Қуръони карим

Барои дарки дурусти матлабҳои Қуръони карим бояд ба 6-марҳала ё шартҳои зерин таваҷҷӯҳи ҷиддӣ кард, то ин ки аз ҳадаф ва матлабҳои асосии қуръонӣ дур нашуд:

1. Азамати Қуръони карим.

2. Пайравӣ аз Паёмбар алайҳиссалом.

3. Андешидан ва тарс.

4. Донистани ҳадафҳои Қуръон.

5. Донистани забони арабӣ.

6. Огоҳӣ ба таърихи миллатҳо ва мазҳабҳо.

Шарҳи марҳалаҳои зикршуда бо далелҳояшон.

1. Азамати Қуръони карим. Толиби воқеии Қуръони карим ва касе, ки мақсадаш фаҳми дурусти матлабҳои қуръонист, бояд ибтидо азамати Қуръони каримро дар дилаш ҷой диҳад ва ин ҳидоятгари илоҳӣ дар тамоми вуҷудаш таъсир дошта бошад. Фармудаи Аллоҳ таъоло аст:

لَو أَنزَلنا هذَا القُرآنَ عَلى جَبَلٍ لَرَأَيتَهُ خاشِعًا مُتَصَدِّعًا مِن خَشيَةِ اللَّهِ وَتِلكَ الأَمثالُ نَضرِبُها لِلنّاسِ لَعَلَّهُم يَتَفَكَّرونَ

**“Агар Мо ин Қуръонро бар кӯҳе аз кӯҳҳо нозил мекардем, пас медидӣ, ки чигуна кӯҳ бо ин ҳама устуворӣ ва қавӣ буданаш аз ваъидҳое, ки дар Қуръон аст, аз ҳам мепошид ва ба хок яксон мешуд. Ин намунае аз мисолҳост, ки Мо барои мардум меоварем, то бошад ки онҳо дар қудрати Аллоҳ ва бузургиаш биандешанд”.** (Ҳашр, 21) Яъне соҳиби Қуръон дорои чунон азаматест, ки агар Қуръон бар кӯҳе нозил мешуд он кӯҳ дар муқобили азамат ва бузургияш хозеъ (фармонбардор) ва паст шуда, аз тарс тикка-тикка ва пора-пора мегашт. Аллоҳ таъоло дар Қуръон пай дар пай баён мекунад, ки Мо ин Қуръонро нозил кардаем ва онро ба худ нисбат медиҳад, ки ин танҳо барои исботи силсилаи санади Қуръони карим нест, балки ҳадаф аз он баёни азамат ва бартарии каломи илоҳӣ ва сабаби рӯшноии шамъи имон низ мебошад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

اللَّهُ نَزَّلَ أَحسَنَ الحَديثِ كِتابًا مُتَشابِهًا مَثانِيَ تَقشَعِرُّ مِنهُ جُلودُ الَّذينَ يَخشَونَ رَبَّهُم ثُمَّ تَلينُ جُلودُهُم وَقُلوبُهُم إِلى ذِكرِ اللَّهِ ذلِكَ هُدَى اللَّهِ يَهدي بِهِ مَن يَشاءُ وَمَن يُضلِلِ اللَّهُ فَما لَهُ مِن هادٍ

**“Аллоҳ беҳтарин суханро нозил кардааст, ки Қуръон аст. Китобе, ки оёташ монанди якдигар ва такрорист, ки аз шунидани он бадани касоне, ки аз Парвардигорашон метарсанд ба ларза меафтад. Сипас пӯстҳояшон ва дилҳояшон ба ёди Аллоҳ нарм мешавад ва ором мегиранд. Ин роҳи Аллоҳ аст, ки ҳар киро бихоҳад, ба он роҳнамоӣ мекунад ва ҳар киро Аллоҳ гумроҳ кунад, ӯро ҳеҷ роҳнамое нахоҳад буд!”** (Зумар, 23) Имом Шотибӣ раҳимаҳуллоҳ дар китоби *“Мувофақот”* – и худ дар ин робита монанд сухане дорад: *“Касе мехоҳад, ки динро бифаҳмад бар ӯ лозим аст Қуръонро мунис ва ҳамдами хеш қарор бидиҳад ва шабонарӯз бо Қуръон иртибот ва вобастагии илмӣ ва амалӣ дошта бошад. Агар чунин бикунад, пас ба ҳадаф мерасад.”*

2. Пайравӣ аз Паёмбар алайҳиссалом. Аллоҳ таъоло каломи худро ба забони арабӣ нозил кард ва онро дар миёни худ ва бандагонаш восита ва робита қарор дод ва Паёмбарон алайҳиссаломро барои он баёнкунанда ва таълимдиҳанда қарор дод. Бинобар ин барои истифодаи саҳеҳ ва фаҳми дурусти Қуръони карим бояд ба гуфтору рафтори он ҳазрат алайҳиссалом назар кард. Фармудаи Аллоҳ таъоло:

هُوَ الَّذِي بَعَثَ فِي الْأُمِّيِّينَ رَسولًا مِنهُم يَتلو عَلَيهِم آياتِهِ وَيُزَكّيهِم وَيُعَلِّمُهُمُ الكِتابَ وَالحِكمَةَ وَإِن كانوا مِن قَبلُ لَفي ضَلالٍ مُبينٍ

**“Ӯст Аллоҳ, ки дар миёни арабҳои бесавод, ки хонда наметавонистанд, на китоб ва на рисолате доштанд, Паёмбаре аз худашон фиристод, то оёташро бар онҳо бихонад ва онҳоро аз ақидаҳои ботил ва ахлоқи бад покиза созад ва ба онон Қуръон ва суннатро биёмӯзонад. Агарчи пеш аз ин биъсати Расули акрам онҳо дар гумроҳии ошкор буданд.”** (Ҷумъа, 2)

Имом Шотибӣ раҳимаҳуллоҳ ҳамчунин мефармояд: *“Суннати Паёмбар алайҳиссалом ба манзалати шарҳ ва тафсири Қуръони карим аст.”*

3. Андешидан ва тарс. Барои истифодаи саҳеҳ ва комил аз Қуръони карим мо бояд дар фикри баҳрабардорӣ аз он бошем ва дар дил шавқи талаби фаҳми Қуръон дошта бошем, аз ин ҷост, ки Аллоҳ таъоло фармудааст:

ذَلِكَ الكِتابُ لا رَيبَ فيهِ هُدًى لِلمُتَّقينَ

**“Ин аст ҳамон китобе, ки дар он ҳеҷ шакке нест ва аз ҷиҳати равшан буданаш ба ҳеҷ кас дуруст нест, ки дар он шак кунад. Аз ин китоб муттақиён баҳра мебаранд, онон ки аз Аллоҳ метарсанд ва ҳукмҳои Ӯро пайраванд. Ин китоб парҳезгоронро роҳнамост.”** (Бақара, 2) Инҷо манзур аз тақво ба маънои луғавии он аст, яъне тарс ва андеша намудан. Бинобар ин манзури оят аз лафзи муттақиён касоне аст, ки дар дил тарс ва андешаи ислоҳ доранд, ки Қуръон онҳоро роҳнамоӣ мекунад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

فَذَكِّر إِن نَفَعَتِ الذِّكرى {سَيَذَّكَّرُ مَن يَخشى

**“Эй Расул, агар ба қавмат панд доданат фоида бикунад, панд бидеҳ. Худро дар панд додани шахсе, ки саркашӣ мекунад, азият мадеҳ. Ҳар касе, ки аз Аллоҳ**

**метарсад, ба зудӣ панд хоҳад пазируфт.”** (Аъло, 9-10) Дар ин оятҳо ишора ба он аст, ки аз Қуръони карим касоне панд ва насиҳат мегиранд, ки онҳо тарс аз Аллоҳ таъолоро дошта бошанд. Ҳамчунин фармудаи Аллоҳ таъоло ба ин матлабҳо ишора менамояд:

إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَذِكْرَىٰ لِمَن كَانَ لَهُ قَلْبٌ أَوْ أَلْقَى السَّمْعَ وَهُوَ شَهِيدٌ

**“Ҳароина, дар ин сухани Аллоҳ панд ва насиҳатест барои касоне, ки бо дилҳои хеш оятҳо ва далоили илоҳиро бифаҳманд, онҳоро бо гӯшҳояшон бишнаванд ва диле дошта бошанд, ки ғафлатзада ва фаромӯшкор набошад.”** (Қоф, 37) Дар ин оят ба се амре, ки банда метавонад матлабҳои Қуръони каримро аз худ кунад, таъкид шудааст:

*а) Бо дили бедор ва содиқона гӯш кардани Қуръон.*

*б) Гӯш фаро додан ба Қуръон ва мутаассир шудан аз оятҳои он.*

*в) Бо ҳузури қалбӣ ва дур аз ғафлат ба Қуръон таваҷҷӯҳ кардан ва андешидан дар оятҳои он.*

Бар асоси ин гуфтаҳо, барои истифода аз Қуръон эҳсоси ниёзи воқеъӣ ва ростин лозим аст ва ҷуз он роҳи дигаре вуҷуд надорад. Бояд роҳҳоеро ба кор гирифт, ки моро дар сабабҳои фаҳми Қуръон кумак мекунанд ва дур шуд аз он роҳҳое, ки барои фаҳми Қуръон монеъа мешаванд.

4. Донистани ҳадафҳои Қуръон. Ҳадафи асосии даъвати Қуръон саодати абадии инсон аст, ки Қуръон зоҳир ва ботини инсонро чунон ислоҳ мекунад, ки инсон дар охират бо мушкилие мувоҷиҳ нагардад ва ба дараҷа ва мақоми пок даст биёбад, ки шоистагии ҳузур дар боргоҳи илоҳиро дошта бошад. Фармудаи Аллоҳ таъолост:

يَا أَيُّهَا النَّاسُ قَدْ جَاءَتْكُم مَّوْعِظَةٌ مِّن رَّبِّكُمْ وَشِفَاءٌ لِّمَا فِي الصُّدُورِ وَهُدًى وَرَحْمَةٌ لِّلْمُؤْمِنِينَ

**“Эй мардум, барои шумо аз ҷониби Парвардигоратон панде омад, ки шуморо аз азоби Аллоҳ бим медиҳад ва он Қуръон аст, ки дорои ахлоқ ва аъмоли шоистаи шумо аст ва дар он шифоест барои он бемориҳое, ки аз нодонӣ, шакку шубҳа ва ширк дар дил доред ва роҳнамову раҳматест барои мӯъминон.”**

(Юнус, 57) Ҳадафи асосии Қуръон ҳидоят ва роҳнамоии башар аст, ки башар чи гуна зиндагӣ бикунад, ки дар охират аз он баҳраманд гардад ва ризоят ва хушнудии Аллоҳи мутаъол шомили ҳолаш шавад. Имом Шотибӣ раҳимаҳуллоҳ дар китоби *“Мувофақот”* – и худ мефармояд: *“Дар асл илмҳои қуръонӣ бар се гуна тақсим мешаванд.”*

а) *Шинохти Аллоҳ таъоло.* Шинохти Аллоҳ таъоло шомили маърифати номҳо, сифатҳо ва феълҳои Аллоҳи мутаъол аст ва илми нубувват худ ҳамин аст, зеро он аз баркарории робита байни инсон ва Аллоҳи мутаъол иборат мебошад.

б) *Асбоби ризоят ва хушнудии Аллоҳ таъоло.* Ин шомили маърифати аҳкоми ибодатҳо ва муомилотро баён мекунад.

в) *Оқибат ва саранҷоми инсон.* Ин қисмат шомили маърифати марг ва умури вобаста ба онро баҳс мекунад, ки инҳо аҳволи қиёмат, биҳишту дӯзах ва оятҳои тарғиб ва тарс мебошанд.

5. Донистани забони арабӣ. Қуръон бо забони арабӣ нозил шудааст ва барои истифодаи саҳеҳ аз он роҳе ҷуз ёдгирии забони арабӣ вуҷуд надорад. Фармудаи Аллоҳ таъолост:

إنّا أَنزَلناهُ قُرآنًا عَرَبِيًّا لَعَلَّكُم تَعقِلونَ

**“Мо Қуръонро бо забони арабӣ нозил кардаем, то ин ки шумо маънои онро бифаҳмед ва он чиро, ки дар он аст, оқилона дарёбед ва ба ончи ки роҳнамоӣ мекунад, амал намоед!”** (Юсуф, 2) Албатта забони арабии Қуръони карим чунон аз меъёри болое бархӯрдор аст, ки ҷамъе аз уламои Ислом фасоҳат ва балоғати Қуръонро, эъҷози асосии он донистаанд. Бинобар ин олимон барои шарҳи алфози Қуръони карим ду равишро интихоб кардаанд:

1. Баъзе аз онҳо тамоми алфози Қуръонро ҷамъоварӣ карда ва шарҳ додаанд ва онро ба номи муфрадоти Қуръон номгузорӣ кардаанд, монанди муфрадоти Қуръони Имом Роғиби Исфаҳонӣ.

2. Баъзе дигар танҳо бар ҳалли луғоти мушкили Қуръон иктифо карда ва онро ба Ғарибул Қуръон номгузорӣ кардаанд.

6. Огоҳӣ ба таърихи миллат ва мазҳабҳо. Барои касе, ки қасди фаҳми матлабҳои қуръониро дорад, лозим аст, ки ба таърих ва қавмҳое, ки дар Қуръон зикр шудаанд, ба мазҳабҳое, ки мавриди хитоб воқеъ гардидаанд ва ҳамчунин ба таърихи Ислом ва сирати Паёмбар алайҳиссалом огоҳии кофӣ дошта бошад. Қобили зикр аст, ки ҳар чанд огоҳии шахс бештар бошад, ҳамон миқдор фаҳми оятҳо низ барои ӯ ошкортар хоҳанд шуд. Фармудаи Аллоҳ таъолост:

إِنَّ هذا لَهُوَ القَصَصُ الحَقُّ وَما مِن إِلهٍ إِلَّا اللَّهُ وَإِنَّ اللَّهَ لَهُوَ العَزيزُ الحَكيمُ

**“Ҳамоно ин қиссае, ки туро хабар додам рост ва дуруст аст ва дар он шакке нест. Ҷуз Аллоҳ ҳеҷ маъбуде бар ҳақ нест ва Ӯ Аллоҳи пирӯзманду ҳаким аст!”** (Оли Имрон, 62) Аллоҳ таъоло мусалмононро мухотаб қарор дода ва онҳоро дар ақоид, ибодот, ахлоқ ва муомалот роҳнамоӣ карда ва ҷараёни бисёр муҳим ва ҷангҳоро баён намудааст.

Хулоса Қуръони карим дар замони нузулаш чаҳор фирқаи гумроҳ, ки мушрикон, яҳуд, насоро ва мунофиқон буданд, ба сурати хусуси мавриди хитоб қарор дода, ақоид ва аъмолашонро танқид карда ва аз ахлоқи зиштӣ онҳо парда бардоштааст.

## Хотима ва тавсияҳои китоб

Бояд донист, ки ҳидоят ва саодати башар танҳо бо барқарории равобит бо Аллоҳи мутаъол муяссар мегардад. Аллоҳ таъоло барои иршод ва ҳидояти башар Паёмбаронро восита қарор дода ва сухани худро ба сурати қонуни зиндагӣ бар онҳо нозил фармудааст, то ин ки башарият битавонад роҳи саодатро паймуда ва ба манзили аслии худ бирасад. Ин амрро Аллоҳ таъоло бо як силсила нузули китобҳои худ анҷом дод, ки Қуръони карим ба унвони охирин китоби нозилшуда бар охирин Паёмбар алайҳиссалом мебошад. Аммо аз сабабе, ки фасоҳату балоғати башарият барои дарёфти муроди Аллоҳ таъоло заиф аст, Аллоҳ таъоло Расули худро фиристонд ва ӯро баёнгари он қарор дод, то инсоният битавонад роҳнамое дар зиндагии худ дошта бошад.

Қуръони карим каломи Аллоҳи мутаъол аст, ки ин нахустин бартарияти мақоми воқеъии ин китоб мебошад ва бартарият ва шарофати дигари Қуръон ин аст, ки таълим ва баёни ин китоб бар ӯҳдаи Паёмбар алайҳиссалом супурда шудааст. Бинобар ин Қуръони карим бояд меҳвар ва маркази тамоми афкор ва тавҷеҳот бошад ва дар тамоми марҳалаҳои зиндагӣ ҳамчун чароғи ҳидоят ва растагорӣ қарор бигирад, аммо мутаассифона бисёре аз мусалмонон аз дастуроти ин китоби муқаддас иттилоъе надоранд. Бар замми ин ҷаҳолат ва ғафлат, боз аламовар он аст, ки мусалмонони ноогоҳ аз ин бехабарӣ ва беилмӣ аз дастуроти Қуръон эҳсоси нороҳатӣ ҳам намекунанд.

Шахсе бо тиловати Қуръони карим ҳамчунин қасди фаҳми матолиби онро низ дошта бошад, бояд дастурот ва шароити муҳимтареро ҳам бидонад. Аввал ин ки қалби шахс бояд ҳангоми тиловат ҳарчи иртибот ва дилбастагии бештаре ба Қуръон дошта бошад ва дар қалби ӯ бояд тарс, шавқ ва истеҳзори (огоҳии) сухани Аллоҳ таъоло бошад, ки ӯ дар ин сурат то ҳамон андоза аз ганҷинаи фаровони ин китоб баҳраманд шуда ва асрор, ҳикмат ва матлабҳои он барояш ошкор мешаванд. Дуввуман бошад, тақво ва пок будан аз асостарин шароити муҳими асрори Қуръони карим аст ва касе, ки шеваи зиндагонияш хилофи шариъати илоҳӣ бошад ва олуда ба гуноҳ шавад, ҳаргиз матолиби Қуръониро дарк намекунад. Дар ин замина фармудаи Аллоҳ таъолост:

وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۖ وَيُعَلِّمُكُمُ ٱللَّهُۗ وَٱللَّهُ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٞ.

**“Аз Аллоҳ битарсед ва Аллоҳ некии дунё ва охиратро ба шумо меомӯзад ва Аллоҳ бар ҳар чизе доност.”** (Бақара, 282)

Таърих дар сайри доимиаш гоҳе дучори лаҳзаҳои ҳассосе мешавад, ки онро нуқтаи атфи таърих мегӯянд ва бешак ҳассостарин фарози таърих ё дақиқтарин нуқтаи он замонест, ки дар ғори Ҳиро иртиботи замин бо осмон барқарор мешавад. Замоне, ки Аллоҳи мутаъол ба василаи Ҷабраил алайҳиссалом паёми зеринро нозил мефармояд, ки ҳарчанд ин паём ба Паёмбар алайҳиссалом буд, аммо барои кулли башарият ҳамчун паёми саодат ва хушбахтӣ ҳисобида мешавад:

{ اقرأ بِاسمِ رَبِّكَ الَّذي خَلَقَ١ (خَلَقَ الإِنسانَ مِن عَلَقٍ)٢ (اقرَأ وَرَبُّكَ الأَكرَمُ)٣ (الَّذي عَلَّمَ بِالقَلَمِ)٤ (عَلَّمَ الإِنسانَ ما لَم يَعلَم }

**"Эй Паёмбар, бихон ба номи Парвардигорат, ки ҳастиро офарид. Ҳамон Парвардигоре, ки инсонро аз хуни баста офарид. Бихон ва Парвардигорат аз ҳама бузургвортар аст. Ҳамон касе, ки ба василаи қалам навиштанро омӯхт. Ба инсон он чиро, ки намедонист, омӯхт.”** (Икра, 1-5)

Манзур аз илми тафсири Қуръон, илмест ки бо истифода аз илмҳои гуногуне мисли сарф, наҳв, баён, усули фиқҳ, қироъат, сабабҳои нузул, носих ва мансух, мафҳуми аҳком ва ҳикматҳои Қуръони карим дониста мешавад. Чуноне ки Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَ لا يَأتونَكَ بِمَثَلٍ إِلّا جِئناكَ بِالحَقِّ وَأَحسَنَ تَفسيرًا

**“Ҳеҷ масале барои ту наёваранд, магар он, ки ҷавобашро ба ростӣ ва некӯтарини баён биёварем.”** (Фурқон, 33)

Аммо манзур аз таъвили Қуръон бошад, аз дидгоҳи уламои мутақаддимин ду маъно дар назар аст:

*а) Тафсири калом ва баёни маънои он, чи мувофиқи зоҳир бошад ё мухолифи он ва ба назари ин гурӯҳ аз уламо тафсир ва таъвил ҳаммаъно мебошанд.*

*б) Аммо агар оятҳо далолат бар амр ва ё наҳй бикунанд, таъвили он танҳо амр ва наҳй аст, ки бояд бо амршудаҳо амал кард ва аз наҳй дурӣ кард. Аммо агар оятҳо хабарӣ бошанд, пас бояд онҳоро тасдиқ кард, ба онҳо имон овард ва онҳоро қабул намуд.*

Пайдоиши илми тафсири Қуръон давронҳои зиёдеро пушти сар ниҳода, то ба ин шакли имрӯза дар ихтиёри мо қарор гирифтааст, ки сароғози ин илм ба асри Паёмбар алайҳиссалом бармегардад. Асҳоби Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз арабҳои холис буданд ва баёноти қуръониро бо завқи арабияти худ дармеёфтанд ва оятҳои қуръониро, ки бар Паёмбар алайҳиссалом нозил мегардиданд, бо роҳатӣ мефаҳмиданд. Ҳар лаҳза ҳам, ки нофаҳмие ба миён меомад ва саволе пайдо мешуд, аз Паёмбар алайҳиссалом мепурсиданд.

Асоситарин манбаъҳои тафсир, ки барои фаҳми дурусти оятҳои қуръонӣ кумак мекунанд, 5-то мебошанд:

1. Қуръони карим. Нахустин манбаъ ва маъхази тафсири Қуръони маҷид, худи Қуръони карим аст, зеро Қуръонро Аллоҳ таъоло нозил фармуда ва ба ҳадафҳои он огоҳӣ ва илми комил дорад ва баъзе аз оёти онро бинобар ҳикмате дар ҷое ба сурати муҷмал ва мубҳам оварда дар оёти дигаре онро тафсил ва ошкор намудааст.

2. Ҳадисҳои Паёмбар алайҳиссалом. Дуввумин манбаъи тафсири Қуръон, ҳадисҳои Паёмбар алайҳиссалом мебошанд, зеро Аллоҳ таъоло Қуръонро бар Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил фармуд ва дар оёти зиёде ҳадаф аз биъсати Паёмбарро баёни оёти Қуръон зикр намудааст.

3. Асҳоби Расули акрам алайҳиссалом. Севвумин манбаъи тафсири Қуръон, баёнот ва бардоштҳои асҳоби Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошанд, зеро Қуръон ба забони онҳо нозил шуда ва онон бидуни восита дар маҳзари Паёмбар алайҳиссалом ҳозир мешуданд, касби илму дониш менамуданд ва фаҳмҳои Қуръониро аз эшон дар меёфтанд. Онҳо баъд аз анбиё аз ҳар ҷиҳат бартарин, беҳтарин ва донишмандтарини мардумонанд.

4. Чаҳорумин манбаъи тафсир, фаҳмҳо ва ақволи тобеъин мебошад, зеро тобеъин шогирдони асҳоби Расули акрам алайҳиссаломанд, дар беҳтарин аср зиндагӣ кардаанд ва тафсири Қуръонро бо ширкат дар мадрасаҳои тафсири асҳоби Расули акрам алайҳиссалом омӯхтаанд. Дар асри онон забони арабӣ дучори тағироти зиёд нашуда буд ва бинобар ин онҳо нисбат ба наслҳои баъдӣ беҳтар маъно ва фаҳмҳои Қуръонро дарк мекарданд.

5. Луғати арабӣ. Панҷумин манбаъи тафсири Қуръон луғати арабист, ки агар мафҳуми ояти Қуръон равшан бошад ва дар он ибҳом (нофаҳмӣ), иҷмоле набошад ва ниёзе ба зикри ҳодисаҳои таърихӣ набошад, пас луғати арабӣ танҳо манбаъи тафсири Қуръон ба ҳисоб меояд. Чуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

إِنَّا جَعَلْنَاهُ قُرْآنًا عَرَبِيًّا لَعَلَّكُمْ تَعْقِلُونَ

**“Мо ин китоби Қуръонро бо забони арабӣ бар Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил кардем. Шояд, ки маъноҳояшро бифаҳмед ва дарёбед.”** (Зухруф, 3)

## Адабиёти истифодашуда


1. Қуръони карим
2. Диросот фи улуми Қуръони карим, Фаҳд Румӣ
3. Мушкотул масобеҳ, Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Табрезӣ
4. Роҳнамоии илми Қуръон, Муҳаммад Увайси Нигромӣ, бо тарҷумаи форсӣ
5. Сунани Абудовуд, Абудовуд Сулаймони Сайидистонӣ
6. Саҳеҳи Бухорӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ
7. Саҳеҳи Муслим, Абулҳусайн Муслим ибни Ҳаҷҷоҷи Нишопурӣ
8. Силсилаи Саҳеҳа, Муҳаммад Носириддин
9. Тарҷумаи маъонии Қуръон бо забони тоҷикӣ, Хуҷаамир
10. Тафсири навин, Абдушариф Боқизода
11. Фазоили қуръонӣ, Ибни Касир